Ҷавонони мо имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа – илму маориф, тандурустиву фарҳанг, омӯхтан ва истифодаи техникаву технологияҳои пешрафта, соҳибкориву саноат, кишоварзиву энергетика ва хизмати давлатӣ фаъолияти назаррас доранд. Саъю талоши онҳо, ҳамчунин, барои рушди варзиш ҳамчун омили муҳимтарини пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ кардани Тоҷикистони азизамон қобили таҳсин мебошад.

Эмомалӣ РАҲМОН

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА** - вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА** - ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА** - муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА** - директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ** - раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА** - президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА** - ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулҳия НОЗАКЗОДА** - раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА** - сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ** - сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА** - директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА** - узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА** - муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД** - муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО



**Маорифи Тоҷикистон**

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6892 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№5**

**№5 (241), 2025**

# М У Н Д А Р И Ч А


**РАҲНАМО**

ҶАВОНОН – СОЗАНДАГОНИ ФАРДОИ ДУРАХШОНИ ТОҶИКИСТОН *(Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон)*....3

**23 МАЙ – РӮЗИ ҶАВОНОН**

Н. НУРАЛИЗОДА. Пешвои миллат ва ҷавонон....5

**ҒАЛАБАИ БУЗУРГ**

Д. АЛИМОВ. Диловарию корнамоиҳои бузург дар муҳорибаҳо....9

**ВАСФИ СУЛҲ**

Ш. РАҶАБЗОД. Ситоиши сулҳу ваҳдат дар ашъори шоирони тоҷик....12

**СОЛИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО**

Х. НАЗИРӢ. Раванди обшавии пиряхҳо ва алоқамандии он бо тағйирёбии иқлим....17

**ИДЕОЛОГИЯ**

Н. ҚУДРАТОВ. Экстремизми рақамӣ: таҳдид ба амнияти миллӣ ва роҳҳои муқовимат ба он....20

**ПЕДАГОГИКА**

С. АМРИЕВ. Мафҳум, моҳият ва унсурҳои педагогикаи рақамӣ....25

**ТАҲСИЛОТ ВА ЗАМОН**

С. ШЕРДИЛОВА. Технологияи кейс ва афзалияти он дар раванди таълим....30

**ТАЪЛИМ**

М. АШӮРОВА. Методи таҳлил ва таркиби овозӣ....34

**ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР**

С. ҚУВВАТОВ, Н. БОБОЕВ. Мушкилоти забони ишораи тоҷикӣ ва роҳҳои ҳалли он......37

**АДАБИЁТШИНОСӢ**

Шермуҳаммад ЁРМУҲАММАДЗОДА. Такомул ва таҳаввули қитъа дар адабиёти асри X ва нимаи аввали асри XI....41

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

М. ШАМСИЕВ, Ҳ. ШИРИНОВ. Зеҳни сунъӣ: мафҳум, намудҳо ва заминаҳои татбиқшавии он....48

**МАТЕМАТИКА ДАР СИНФИ ИБТИДОӢ**

З. НЕГМАТОВА. Мафҳуми дарозӣ ва вобастагии байни ченакҳои он....51

**РИЁЗӢ**

Р. РАҲИМОВ. Муайян намудани татбиқшавандагии теоремаи Ролл....54

**АСТРОНОМИЯ**

Р. БАҲРОМЗОД. Истифодаи Барномаи кайҳоннамои Stellarium дар ҷараёни таълим........57

**САНАД**

Тартиби эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ....61

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИДОВ. Муаммои «Ғалаба муборак!»....64

# ҶАВОНОН – СОЗАНДАГОНИ ФАРДОИ ДУРАХШОНИ ТОҶИКИСТОН

*Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон*

22.05.2025, шаҳри Душанбе




**Ҷавонони саодатманду сарбаланди кишвар!**

**Соҳибони фардои Ватан!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи ҷавонон, ки ҳар сол санаи 23-юми май дар кишвари соҳибистиқлоли мо таҷлил мегардад, самимона табрик мегӯям. Ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломативу хушбахтӣ ва дар ҷодаи муқаддаси ватансозиву ватандорӣ азму иродаи қавӣ орзу менамоям.

Мо ҷавононро барои расидан ба ҳадафҳои созанда ва ба оянда нигаронидашудаи давлат ва Ҳукумати мамлакат қувваи бузург медонем.

Маҳз ба ҳамин хотир, мо ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ тамоми имкониятҳои заруриро барои таълиму тарбияи ҷавонон ва ташаккули зеҳниву ҷисмонии онҳо фароҳам овардем ва ин равандро бомаром идома дода истодаем. Дар робита ба ин, мехоҳам як масъалаи муҳимро таъкид намоям: ҳимояи истиқлолу озодии Тоҷикистон ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ки аз ҷумлаи нахустин ва бузургтарин ҳадафҳои сиёсии мо мебошад, имрӯз ва дар оянда низ аз фаъолияти ватандӯстонаи ҷавонон вобастагии бевосита дорад.

Бо қаноатмандиву ифтихор иброз медорам, ки ҷавонони бонангу номуси тоҷик дар душвортарин шароиту лаҳзаҳо барои ҳифзи истиқлоли давлатӣ, барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, таъмин намудани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми бузург гузоштанд. Имрӯзҳо низ ҷавонони далеру ватандӯсти тоҷик ба хотири ҳифзи амнияти давлату ҷомеа, суботу оромӣ, таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат ва ҳимояи зиндагии осудаи мардуми тоҷик дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар содиқона хизмат карда истодаанд.

Ҷавонони мо имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа – илму маориф, тандурустиву фарҳанг, омӯхтан ва истифодаи техникаву технологияҳои пешрафта, соҳибкориву саноат, кишоварзиву энергетика ва хизмати давлатӣ фаъолияти назаррас доранд. Саъю талоши онҳо, ҳамчунин, барои рушди варзиш ҳамчун омили муҳимтарини пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ кардани Тоҷикистони азизамон қобили таҳсин мебошад.

Ҳукумати мамлакат барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба тарбия, таҳсил, кору фаъолият ва истироҳату фароғати ҷавонон, яъне фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои онҳо тамоми иқдомоти заруриро амалӣ гардонида истодааст. Аз ҷумла тавассути қабул ва амалӣ намудани қонунҳо дар самти кор бо ҷавонон ва варзиш, татбиқи самараноки Стратегияи сиёсати

давлатии ҷавонон барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои давлатӣ дар самти кор бо ҷавонон ва варзиш заминаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии рушди соҳа фароҳам гардидаанд. Таъсиси Шурои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти мамлакат, Шурои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, бунёд ва ба истифода додани марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат, бунёди ҳазорҳо муассисаи таълимии ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ ва даҳҳо ҳазор иншооти муҷаҳҳазу замонавии варзиш аз ҷумлаи ҳамин иқдомот ба ҳисоб мераванд.

Тавре ки қаблан низ гуфта будам, бо мақсади фароҳам овардани шароити ҳарчи беҳтар барои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ҳоло дар соҳаи маорифи кишвар 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта ба истифода дода шуд. Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард. Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст.

Имрӯз дар кишвар 153 литсейи касбҳои техникӣ, коллеҷҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ бо 141 ҳазор хонандаву донишҷӯ фаъолият дорад.

Илова бар ин, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд.

Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони боистеъдоди мо дар беҳтарин муассисаҳои таҳсилоти олии 42 давлати пешрафтаи ҷаҳон таҳсили илм доранд. Ҳамаи иқдомоти зикршуда дастгириву ғамхории давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба хотири соҳиби илму донишҳои муосир ва касбу ҳунарҳои замонавӣ гардонидани ҷавонони кишвар мебошанд.

Сиёсати ҷавонгардонии кадрҳои хизмати давлатӣ, таъсиси квотаву стипендияҳои президентӣ, Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман!», «Илм фурӯғи маърифат» ва чорабиниҳои дигар ҳама гувоҳи ғамхориву таваҷҷуҳи доимии давлат ва Ҳукумати мамлакат ба наврасону ҷавонон – насли ояндасози ҷомеа мебошад.

Боиси қаноатмандиву ифтихор аст, ки ҷавонони мо бо дарки масъулияти сиёсиву иҷтимоии худ дар назди давлат ва ҷомеа барои пешрафту ободии Ватани худ бо эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва бо иттиҳоду сарҷамъӣ заҳмат мекашанд.

Бо мақсади рушди илмҳои дақиқ, густариши тафаккури навоварӣ ва истифодаи васеи технологияҳои муосир мо солҳои 2020 – 2040-ро «Солҳои омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ», солҳои 2025 – 2030-ро «Солҳои рушди инноватсия ва иқтисоди рақамӣ» эълон намудем. Дар ин раванд, аз ҷавонони созандаи Ватан умед дорем, ки бо омӯхтани илму донишҳои муосир, дар навбати аввал, илмҳои дақиқ ва риёзӣ, эҷодкориву ихтироъкорӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва ташаббускорӣ дар амалӣ сохтани ин ҳадаф низ саҳми арзанда мегузоранд.

Ҷавонони мо, ки дар фазои истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ камол ёфтаанд, бояд Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дастовардҳои онро чун неъмати бузургтарини миллати тоҷик ҳифз карда, бо кору амали созандаи худ Ватани маҳбуби хешро боз ҳам ободу пешрафта гардонанд. Вазъи бисёр ноорому бесуботи ҷаҳони муосир, аз ҷумла, бархӯрди тамаддунҳо, пеш аз ҳама, ба зеҳну шуур ва мафкураи наврасону ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад. Дар чунин марҳала ва шароити ҳассос шумо – фарзандони Тоҷикистони соҳибихтиёр бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошед, забон, таърих, фарҳанг, расму ойинҳо ва дигар арзишҳои миллиро доим гиромӣ доред, ҳаргиз ба бегонапарастӣ роҳ надиҳед ва дар хотир дошта бошед, ки дар ҳимояи манфиатҳои миллати тоҷик ва давлати тоҷикон ҳар яки шумо низ масъулият доред.

Шумо – ҷавонони азиз, ки созандагони фардои дурахшони Тоҷикистон ва сутуни боэътимоди давлату миллат ҳастед, ҳисси баланди миллӣ дошта бошед, Ватани маҳбуби худро сидқан дӯст доред, онро содиқона ҳифз намоед ва ифтихор намоед, ки фарзандони яке аз миллатҳои бостонӣ ва соҳибфарҳангу тамаддунсози дунё ҳастед. Ман ба ақлу заковат, худогоҳиву худшиносӣ, далериву шуҷоат, ғайрату матонат ва неруи зеҳниву ҷисмонии шумо – фарзандони даврони истиқлоли Тоҷикистон эътимоди комил дорам. Бовар дорам, ки шумо анъанаҳои ватандӯстиву ватандорӣ ва созандагиву бунёдкории халқамонро идома бахшида, Тоҷикистони азизамонро ободу пешрафта мегардонед ва обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардоред.

Бори дигар ҳамаи шумо – ҷавонону наврасони кишварро ба ифтихори Рӯзи ҷавонон самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тандурустӣ, иқболи нек ва дар кору фаъолияти созандаатон ба хотири пешрафти Ватани азизамон барору комёбиҳо орзу менамоям.

**Рӯзи ҷавонон муборак бошад, фарзандони хушиқболи Ватан!**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ҶАВОНОН



Ноилшоҳ **НУРАЛИЗОДА** – номзади илмҳои филологӣ

**Ба шарофати истиқлол Ватани маҳбуби мо – Тоҷикистон ба марҳалаҳои сифатан нави созандагию бунёдкорӣ ва тақвият бахшидани самтҳои афзалиятноки соҳоти кор ҷиҳати боло бурдани некуаҳволии мардум ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ гомҳои устувор мегузорад. Ба таъкиди Пешвои миллат, «Истиқлолияти воқеӣ доштан ва соҳиби давлату Ватан будан барои ҳар як инсон неъмати бебаҳо мебошад. Дар баробари соҳибватан будан ва аз давлати соҳибистиқлоли худ ифтихор доштан ҳар як фарди миллат, пеш аз ҳама, ҷавонон вазифадоранд, ки барои ободу зебо гардонидани сарзамини аҷдодӣ, неруманд гардонидани давлати миллӣ ва таҳкими нуфузу эътибори он дар арсаи байналмилалӣ ҳамеша саъю талош намоянд». Дар воқеъ, ин андеша барои бедории эҳсоси ватандорию ватандӯстӣ, раҳнамун сохтани мардуми кишвар, бахусус, ҷавонон ба ободониву шукуфоӣ ниҳоят арзишманду муҳим мебошад.**

Таваҷҷуҳи махсуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои марбут ба сиёсати ҷавонон ҳамчун падидаи бесобиқа дар таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Чунин муносибат ва амали хирадмандона аз солҳои аввали даврони соҳибистиқлолӣ рӯйи кор омад ва Пешвои миллат кӯшидаанд дар такя бо ҷавонон, ки зиёда аз 70 дарсади аҳолиро ташкил медиҳанд, дар рушди устувори неруи иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар ва муаррифии шоистаи он дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ба ин васила, барои шинохти арзишҳои миллӣ ва арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги гузашта заминаҳои боэътимодро гузоранд.

Баъди пушти сар шудани ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ ва ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ уфуқҳои нав дар раванди давлатдорӣ боз гардид. Ин давраи ташаккулёбии муносибатҳо барои ҷавонон, давраи қадамҳои устувор дар масири бунёди таҳкурсии асосии сиёсати давлатии ҷавонон - низоми идоракунии соҳаи кор бо ҷавонон маҳсуб меёбад, ки дар ин бобат саҳми Пешвои миллат хеле бузургу муассир мебошад.

Марҳалаи мазкур аз мулоқоти таърихии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонон, ки 23 майи соли 1997 баргузор шуда буд, ибтидо мегирад. Дар воқеъ, ҳамон вақт ин мулоқот дар давлатдории навини тоҷикон аз воқеаҳои муҳимми таърихӣ дар муносибати давлат бо насли ҷавон буд, зеро он дар шароити хеле ҳассоси кишвар, баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ баргузор гардид. Дар мулоқоти мазкур Сарвари давлат нақши ҷавононро дар барқарорсозии сулҳ, ваҳдати миллӣ ва рушди минбаъдаи Тоҷикистон муҳим арзёбӣ намуданд ва ҷавононро ба дӯст доштани Ватан, омӯзиши илму маърифат ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ даъват карданд ва ҳамчунин, таъкид бар он доштанд, ки ояндаи кишвар дар дасти ҷавонон аст ва давлат барои дастгирии онҳо тадбирҳои зиёдеро пиёда хоҳад намуд. Дар ҳамин мулоқот Пешвои муаззами миллат 23-юми майро ҳамчун Рӯзи ҷавонон эълон карданд ва дар шароити бо тадриҷ



дигаргуншавии муносибатҳои идоракунӣ қишри ояндасоз – ҷавонони кишвар зери назари бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шуд. Дар ин робита, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1997, №727 «Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» ба тасвиб расид. Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 1997, №240 «Дар бораи таъсиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақоми ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон таъсис ёфт, ки баъдан тағйири ном карда, ба Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2017 ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Воқеан, сиёсати созанда ва мардумсолории Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди такмили сармояи инсонӣ, бахусус, баланд бардоштани маҳорату малакаи тахассусии ҷавонон падидаи муҳимму арзишнок дар раванди давлатдорист. Аз ҷумла, Сарвари давлат дар ҳошияи суханронӣ бахшида ба 20-солагии Иҷлосияи XVI тақдирсоз 16 ноябри соли 2012 самтҳои асосии марҳалаи рушди давлатдориро таҳлилу баррасии ҳамаҷониба ва сиёсати «Рӯ овардан ба ҷавонон»-ро яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатии кишвар маънидод ва таъкид карданд: “Моҳияти асосии ин самт аз он иборат аст, ки барои беҳбуди шароити рушди маънавию ахлоқӣ ва таҳсилу кори ҷавонон имкониятҳои муносиб фароҳам оварда шаванд. Мо бояд дар замири насли ҷавон ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, сабру таҳаммул, омӯзиши илм ва касбу ҳунарҳои муосир, ҷиддияту меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми волоияти қонунро талқин намоем, то онҳо тавонанд дар оянда ҳамчун намояндагони сазовор ва шоистаи миллати хеш Ватани азизамонро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намоянд».

Чунин муносибати хирадмандона барои рушди устувори иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар ва муаррифии шоистаи он дар сатҳи байналмилалӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад, зеро заминаҳои боэътимодро барои шинохти бештари арзишҳои миллӣ ва арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги гузашта фароҳам меоварад.

Ташаббусҳои Сарвари давлат дар мавриди дастгирии ҷавонон боз дар он зоҳир мегарданд, ки 18 июли соли 2015 бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаю ташкилот ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон Шурои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар Шурои мазкур масъалаҳои марбут ба сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла, таҳия ва татбиқи барномаҳо, стратегияҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии вобаста ба ҷавонон, рушди ҳамкориҳои байналмилалии онҳо; ҳолати иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷавонон – таҳлил ва баррасии мушкилоти шуғл, дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, хидматрасониҳои тиббӣ ва манзил; пешгирии ҷинояткорӣ ва ифротгароии ҷавонон – баррасии роҳҳои коҳиши омилҳои хатарзо ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ватандӯстии ҷавонон; тақвияти нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ – ҷалби ҷавонон ба раванди қабул кардани қарорҳо, ташкили чорабиниҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ; ҳамкории мақомоти давлатӣ бо созмонҳои ҷавонон – таъмини муколама ва дастгирии лоиҳаҳои ҷавонон мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Маҳз бо дастуру ҳидоят ва дастгириҳои Пешвои миллат мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон мавқеи устуворро касб намуд ва дар ҳаёти ҷавонони мамлакат барои фаъолияти пурвусъату доманадор дар ҳама самтҳо вазифаҳо муайяну саҳифаҳои нави кору пайкор боз гардид, яъне, насли ҷавон дар симои Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пуштибони воқеӣ ва парастори бевоситаи худро дарёфт. Дар робита барои танзим ва роҳандозии сиёсати давлатии ҷавонон, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон», «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2027», «Барномаи давлатии рушди соҳибкории наврасон ва ҷавонон то соли 2027» қабул ва татбиқ мешаванд. Ин санаду ҳуҷҷатҳои муҳим бо мақсади мусоидат ба рушди маънавӣ, фарҳангӣ, иҷтимоию ҷисмонии ҷавонон; ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон; муҳайё сохтани шароит барои мустақилона ва бо ҳисси масъулият ширкат

кардани ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар; дастгирии моддӣ, молиявӣ ва иҷтимоии ҷавонон, инчунин, ташаббусҳои аҳаммияти иҷтимоидоштаи онҳо равона гардида, татбиқи воқеии худро пайдо карда истодаанд.

Бояд тазаккур дод, ки қабули «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва дигар барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм низ ба хотири расидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон ва захираи сармояи инсонӣ равона гардидаанд, зеро дар таҷрибаи кишварҳое, ки соҳибистиқлоланд, яке аз масъалаҳои муҳим мутобиқ сохтани мақсаду фаъолияти ҷавонон ба шароити зиндагии нав ва ба кори мувофиқу манфиатовар ҷалб кардани онҳо мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур аз вазифаҳои стратегии давлатҳои миллӣ махсуб меёбад. Бо ин мақсад, дар қаламрави ҷумҳурӣ ҳар сол ҳазорҳо ҷойи кории нав таъсис дода мешаванд, ки дар онҳо асосан неруи созандаи ҷавонон истифода мегарданд.

Қабули «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» низ зарурати ширкати ҷавононро дар ҳалли вазифаҳои мубрами инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишвар ба миён овард. Умуман, пас аз қабули чунин санадҳо, ки зикрашон дар боло рафт, конфронсҳои зиёди сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ, семинарҳои омӯзишӣ, озмуну фестивалҳо, инчунин, чорабиниҳои дорои хусусиятҳои иттилоотию маърифатӣ баргузор гардиданд, ки ҷавонон бо иштироки фаъолонаи худ дар ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва ободонӣ дар сатҳи маҳал, минтақа, ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ нақши бисёр муҳим мегузоранд ва боз хоҳанд гузошт.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.12.2016) зикр намуданд, ки: «Ҳукумати Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имконият фароҳам меорад. Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд. Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд. Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад».

Тавре аз таъкиди Пешвои миллат пай мебарем, меъёри асосии пешрафти давлат илму дониш аст. Омӯхтани илмҳои замонавӣ, азхуд намудани забонҳои хориҷӣ, бархӯрдор гардидан аз истифодаи техника ва технологияи муосир талаботи асосиест, ки дар назди ҳар як ҷавони кишвар қарор мегирад. Аз ин рӯ, Соли ҷавонон эълон гардидани соли 2017 қадами дигаре буд, дар баланд бардоштани сатҳи донишомӯзии насли ҷавон ва ишораи он дар он ифода мегардад, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар такя ба ҷавонони соҳибилм, бонангу номус ва шуҷоу муҳофизи Ватан имкони расидан ба марҳалаҳои олии рушдро дорад.

Ташаббусҳои роҳбарияти олии кишвар дар самти ҷалби ҷавонон ба илмомӯзӣ хеле густарда ва фарох мебошанд. Бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонони соҳибистеъдод, бахусус, олимон ва муҳаққиқони ҷавон дар ҷумҳурӣ ташаббусҳои миллӣ, аз қабили Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, Стипендияи Президентӣ барои хонандагон, квотаи Президентӣ барои ҷавонони болаёқат, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо баҳои хубу аъло хатм мекунанд, Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» ҷиҳати таҳсили ҷавонон дар хориҷи кишвар, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва ҳамчунин, олимпиадаву озмунҳои гуногун таъсис дода шудаанд, ки ҳамасола ҷавонони зиёд дар онҳо иштирок мекунанд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28.12.2024) боз ҳам таъкид карданд, ки «Мо минбаъд низ ба ҷавонон ҳамчун неруи боэътимод ва такягоҳи устувор таваҷҷуҳ хоҳем кард, зеро ояндаи миллату давлат аз онҳо вобаста мебошад. Дар баробари ин, ҷаҳони пуртазоду нооромии муосир ҷавонони кишварро водор месозад, ки аз таҳаввулоти босуръати сайёра ҳамеша огоҳ бошанд, худ ва ҳамсолонашонро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин нигоҳ доранд, барои ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша омода бошанд».

Сиёсати давлатии ҷавонон бо шарофати соҳибистиқлолӣ ва бо ташаббусу тадбирҳое, ки аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешида шудаанд, дар ҷумҳурии мо рушд меёбад. Кӯшишу талошҳо ҷиҳати беҳтар намудани ҳаёту зиндагии ҷавонон васеъ гардида, ҳамаи ин қадам ба қадам давлати моро ба натиҷаҳои бобарори стратегии рушд ворид мекунад. Бояд ҷавонон ба он арҷ гузоранд ва ҷавобан ба ин ғамхориҳо боз ҳам кӯшиш намоянд, то сатҳи донишу маърифати сиёсиву иҷтимоии хешро боло баранд, дар рушди илм, техника ва фановариҳои муосир саҳм гузоранд; дар чорабиниҳо ширкат намуда, афкори солимро паҳн кунанд ва ташаббусҳои созандаро дастгирӣ намоянд; ҳамчун муҳофизони ваҳдати миллӣ, истиқлоли давлатӣ ва дастовардҳои он намунаи ибрат бошанд ва аз ҳама гуна ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ канораҷӯӣ намоянд; мероси ғании адабиёт, фарҳанг ва таърихии миллатро омӯзанд, эҳтиром кунанд ва дар рушду таблиғи онҳо дар арсаи байналмилалӣ саҳмгузор бошанд; ба варзиш, ҳаёти солим ва дурӣ ҷустан аз одатҳои бад (монанди маводи мухаддир, машрубот, сигоркашӣ ва ғ.) аҳаммияти ҷиддӣ диҳанд; пайваста кӯшиш намоянд, то касбу ҳунар омӯзанд, забонҳои хориҷиро аз худ кунанд; технология ва иттилоотро ба рушди шахсӣ ва нафъи ҷомеа истифода баранд, соҳибкор шаванд ва дар рушди иқтисоди миллӣ саҳм бигиранд ва дар роҳи ҳифзу созандагии Ватан устуворона қадам гузоранд.

Ҷавонмардӣ ду чиз аст, эй ҷавонмард,
Бигӯям, гӯш неҳ, то гӯямат рост:
Яке он, к-аз рафиқон даргузорӣ,
Агар як лаҳза бинӣ сад каму кост.
Дувум он, к-аз ту н-ояд ҳеҷ гоҳе,
Чунон коре, ки бояд узри он хост.

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

# ДИЛОВАРИЮ КОРНАМОИҲОИ БУЗУРГ ДАР МУҲОРИБАҲО



Давлаталӣ АЛИМОВ – доктори илмҳои таърих, профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав

**Вақте ки фашистон Ҷанги дуюми ҷаҳонро оғоз бахшиданд ва кишварҳои зиёдеро ба коми оташ кашидаву харобазор карданд, даҳшату ваҳшати он ҷаҳонро ба таҳлука овард. Ҷанги дуюми ҷаҳон аз лиҳози вусъату андоза ҷанги даҳшатноктарин дар таърихи инсоният ба шумор меравад. Дар он бештар аз 70 давлати хурду бузург иштирок карда, набардҳои хунин ва амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди 40 давлат сурат гирифтааст.**

Дар ин набарду муҳорибаҳо ҳиссаи мардуми вилояти Хатлон низ кам нест. Сокинони вилояти Хатлон, ки дар майдонҳои ҷангӣ мардонагию ҷасурӣ нишон дода, сазовори унвони баланди «Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ» гардидаанд, 22 нафар мебошанд. Инҳо Неъмат Қаробоев, Эргаш Шарифов, Балакин Николай Пименович Горелов Александр Петрович (н. Ҷалолиддини Балхӣ), Сафар Амиршоев, Саидкул Турдиев, Исмат Шарифов (н. Балҷувон), Ҳайдар Қосимов (н. Вахш), Аҳмадҷон Қурбонов (н. Восеъ), Қудрат Қаюмов, Двадненко Иван Карпович, Дмитриев Алексей Фёдорович, Тошенко В. Н. (ш. Бохтар), Амиралӣ Саидбеков (н. Ховалинг), Бояркин Василий Илларионович (н. Шаҳритӯс), Буторин Виктор Василевич, Владимиров Михаил Николаевич, Мнишенко Михаил Яковлевич, Протопопов Иван Иванович (ш. Кӯлоб), Данилянс Еремей Иванович, Лапшин Алексей Степанович (н. Абдураҳмони Ҷомӣ) ва Ходов Константин Елизарович (н. Дӯстӣ) мебошанд.

Дорандагони се дараҷаи ордени «Шараф» чор нафар мебошанд: Абдулло Мӯсоев (ш. Кӯлоб), Глушков Иван Михайлович (н. Вахш), Дубинин Сергей Никитович (н. Вахш) ва Тараев Сергей Степанович (ш. Норак).

Инчунин, барои меҳнати фидокорона ва ба даст овардани ҳосили баланд дар соҳаи кишоварзӣ дар солҳои ҷанг 54 нафар сокини вилояти Хатлон бо унвони олии «Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ» сазовор гардиданд.

«Шахсоне, ки сарҳади муқаддаси ватанамонро вайрон намудаанд, несту нобуд хоҳанд гардид», - навишта буд дар аризаи худ корманди шуъбаи маорифи ноҳияи Октябр (ҳоло шаҳри Бохтар) Н. Собитова, - мехоҳам ба ҷанг рафта, бар зидди истилогарони немис биҷангам. Хоҳиш менамоям, маро ба фронт равон кунед».



Дар муҳорибаи Сталинград 330 ҳазор сарбози фашистӣ несту нобуд ва асир гирифта шуданд. Дар ин муҳориба низ ҷанговарони хатлонӣ шуҷоату диловарӣ нишон дода, қаҳрамонона ҳалок гардидаанд. Аз ҷумла, Акрамҷон Азизов соли 1922 дар ноҳияи Кагановичобод (ҳоло н. Ҷайҳун) таваллуд шуда, ба сафи Армияи Шуравӣ даъват гардид ва моҳи сентябри соли 1942 дар муҳорибаи Сталинград ҳалок ва дар ноҳияи Дубовскии вилояти Сталинград дафн шудааст. Восеъ Алихонов низ соли 1919 дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) ба дунё омада, аз ноҳияи Кировобод (ҳоло ноҳияи Панҷ) ба сафи Армияи Шуравӣ даъват шуда, моҳи сентябри соли 1942 дар муҳорибаи Сталинград ба ҳалокат расидааст.

Ҷанг на танҳо ба ҷанговарон, балки барои онҳое, ки дар ақибгоҳ заҳмат мекашиданд, имтиҳони ҷиддӣ буд. Мардум ба мушкилию вазниниҳо нигоҳ накарда, дар ақибгоҳ ёриро ба фронт ва сарбозон пурзӯр менамуданд. Дар рӯзҳои аввали ҷанг дар собиқ вилояти Кӯлоб ҷамъомади меҳнаткашон таҳти шиори «Дар гирди Ҳукумат боз ҳам зичтар муттаҳид мешавем» баргузор гардид, ки дар он 30246 нафар иштирок ва 792 нафар бо ҳарорат суханронӣ намуданд. Собиқадори меҳнат, коргари пешқадам Момаҷон Шовалиева, ки дар ноҳияи Вахш умр ба сар мебурд, барои таъмини ғалаба ба ҳайси бригадири ғалла меҳнати шоиста кардааст. Сокинони ноҳияи ба номи Носири Хусрав Нурҷамол Суюнова ва Робия Сувонкулова ҳамчун коргарони ватандӯст дар ақибгоҳ барои ба даст овардани ҳосили баланди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ меҳнати софдилона намудаанд. Ҳамаи ин коргарони ақибгоҳ бо медалҳои «Барои меҳнати шоён» ва «Барои меҳнати аъло» сарфароз гардидаанд.

Меҳнаткашони вилояти Хатлон барои онҳое, ки дар фронтҳо меҷангиданд, пай дар пай туҳфаҳо мефиристоданд. Колхозчиёни ноҳияи Октябр (ҳоло ноҳияи Кӯшониён) ба муносибати Соли нав ба сарбозони хатти пеши ҷабҳа зиёда аз ду тонна мавизи сиёҳ фиристоданд. Заҳматкашони ноҳияи Дӯстӣ бо камоли эҳтиром 100 кг қанд, 200 қуттӣ тамоку, 54 кг мураббо, 38 кг чормағз, 600 дона собун, даструймолу сачоқ ва дигар ашёи заруриро равон карданд. Заҳматкашони ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ба артиш ба маблағи 4 ҳазор сӯм конфет, консерваи гуногун, тамоку, собун ва чормағз фиристодаанд.

Дар суханронии худ колхозчизани колхози ба номи Будёнийи ноҳияи Ёвон У. Эргашева чунин иброз намудааст: «...Мардон ва бародарон! Модоме ки Ватан талаб мекунад, далерона ба фронт равед, душманро несту нобуд кунед, мо, занон, ҳамаи корҳоеро, ки барои ғалаба бар душман заруранд, иҷро мекунем.» Оид ба омӯхтани таълими умумии ҳарбӣ дар рӯзномаи ноҳиявии Совет (ҳоло н. Темурмалик) зикр шудааст, ки дар солҳои пуртаҳлукаи ҷанг занони хатлонӣ ба ҷанговарон либосҳои гарм мефиристоданд. «Меҳнаткашони ноҳияи Қӯрғонтеппа вазифаи ватандӯстонаи худро ба ҷо оварда, дар ҷамъоварии маблағ ва либосҳои гарм барои таъмин намудани Артиши Сурх фаъолона иштирок карданд. Дар солҳои ҷанг дар ноҳия 251 фуфайка, шинел, костюм, палтои пашмӣ, 88 шим, 246 телпаки зимистона, 12 ҷуфт пойафзоли намадӣ, 860 адад либоси тагпӯш ва бисёр ашёи пашмию пӯстӣ тайёр карда фиристоданд», - омадааст дар мақолаи рӯзнома.

Соли 1942 заводҳои равғанбарории ноҳияҳои Фархору Шаҳритус, заводи коркарди пахтаи ноҳияҳои Саройи Қамару Ворошиловобод, заводи коркарди орди Кӯлоб, заводи асппарварии рақами 45-и Саройи Қамар, корхонаи таъмири моторҳои Қӯрғонтеппа, шабакаҳои роҳҳои оҳани камбар, роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа бунёд гардиданд, ки тавассути он аз вилоят ба ҷабҳа озуқа мефиристоданд. Меҳнаткашони Тоҷикистон ба захминшудагону маъюбон ғамхории калон зоҳир менамуданд, аз ҷумла, дар солҳои ҷанг дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппаю Кӯлоб госпиталҳои ҳарбӣ беморонро табобат намуда, онҳоро дубора ба майдонҳои ҷанг мефиристониданд.

**Муҳорибаи назди Москва (30.09.1941 – 20.04.1942).** Дар ин муҳориба дар қатори қӯшунҳои ИҶШС, инчунин, дивизияи 20-и савораи дар Тоҷикистон таъсисёфта иштирок дошт. Ин дивизия дар набардҳои роҳи Волокаламск корнамоӣ нишон додааст.

**Муҳорибаи Сталинград (17.07.1942 – 02.02.1943**) бузургтарин муҳорибаи солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба шумор мерафт. Фиристодагони Тоҷикистон дар тамоми давраи ин набард иштирок кардаанд. Корнамоии «Хонаи Павлов» ҳам бе иштироки тоҷик нагузаштааст. Дар қатори 18 ҷанговари «Хонаи Павлов», ки командирашон сержант Павлов буд, Аҳмад Турдиеви тоҷик ҳам буд. Анвар Қаландаров (н. Ҷалолиддини Балхӣ) дар ин муҳорибаҳо ҳамчун командири танки вазнин «КВ» ҷангидааст. Ӯ бо ордену медалҳои «Ҷанги ватании дараҷаи 1», «Ситораи Сурх» ва «Барои муҳорибаи Сталинград» сарфароз гардида буд.

Дар рафти амалиёти ҷангӣ, баъди Сталинград тоҷикписари хатлонӣ Маҳмадшариф Шарипов дар озод кардани шаҳри Харков корнамоии бемислу монанд нишон додааст. Ӯ бадани худ пеши нуқтаи оташфишони (ДЗОТ)-и душманро гирифта, қаҳрамонона ҳалок гардидааст.

**Муҳорибаи Курск. (5.07 – 23.08.1943).** Ин ҷанги мудофиавии қӯшунҳои Шуравӣ буд. Дар муҳорибаи Курск сокинони вилояти Кӯлоб К. Назаров, В. Маҳмадов, Р. Хушвахтов, С. Ҳасанов, С. Шарипов шуҷоату мардонагӣ нишон доданд.

**Муҳорибаи Ленинград (10.07.1941 – 10.08.1944)** зиёда аз 1125 рӯз ва муҳосираи Ленинград 900 рӯз (аз 08.09.1941 то 18. 01.1944) давом ёфта, дар муддати зиёда аз 3 сол қӯшунҳои зиёди (қариб 20%) душманро нигоҳ медошт. Мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла, сокинони Хатлонзамин низ ба гуруснагони Ленинград ёрии калони пулӣ ва маводи ғизоӣ, аз ҷумла, соли 1943 2,225 ҳазор сӯм, 130 тонна ғалла, 130 тонна сабзавот, 80 тонна меваи тару хушк, 2250 сар чорво фиристодаанд.

**Дар ҷангҳои соҳили Днепр (август – декабри соли 1943)** ва убури он ҷангҳои сахту шадиде баргузор шуданд. Дар ин муҳорибаҳо ба 2438 нафар унвони «Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ» дода шуд, ки 11 нафарашон фиристодагони Тоҷикистон ва аз ҷумла, хатлониён С. Турдиев, И. К. Двадненко, К. И. Данилянс, Қ. Қаюмов ва Ҳ. Қосимов буданд.

**Амалиёти Берлин (16 апрел – 8 майи соли 1945).** Дар ин амалиёт низ хатлониён иштирок намуда, аз ҷумла, С. Абдуллоев аз шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар), Ҳ. Абдураҳмонов аз шаҳри Кӯлоб, Ҳ. Аҳтамов аз ноҳияи Дӯстӣ барои мардонагӣ ва ҷасораташон сазовори ордену медалҳои ҷангӣ гардиданд.

Ватан ҷоне, ки дар ҷони ману туст,
Ватан ноне, ки дар хони ману туст.

Ватан ойинаи оби зулол аст,
Ватан покии виҷдони ману туст.

Ватан як пораи нури илоҳист,
Шабафрӯзи шабистони ману туст.

Ватан ишқ аст, ишқи ёри ҷонист,
Ватан – ҷонона, ҷонони ману туст.

Ватан пайваста пайки родмардист,
Ба по истода паймони ману туст.

Дили ӯ дар дили мо мезанад дил,
Ватан дар хуни шарёни ману туст.

Ватан гуфтан кам аст, эй ҷон, Ватан бош!
Ватан дар шонаву шони ману туст.

**Камол Насрулло**

# СИТОИШИ СУЛҲУ ВАҲДАТ ДАР АШЪОРИ ШОИРОНИ ТОҶИК



Шодӣ РАҶАБЗОД – адиб

**Саромадони назми пурмухтаво ва баландғояи адабиёти тоҷик, устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Ашӯр Сафар ва дигарон бо сабку шеваи нав, диди фарох ба шеър рухи тоза бахшида ва ҷанбаи фалсафию тасвирнигорӣ дар ашъори онҳо вусъат ёфт.**

Яке аз мавзуъҳои меҳварӣ ва барҷаста дар эҷодиёти шоирони замони нав ҳамоно тавсифи Ватан, тасвири манзараҳои дилангезу нодири табиати сарзамини тоҷикон, тарғиби пайвастаи сулҳу амният, ваҳдат, дӯстию рафоқати байни миллатҳо ва тақвият гирифтани ғояи гуманизм мебошад. Ғолибан, чунин раванди хушоянди тасвириро дар баёни моҳияту маъно ва ҳадафи муштараки шоирон бештар мушоҳида кардан мумкин аст. Дар зимн, як нуктаро таъкид ва хотиррасон мебояд кард: ашъори шоирони тоҷикро, ки ба мавзуи ватан, сулҳу ваҳдат, ҳаёти боамну рифоҳи мардуми сарзамини инсонҳои покниҳоду талошманд бахшида шудааст, ба се марҳала метавон бахш кард. Марҳалаи аввал эҷодиёти шоирони муваффақе, ки дар замони Шуравӣ шуҳрату нуфуз пайдо кардаанд. Дувум, ашъори шуарое, ки дар замони пасошуравӣ эҷод шудаанд ва савум, сурудаҳои даврони соҳибистиқлолӣ.



Шоири шаҳир, устод Мирзо Турсунзода дар тасвири шукӯҳу азамати ватан бо истифода аз аносиру саноеи бадеӣ, хусусан, ташбеҳу истиора, тавсиф, муболиға ва мушоҳидаҳои нозуку ноб манзараи воқеиеро меофарад, ки бозгӯйи зиндагии шукуфони халқи тоҷик мебошад. Ӯ ҳамчун инсони вологуҳар, хирадоин, озодманиш, ки воқеан, дили бузургу дардошно дошту азобҳои даврони бетараҳҳумӣ ва зулму истибдоди амириро дар овони хурдӣ аз сар гузаронида буд, ҳамвора сулҳу зиндагии бонишот, озодии ҳамаҷонибаи шахс, эҳтироми шаъну шарафи ҳар як узви ҷомеаро хоҳон буд ва мавзуи мазкур чун занҷираи ногусастанӣ тору пуди ашъори ӯро шакл додааст. Ситоиши сулҳ сарахбор ва маромномаю ҳадафи шоир мебошад. Ҳароина, таҷассуми сифатҳои сулҳ дар ашъори шоири мумтоз бештар ҷанбаи нақлӣ (таҳкиявӣ) пайдо кардааст. Мазмун, шоир бо маҳорату хунари волои нигорандагӣ мушоҳидаҳои худро бо вожаю таркибҳои зоҳиран сода, вале хушоянду фасеҳ дар баёни арзиши гаронмоя ва сарвати бебаҳои инсон будани сулҳ равону дилкаш рӯйи сафҳа овардааст.

Самимияту эътиқод ва ҷонбозии қаҳрамони ғиноӣ, ки аз умқи қалби пурсӯзу пуртапиши ӯ сарчашма мегиранд, ба ҳаддест, ки вай дар ҷодаи пойдору бобақо будани сулҳ орому осуда нафас намегирад, гузашта аз ин, тавре мефармояд:

**Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил,**
**Бо тапиданҳои бесороми рӯзафзуни дил.**
**То яроқи тез гардида ба дасти дӯстон,**
**Ҷангҷӯёнро кунад шармандаи рӯи ҷаҳон.**

Дар шеъри «Суруди сулҳ» мафҳуми сулҳ моҳияти созанда пайдо карда, аз нигоҳи шоир ҳастию рушди инсон, зинат ёфтани ҳаёт, анҷоми амалҳои неки одамон, танаввую рангорангии манзараҳои табиат, оромию халалпазир нагардидани фазою муҳити роҳатбахш маҳз ба амну

амонӣ бастагӣ дорад. Дар тасаввуру пиндори шоир ҷорӣ гардидани обҳои кӯҳсорон, қад кашидани дони киштаи барзгар ҷониби хуршед, парвози турнаҳо дар баҳорон бозтоби моҳияти воқеии сулҳ буда, дарунмояи амалу рӯзгори инсонҳо дар нигоҳи ошиқону суруди ёр-ёр, дар шуои офтоби толеи баҳру бар, дар оҳангу навои аллаву чашми бедори модарон, хоби орому табассуми кӯдакон ва дигар ҷузъиёти ҳаёт таҷассуми образноку бадеии шоирона пайдо мекунад. Моҳияту ғояи шеъри мазкур пурвусъат буда, хусусияту арзиши умумиинсонӣ ва башарӣ дар пай дорад. Таъкиди шоир мабно ба ҷонибдор будани кулли мардуми ҷаҳон аз сулҳу озодӣ, аз баланду арзишманд будани ғояи гуманизм ва таблиғи оҳангҳои озодихоҳӣ шаҳодат медиҳад:

**Сулҳ монанди кабӯтар аз кафи милёнҳо,**
**Дӯстони хориҷӣ парвоз доранд дар фазо.**
**Сулҳ бо имзои моҳо - мардумони фатҳёб,**
**Менамояд нақшаҳои ҷангҷӯёнро хароб.**

Мусаллам аст, ки устод Мирзо Турсунзода аз мадеҳасароёни пешгоми назми тоҷик дар мавзуи ватан шинохтаву эътироф гардидааст. Сифату рақамзании бузургию муқаддас будани ватан идомаи мантиқии тараннуми сулҳу озодӣ дар эҷодиёти шоир маҳсуб меёбад. Муҳаббати шоир ба ватан ба андозаест, ки вай ошкоро аз лол мондану ҳарфи шоистаи шукӯҳу азиз будани ватанро дарёфт карда наметавонад, зеро ин амал нерую тавоноии истеъдоди фаҳму дарки мушаххасоти ҷузъиёти ватанро тақозо мекунад. Дар тавсифи ватан сухану ташбеҳоти умумӣ ба кор намеравад. Ватанро бо чашми дил ва нигоҳу пиндори шоирона метавон шинохт. Аз ин рӯ, шоири заковатманд дар ин хусус бо шеваи сода, ҳарфу ҳиҷои дур аз такаллуфу сунъипардозона арзи матлаб менамояд:

**Он қадар дар дилписандӣ дилписанд астӣ, Ватан,**
**Дар сари тасвири ҳуснат кас намеёбад сухан.**
**Ҳеҷ дар дунё надорад рангу бӯятро чаман,**
**Аз ту дар осоишу роҳат бувад ҷон дар бадан...**

Яке аз хусусиятҳои дӯстдоштаю писандидаи шоир дар тасвири ватан бо тарзу усули муқоиса баён намудани сифату шукӯҳи он мебошад. Ин сабки тасвир бузургию гаронмоягии ватан (Тоҷикистон)-ро бештару беҳтар ва ҷаззобтар равшану бармало месозад. Ин шева дар шеъри «Ду соҳил» бо маҳорату ҳунари баланд корбаст гардида, шоир дар муқоиса гирифтани хусусиятҳои манзараҳои зебою дилпазири Тоҷикистон ва Афғонистони ҳамсоя, ки дар он сӯйи соҳили рӯди Ому ҷойгир аст, мартабаю манзалат ва шаъну шукӯҳи Тоҷикистони озодро бо эҳсоси волои ифтихори ватандорӣ баён месозад:

**Соҳили чап бурд моро аз бари найзорҳо,**
**Соҳили рост аз бари зебо дару деворҳо.**
**Соҳили чап дар фишори қалъаи пӯсида буд,**
**Соҳили рост аз намоишҳои худ болида буд.**
**«Вахш» меомад чу рамзи зиндагонӣ аз шимол,**
**«Қундуз» аз самти ҷануби Шарқ чун ашки малол.**
**Дар сафар дидем мо самти нигоҳи Вахшро,**
**Аз шукӯҳи шаън пур гардида роҳи Вахшро:**
**«Вахш!» мегуфтему медидем иншоотро,**
**Саф ба саф шаҳру деҳоту бармабар боғотро,**
**«Вахш» мегуфтему медидем халқи шодро...**

Аммо дар ин баробар, дар он сӯйи рӯди Ому муҳити якрангу дилгиркунанда, эҳсоси навмедию руҳафтодагии мардуми афғон, ки бар асари нобаробарию ноадолатии хукуматдорон арсаи саодату хушбахтӣ барои онон танг гардидааст, мавҷуд аст, ки шоир бо дарду ҳасрат аз қисмати талхи ин мардум ҳарф мезанад:

**Соҳили чап дар назар сар то ба по якранг буд,**
**Чун тани мискин харобу чашми доро танг буд.**
**Такя дода чӯбро, гардид чӯпоне падид,**
**Гӯиё мехост бо мо сар кунад гуфтушунид.**
**Балки ӯ мехост донад аз шиноварҳо аён,**
**К-аз чӣ афтодаст Ому дар миёни ду ҷаҳон?**

Ашъори сулҳпарваронаю меҳандӯстонаи шоири бузург, Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Мирзо Турсунзода имрӯз низ, ки гӯшаю канорҳои оламро оташи ҷанг фаро гирифта, мардуми бегуноҳ қурбони дасисаи афрӯзандагони ин набардҳои манфиатхоҳона гардидаанд ва моҳу солҳои зиёдро дар орзуи сулҳу амният ва озодӣ паси сар мекунанд, аҳаммияти барҷаста дорад.

Мавзуи сулҳу ваҳдат ва тараннуми ватану зиндагии саодатмандона дар эҷодиёти шоири ширинсухан Боқӣ Раҳимзода низ ҷойгоҳи махсусро доро мебошад. Ситоиши сулҳ дар меҳвари сурудаҳои шоир қарор дошта, вай бо самимияту илҳоми саршор ва руҳи барозанда, бо лутфи сухани шоирона аз накши бузурги озодию осоиштагии бани башар ҳарф мезанад. Мафҳуми сулҳ зарфияти фарохе дар ашъори шоир пайдо карда, онро беҳин аз падидаи масарратбахшу зиндагисоз меҳисобад. Пойдорӣ ва бақои ҳаёти инсонҳоро маҳз аз шарофати сулҳу амонӣ медонад:



**Баҳри олам сулҳ даркор аст, сулҳ,**
**Насли одамро нигаҳдор аст, сулҳ.**
**Чун шифои ҷони бемор аст, сулҳ,**
**Модаронро бахти бедор аст, сулҳ.**
**Месароям сулҳро дар сози сулҳ,**
**То шавад дунё пур аз овози сулҳ.**

Устод Боқӣ Раҳимзода дар шеъри «Марҳабо» маҳз ба василаи сулҳу амонӣ ба зиндагии рангин ва заҳмати аҳлона машғул гардидани мардуми тоҷикро таъкиду хотиррасон мекунад:

**Дар ҳама ҷабҳаҳо доимо**
**Якдилу ҷон кунем мо зафар,**
**Хос гашта ба мову шумо**
**Донишу кору азму ҳунар**
**Боиси равнақи Тоҷикистон,**
**Ҷумла якҷоя ғайрат кунем!**
**Гул кунад кӯҳу дашту биёбон,**
**Устуворона меҳнат кунем!**

Шоири шаҳири тоҷик Муъмин Қаноат шукӯҳу муқаддас будани мафҳуми сулҳро дар тамоми достонҳои худ, бахусус, «Сурӯши Сталинград» ва дар шеърҳои алоҳидааш бо санъату маҳорати волои суханварӣ таъкид намудааст. Мафҳуми сулҳ дар ашъору достонҳои шоир ҷанбаи умумибашарӣ касб карда, мабдаи тамоми хушиҳову саодати рӯзгори на танҳо як миллат (тоҷикон), балки одамони сайёраи замин аст. Ба ҳамин хотир, вай дар бобӣ «Сурӯши модарон дар хоки фарзандон» (Аз достони «Сурӯши Сталинград») ҷангро маҳкум ва сулҳу ягонагии миллатҳои ҷаҳонро тараннум месозад, зеро ба қавли шоир, самои беғубору зиндагии озодона дар рӯйи замин далели осудагию амонист:



**... Биё, Модар,**
**Ба поят мегузорам шеърҳои зинадорамро,**
**Замини беканорамро, самои беғуборамро,**
**Ки онҳоро ҷигарбанди ту аз мурдан раҳо кардаст,**
**Заминро ӯ ато кардаст,**
**Саморо ӯ само кардаст.**
**Бихон аз ин баландӣ достони қаҳрамононро,**
**Ҳидоят кун ба сӯи қуллаи фарзандҳоят, навҷавононро...**

Дар қитъаи шеърии зер нигоҳи шоиронаи Муъмин Қаноат дар бозтоби ваҳдату ягонагӣ равшану бармалост.

Ӯ бо сароҳат изҳор медорад, ки ваҳдатро дар дилҳои бекина ва ростию ҳақиқат метавон ҷусту дарёфт:

**Ту Ваҳдат аз дили бекина омӯз,**
**Намуди ростӣ з-оина омӯз.**
**Нигоҳдории оини ҳақиқат,**
**Зи бишкан - бишкани порина омӯз.**

Ишораи нозуку рамзии шоир дар таркиби «бишкан-бишкани порина» хеле ҷолиб аст. Мазмун, аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандие, ки дар кишвар бо иғвои фарзандони ноаҳлу манфиатхоҳи он сар зад, бояд ибрат гирифт ва ба қадри сулҳу амонӣ расид.



Перомуни аҳаммияти сулҳу ваҳдат ва васфи ватану сарзамини паҳновари тоҷикон шоири зиндаёд, шодравон Лоиқ Шералӣ ашъори фаровоне иншо намудааст, ки ҳамагӣ муассиру мондагоранд. Тавре ёд дорем, мавсуф аз нахустин шоирони меҳанпарвари тоҷик аст, ки бо ба имзо расидани Созишномаи ваҳдати миллӣ ва истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон соли 1997 шеъри пурмуҳтавое эҷод кард, ки дар он ҷасорату иродати фарзандони ватандӯсти кишварро дар роҳи расидан ба сулҳи сартосарӣ инъикос намудааст:

**Раҳми Парвардигори мо омад,**
**Нури Ҳақ бар диёри мо омад.**
**Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,**
**Сулҳи бунёдкори мо омад.**

Дар шеъри мавриди назар таҷассуми руҳи замон тавассути корбасти санъати тазоду муқобала ва таносуби калом равшану возеҳ пеши назари хонанда ҳувайдо мегардад.

Бояд зикр намуд, ки Лоиқ Шералӣ аз ибтидои фаъолияти эҷодии хеш мавзуи ватан ва ваҳдатро мароми шоирӣ ва қарзи шаҳрвандии худ қарор дода, аз ҷумла, дар шеъри «Ватан» ба гунаи мушаххас, бо ҷузъиётнигорӣ ин мафҳумро аз диди фардияш шарҳи шоирона медиҳад. Дар ин шеър истеъмоли такрори вожаи «Ватан» дар моҳияти шинохти он чун василаи ҷозиб нақш бозидааст:

**Ватан сар мешавад аз гаҳвора,**
**Зи шири поку аз пистони модар.**
**Ватан сар мешавад аз он тавора,**
**Ки онро сохта дастони модар.**
**Ватан – беҳбудию беҳрӯзии мост,**
**Ватан – хушномию фирӯзии мост.**

Ғояи шеър ифодагари меҳру муҳаббат ба ҳар як ваҷаб хоки сарзамини Тоҷикистон мебошад. Ба андешаи шоир, то шахс қадри модару зодгоҳи худ, заминҳои кишту заҳмати барзгари хокпош ва оташдони бобоиро надонаду ба моҳияти он дақиқан сарфаҳм наравад, ҳеҷ гоҳ ватани бузург – Тоҷикистонро шинохтаву дӯст дошта наметавонад. Аз ин рӯ, дар байти такрор, ки як навъ ҳусни анҷоми шеър аст, иброз медорад:

**Ватан – имрӯзи мо, ояндаи мост,**
**Паноҳи мурдаи мо, зиндаи мост.**



Шоири маъруф, шодравон Ашӯр Сафар, ки мустақиман шоҳиди ҷанги шаҳрвандӣ гардида буду аз чунин сурат гирифтани раванди воқеаҳо ҳайрону шигифтзада, дар як ғазали хеш садои додхоҳӣ баланд карда, умед ба ояндаи нек мебандад.

Дар ғазали шоир радифи «мешуда бошад?» ифодагари ҷаҳони орзуҳои ӯ маҳсуб ёфта, пафоси (оҳанг)-и таъкидӣ пайдо кардааст:

**Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад?**
**Дар кишвари ғам базму тараб мешуда бошад?**
**Дар кашмакаши рӯзи фурӯзону шаби тор,**
**Помоли фано зулмати шаб мешуда бошад?**

Дар ғазали зикршуда санъатҳои бадеии рамзу истиора, тазод, ташбеҳ ва амсоли инҳо бамавқеъ омада, ҷанбаи воқеии шеърро тақвият бахшидаанд.

Поёнтар шоир аз афрӯзандагони ҷанг шикваю шикоят мекунад ва боз ҳам умеду боварӣ ба ояндае, ки сулҳу амният дар кишвар таҳким хоҳад ёфт, мебандад:

**Кӣ кард ҷафо бешу кӣ овард бало пеш,**
**Бо ченаки таърих ваҷаб мешуда бошад?**
**Бар ҷойи ҳамин мамлакати сулҳҷудоям,**
**Як мамлакати сулҳталаб мешуда бошад?**

Шеъри дигари шоир бо номи «Ҷома», ки дар рӯзҳои ба тасвиб расидани Созишномаи ваҳдат ва истиқрори сулҳ дар кишвар таълиф гардидааст, гӯё ба ғазале, ки зикраш дар фавқ рафт, мантиқан ҷавобнома аст. Яъне, агар дар оғози ҷангу шиддат гирифтани он шоир сабабу омилҳои руҳдоди нангинро фаҳмидаву дарк кардан мехост, пас дар шеъре, ки дар хатми ҷанги бемаънӣ иншо шудааст, овози мамлу аз эҳсоси шодмонӣ ва руҳангези ӯ баланд мешавад:

**Ҷомаи Сулҳ ба тан омадаӣ,**
**Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.**
**Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо?**
**Сар-сари дидаи ман омадаӣ!**
**Ин қадар ҷома туро зеб диҳад,**
**Ба рухат акси рухи себ диҳад.**
**Ба нигоҳам қадамат гулбез аст,**
**Дар бағал боғу чаман омадаӣ.**
**Ҷомаи тоза муборак бошад,**
**Ҳусни шероза муборак бошад.**
**Раҳи пурнур дар он метобад,**
**Зи раҳи нурфикан омадаӣ.**

Дар ин шеър образи «ҷома» моҳияти амиқи шоирона касб карда, мубориза ю талош, ҷасорату иродат ва азму талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро басо ҷаззобу шево ифода кардааст. Ҳунару маҳорати шоир боз дар он буруз кардааст, ки вай бо лаҳни саршор аз илҳому эҳсоси шоирона симои қаҳрамони миллатро, ки фаъолияту ҷонбозиҳои он кас барҳақ, корномаи таърихианд, равшану барҷаста офаридааст. Воқеан, нақши Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу сулҳу ваҳдат мондагор ва таърихист.

Ҳамин тавр, таҳлилу баррасии иҷмолии ашъори шоирони маъруфи тоҷик бозгӯйи он аст, ки мавзуи сулҳу ваҳдат ва ситоиши ватан дар эҷодиёти эшон мавқеъ ва нақшу аҳаммияти баландро доро мебошад. Ба як сухан, ин мавзуъ ҷовидонӣ ва омӯзандаю ибратомӯз буда, минбаъд низ дар ин боб ашъори зиёде аз ҷониби шоирони тоҷик офарида хоҳад шуд.

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.
Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.
Ҳама хок доранд болину хишт,
Хунук он, ки ҷуз тухми некӣ накишт!

**Абулқосими Фирдавсӣ**

# РАВАНДИ ОБШАВИИ ПИРЯХҲО ВА АЛОҚАМАНДИИ ОН БО ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

**Хубон НАЗИРӢ – рӯзноманигор**

**Мусаллам аст, ки таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба захираҳои об ба пайдоиши муаммоҳое, чун афзоиши ҳарорати ҳавои наздизаминӣ дар садаи охир, ки боиси коҳишёбӣ ва азбайнравии захираҳои об, аз ҷумла, пиряхҳо гардидааст, мушкилоти экологии инсонро боз мураккабу афзун намуда, дар ин замина офатҳои фоҷиаборро ба бор овард. Аз ҷумла, мувофиқи Нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонӣ, давоми 60 соли охир ҳарорати ҳаво дар сатҳи сайёра аз 0,5°С то 1,0°С афзуда, боиси таъсири амиқ ба захираҳои об, махсусан, пиряхҳо гардидааст.**

Дар баробари ин, коршиносон арзёбӣ мекунанд, ки ин раванд ҳамасола ба иқтисодиёти ҷаҳон то 2 трлн доллари амрикоӣ хисорот ворид намуда, рушди демографӣ, ҳиссаи замини кишти ба ҳар сари аҳолӣ ва таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ тадриҷан коҳиш меёбад. Азбаски дар тамоми манотиқи кураи арз қисми зиёди захираҳои об аз пиряхҳо сарчашма мегиранд, таъсироти манфии гармшавии иқлим, қабл аз ҳама, дар коҳишёбии ҳаҷм ва майдони пиряхҳо мушоҳида мешавад.

Агар ба таърихи беш аз 130-солаи мониторинги системаи ҷаҳонии пиряхҳо назар намоем, мебинем, ки ҳанӯз соли 1894 дар рафти Конгресси VI байналмилалии геологӣ дар Швейтсария (Сюрих) Комиссияи байналмилалии пиряхҳо таъсис ёфта, ба мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо бунёд гузошт. Ҳанӯз он замон касе доир ба тағйирёбии иқлим ё гармшавии иқлим аз ҷониби инсон ҳарф намезад. Сипас, бори нахуст дар доираи Даҳсолаи байналмилалии гидрологӣ (солҳои 1965-1974) таҳти сарпарастии Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (UNESCO) зарурати барӯйхатгирии ҷаҳонии вазни бисёрсолаи ях ва барф баррасӣ гардид. Соли 1986 аз ҷониби Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP), UNESCO ва Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ (WMO) Хадамоти мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо оид ба нигоҳдории маълумотҳои мушоҳидаю тағйирот дар пиряхҳо ба фаъолият шуруъ намуд. Барномаи байниҳукуматии гидрологии UNESCO бошад, бахшида ба 100-солагии мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо монографияи ***«Дар асри дуюми мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо»***-ро (соли 1988) ба нашр расонд ва дар таҳияву нашри ***Таснифи байналмилалии барфҳои мавсимӣ дар сатҳи замин*** **(соли 2009) ва** ***Луғати (Глоссарий) тавозуни вазни пиряхҳо ва истилоҳоти марбут ба он*** (соли 2011) мусоидат намуд.



Дар ин маврид бояд тазаккур дод, ки баҳри омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистон ду маротиба (солҳои 1928 ва 1957) экспедитсияҳои бузурги илмию тадқиқотӣ созмон дода шуда, ҳолати пиряхҳо, қабати барф ва динамикаи шароитҳои метеорелогӣ дар ноҳияҳои яхистони кишвар мавриди мушоҳидаву омӯзиш қарор гирифтанд. Арзёбиҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки аз соли 1956 то соли 1990 захираи пиряхҳои Осиёи Марказӣ беш аз 3 маротиба коҳиш ёфтааст, ки ин ба ҳар сол ба ҳисоби миёна 0,6-0,8% ва 0,1% кам шудани майдону ҳаҷми яхҳо баробар аст. Дар баробари ин, тибқи далелҳо, пиряхҳои Тоҷикистон, ки манбаи асосии дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал мебошанд, давоми асри гузашта зиёда аз сеяки ҳаҷми худро гум кардаанд. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки зимни суханронии хеш дар ҷаласаи нахустини Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим ба ҳолат ва дурнамои пиряхҳои Тоҷикистон ва ҷаҳон

таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, минҷумла дар баробари раванди босуръати таназзули пиряҳои Арктика, Антарктида ва Гренландия, аз тағйироти ҷиддӣ дар пиряххҳои континенталӣ (хушкӣ) ёдовар гардиданд. Зеро аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, танҳо давоми 70-80 соли охир пиряхи Ванҷях беш аз як километр ақибнишинӣ карда, масоҳаташ то 44 км$^2$ ва ҳаҷмаш 15 км$^3$ коҳиш ёфтааст.

Аз ин ҷо бармало мегардад, ки ҳеҷ як натиҷаю дастоварди ниҳодҳои минтақавию байналмилалӣ раванди таназзулёбии пиряххо ва коҳишёбии майдонҳои яхистонро ба андозаи ташаббуси VI Пешвои маҳбуби миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, яъне, Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо (соли 2025), Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо (21 март) ва таъсиси Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряххо ба таври возеҳу равшан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон дода натавонистанд. Зеро иқдоми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти пиряххоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, экосистемаҳо, саломатии аҳолӣ ва рушди устувор махсусан, зикр намуда, таъсири гармшавии глобалии иқлимро боиси коҳиш густурдаи криосфера арзёбӣ менамояд. Дар натиҷаи таъсири манфии гармшавии глобалии иқлим устуворӣ дар ноҳияҳои кӯҳсор коҳиш ёфта, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаи дарёҳои барфу пиряхдор, аз ҷумла, ҳавзаи дарёҳои Тоҷикистон тағйир додааст. Маҳз ин омил ба паст шудани маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиши норасоии об ва баландшавии сатҳи оби баҳру уқёнусҳо таъсир мерасонад.

Аз ин ҷо аён мегардад, ки тағйирёбии глобалии иқлим ба масъалаи бағоят муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асри XXI табдил ёфта, он на танҳо мушкилоти кишвари алоҳида ё минтақавӣ, балки мушкилоти тамоми кураи арз ва инсоният буда, маҳз тағйирёбии иқлим боиси баландшавии ҳарорати ҳавои наздизаминии атмосфера, густариши биёбоншавӣ, коҳишёбии захираҳои об, вусъатёбии раванди пиряххо дар сатҳи сайёра, аз ҷумла, Тоҷикистон, зиёдшавии офатҳои марбут ба он гардидааст. Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партовҳои газҳои гулхонаӣ дар миқёси минтақа ва ҷаҳон саҳми ночиз дорад, вале яке аз кишварҳои ба раванди мазкур осебпазир арзёбӣ мешавад. Тавъам ба ин, обшавии пиряххо ва коҳишёбии майдонҳои яхистон на танҳо барои Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ, балки барои тамоми кишварҳои ҷаҳон ташвишовар мебошад. Фарзи мисол, аз рӯйи арзёбиҳо, давоми 70 соли охир 98%-и майдонҳои яхистони Венесуэла коҳиш ёфта, мувофиқи пешгӯйии коршиносон, пиряххои Индонезия, Мексика ва Словения бо ин мушкил рӯ ба рӯ мешаванд ва дар маҷмуъ, то соли 2100 аз 20 то 80 дарсади пиряҳои кураи арз ба ҳолати амиқи таназзулёбӣ гирифтор мешаванд. Албатта, раванди мазкур дар ҳолест, ки 60% захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ аз пиряххои Тоҷикистон сарчашма мегиранд.

Мушкилоти мавҷуда ва дигар масоили марбут ба онро Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амиқан ва бо диди хеле фарох таҳлилу баррасӣ намуда, пасон «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»-ро ҳамчун иқдоми моҳияти ҷаҳонию инсонидошта пешниҳод намуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пиряххоро захираи асосии оби соф арзёбӣ карда, изҳор доштанд, ки обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад. Сарвари давлат таъкид доштанд, ки обшавии пиряххои Арктика, Антарктида ва дигар ноҳияҳои яхистони наздик ба баҳру уқёнусҳо боиси баландшавии сатҳи Уқёнуси Ҷаҳонӣ гардидааст ва ин омил, дар навбати худ метавонад ба ҳаёт ва некуаҳволии садҳо миллион сокини сайёра, хусусан, дар кишварҳои хурди ҷазиравӣ ва манотиқи наздисоҳилии онҳо таҳдид ба бор орад. Маҳз бо назардошти ин мушкилот, иқдоми навбатии Президенти кишвар, ки чандин иқдоми тавъам ба он ва наҷибро дар бар мегирад, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хушнудӣ пазируфта шуд ва 14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии СММ зимни баргузории иҷлосияи 77-уми худ Қатъномаи «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»-ро бо иттифоқи оро ва ҷонибдории 153 кишвари ҷаҳон пазируфт. Ва ҳамин тавр, пешниҳодоти ироашудаи ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шахсияти Сарвари хирадманду дурандеши он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби раёсат ва кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфт:

– эълон гардидани 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо;

– эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо;

– дар назди СММ таъсис додани Бунёди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряххо;

– дар соли 2025 (29-31 май) баргузор намудани нахустин Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар шаҳри Душанбе.

Ҳадафи меҳварии Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар доираи Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо пешбурди талошҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати коҳиш додани таъсироти

манфии тағйирёбии иқлим ба пиряххо, бартараф намудани раванди обшавии пиряххо ва таъсироти густурдаи он тавассути амалиёти муштарак, навовариҳои илмӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти сиёсӣ байни кишварҳо ва ниҳодҳои минтақавию байналмилалӣ, тавассути сафарбар намудани захираҳо ва мусоидат ба ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Ҳамзамон, зерҳадафҳои асосии конфронси мазкур аз тақвият бахшидани тадқиқоти илмӣ ва мониторинги динамикаи пиряххо, коҳиш додани оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии раванди таназзулёбии пиряххо ва пешбурди стратегияҳои ҳамгирошудаи мутобиқнамоӣ, аз қабили системаҳои огоҳкунии бармаҳал ва коҳиши хатари офатҳои табиӣ иборат мебошад. Аз ин рӯ, бо боварии комил метавон гуфт, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар татбиқи саривақтии дигар ҳадафу ӯҳдадориҳои марбут ба обу иқлим ва пиряххову экология, бахусус, баргузории Конфронси байналмилалии ҳифзи пиряххо (рӯзҳои 29-31 майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе) саҳм хоҳад гузошт.

Ҳамин тавр, барои ҳифзи пиряххо ва коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ, пешбурди таҷрибаҳои устувор ва дастгирии тадқиқот оид ба ҳифзи пиряххо бағоят муҳим аст ва ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки дар масири мубориза бо тағйирёбии иқлим чораҳои муштараки саривақтӣ андешад. Аз ҷумла:

***Коҳиш додани партови газҳои гулхонаӣ.*** Гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия, баланд бардоштани самаранокии энергия ва қабули энергияи устувор дар амалия, интихоби дурусту устувори ҳар як фард барои кам кардани партови газҳои гулхонаӣ бо ҳаракатҳои шахсӣ, аз ҷумла, интихоби дуруст ва устувор дар рафти фаъолияти ҳаёт метавонанд нақши калон гузоранд. Ҳарчанд ин дар назари аввал ночиз менамояд, вале дар маҷмуъ, аҳолӣ метавонад миллиардҳо тонна $CO^2$, $CH_4$, $N_2O$ ва дигар газҳои заҳрнокро сарфа кунад. Интихоби дурусти устувор ва қадамҳои муҳим дар масири мубориза бо тағйирёбии иқлим, кам кардани истеъмоли аз меъёр зиёди гӯшт ва истифодаи ҷойивазкунандаи он бо маҳсулоти лӯбиёгӣ, хариди маҳсулоти маҳаллӣ, хариди ашёи таъмиршаванда, истифодаи энергияи барқароршаванда, сарфа намудани барқ дар хона, бештар пиёдагардӣ ё бо велосипед, поезд, электроавтобус, троллейбус сафар кардан ва амсоли инҳо мебошанд.

***Ҳифзи экосистемаҳо.*** Ҳифзи ҷангалҳо ва барқарорнамоии онҳо, ботлоқзорҳо, боғҳову манзараҳо, системаи экологии баҳриву уқёнусӣ ва дигар экосистемаҳои табиӣ ба танзими иқлим ва азхудкунии гази карбон кумак мекунанд. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки бо ин мақсад, бо ташаббуси бевоситаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ***Барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунӣ барои давраи то соли 2040*** қабул гардидааст ва ҳадафи асосии он ба коҳиш додани газҳои гулхонаӣ, барқарорсозии ҳолати экологии ҳавои атмосфера, нигоҳдории устувори тавозуни табиӣ, мутобиқшавӣ ба равандҳои тағйирёбии иқлим нигаронида шудааст.

***Мусоидат ба рушди устувор*** равиши махсусу мушаххасест, ки ҳадафи он таъмини тавозун байни рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ мебошад. Барои ҳифзи пиряххо ва экосистемаҳо рушди устувор нақши муҳим бозида, ба коҳиши таъсироти антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим мусоидат менамояд. Дар ин самт бояд аз ҷониби кишварҳои мутараққӣ ба давлатҳои рӯ ба рушд, ки аз тағйирёбии иқлим осебпазиранд, барои инкишоф додани инфрасохтори устувор, дастрасӣ ва идоракунии устувори об, гузариш ба иқтисоди сабз дастгириро бештар намоянд, зеро агар кишварҳои бузурги саноатӣ дар партови газҳои гулхонаӣ саҳми асосӣ дошта бошанд, вале кишварҳое аз он бештар осеб мебинанд, ки рӯ ба рушд қарор доранд. Бинобар ин, раванди мазкур имкон медиҳад, ки захираҳои табиӣ боэҳтиёт истифода шаванд ва экосистемаҳо, аз ҷумла, пиряххо ҳифз шаванд. Ин равиш ҳам барои ҳифзи табиат ва ҳам барои таъмини рушди иқтисодӣ, ки ба наслҳои оянда таъсири манфӣ намерасонад, муҳим мебошад.

***Баланд бардоштани огаҳӣ.*** Омӯзиши аҳолӣ дар бораи аҳаммияти пиряххо ва пайомадҳои манфии таназзулёбии онҳо барои баланд бардоштани ӯҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи онҳо муҳим аст. Аз ҷумла, тавассути корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, навору гузоришҳои кӯтоҳи тарбиявӣ ба воситаи ВАО (рӯзнома, маҷалла, радио, телевизион, сомонаҳои интернатӣ) ва ғ.

Дар маҷмуъ, обшавии босуръати пиряххо мушкилоти ҷаҳонӣ буда, аз ҷомеаи башарӣ татбиқи амалии чораҳои саривақтию таъхирнопазирро тақозо менамояд. Бо ҳалли масъалаҳои тағйирёбии иқлим, сармоягузорӣ ба равишҳову тадбирҳои мутобиқшавӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, инсоният метавонад дар ҳифзи ин захираҳои табиии ҳаётан муҳим ва таъмини ояндаи устувори наслҳои оянда мусоидат намояд. Бо андешидани чунин тадбирҳо, инсон метавонад барои таъмини устувори захираҳои табиӣ, махсусан, обу пиряххо ва хидматҳои муҳимми онҳо ба сайёра ва бошандагони он мусоидат намояд.

# ЭКСТРЕМИЗМИ РАҚАМӢ: ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА РОҲҲОИ МУҚОВИМАТ БА ОН



**Некрӯз ҚУДРАТОВ – сардори раёсати илм ва инноватсияи ДБССТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

**Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (28.12.2023) таъкид шуда буд: «Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла, тарафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силох, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозанд, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем». Чунин хатарҳои муосир, аз ҷумла, яке аз шаклҳои экстремизм – экстремизми рақамӣ имрӯзҳо ба амнияти миллии Тоҷикистон таҳдид мекунанд.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 бо ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти 29 гурӯҳ ва созмонҳои террористиву экстремистӣ манъ карда шудааст. Новобаста аз тадбирҳои андешидашуда, динамикаи содиршавии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2024 нишон медиҳад, ки афзоиши онҳо ҳам аз ҷиҳати микдор ва ҳам сифат ба назар мерасад. Мувофиқи маълумоти оморӣ, дар соли 2010 агар дар Тоҷикистон 10 ҳолати содиршавии ҷиноятҳои экстремистӣ ба қайд гирифта шуда бошад, пас, дар солҳои 2011 – 28, 2012 – 18, 2013 – 38, 2014 – 116, 2015 – 345, 2016 – 617, 2017 – 506, 2018 – 360, 2019 – 634, 2020 – 1091, 2021 – 761, 2022 – 991, 2023 – 1228 ва 2024 – 1494 ҳолат ба қайд гирифта шудаанд, ки нигаронкунанда мебошад. Масалан, дар соли 2024 нисбат ба соли 2010 шумораи ин ҷиноятҳо беш аз 149 баробар зиёд шудааст ва аксарияти ин ҷиноятҳо бо рақамишавӣ алоқамананданд.

Мафҳуми расмии экстремизми рақамӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад. Пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, аз як ҷониб, имкониятҳои нав барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои ҷаҳон фароҳам овард, аммо аз ҷониби дигар, заминаи мусоидро барои тавсеаи зуҳуроти хатарнок, ба монанди экстремизми рақамӣ муҳайё сохтааст. Экстремизми рақамӣ дар замони муосир ба як падидаи фаромиллӣ табдил ёфта, хосиятҳои анъанавии ифротгароиро бо имкониятҳои беинтиҳои интернетӣ муттаҳид менамояд. Таҳлили доктринаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ (ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ва ғ.), сиёсатшиносӣ, сотсиология ба чунин хулосае меоварад, ки экстремизми рақамиро чунин таъриф диҳем: «Экстремизми рақамӣ шакли фаъолияти экстремистие мебошад, ки бо истифода аз абзорҳои рақамӣ – шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook), мессенҷерҳо (Telegram, Watsaap), платформаҳои видеоӣ (youtube.com) ва дигар василаҳои онлайнӣ ба паҳнсозии андешаҳои радикалӣ, таблиғи зӯроварӣ ва ҷалби тарафдорони нав равона шудааст».



Ба гуфтаи И. Эвон (Awan, I. (2016). Cyber-Extremism: ISIS and the Power of Social Media. Society, 53(3), 278-286), экстремистон шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун муҳити «босубот ва амн барои ифротишавии ҷавонон» ба таври васеъ истифода мебаранд, ки дар он идеологияҳои хатарнок бо забони оммафаҳм, гоҳе таҳти шиорҳои динӣ, сиёсӣ ё иҷтимоӣ паҳн мешавад. Ин муҳитро «босубот ва амн» номидани И. Эвон беҳуда нест, зеро: 1) Шабакаҳои иҷтимоӣ назорати пурра надоранд; 2) Шахсони ифротгаро метавонанд бо номҳои сохта ва ба таври пинҳонӣ фаъолият кунанд; 3) Экстремистон аз забони сода ва шиорҳои динӣ, сиёсӣ ё иҷтимоӣ истифода мебаранд, то эҳсосоти ҷавононро таҳрик диҳанд ва онҳоро барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ моил созанд.

Албатта, дар ҳар як ҷомеа ҷавононе ҳастанд, ки дар ҳолати изтироб, ноумедӣ ё ҷустуҷӯи маънӣ қарор доранд ва табиист, ки таблиғоти ифротӣ дар шабакаҳо ба ин эҳсосот таъсир мегузоранд. Идеологияҳои ифротӣ дар зоҳир ҳамчун ҷавоб ба мушкилоти иҷтимоӣ ё адолатталабӣ нишон дода мешаванд, дар ҳоле ки дар асл онҳо мардумро ба зӯроварӣ, нафрат ва ифротгароӣ роҳнамоӣ мекунанд.

Экстремизми рақамӣ дар шаклҳои гуногун зуҳур намуда, метавонад вобаста ба мақсад, восита ва гурӯҳи мақсадноки экстремистон тағйир ёбад. Дар зер баъзе шаклҳои асосии зуҳури экстремизми рақамӣ оварда мешаванд, ки дар муҳити интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ бештар ба мушоҳида мерасанд:

**1. Таблиғоти рақамии ифротӣ.** Кирдори мазкур дар паҳн кардани аксҳо, наворҳо, навиштаҳо ва паёмҳо дар бораи идеологияҳои экстремистӣ бо истифода аз забони таъсирбахш ифода мегардад. Ин шакли зуҳурёбии экстремизми рақамӣ бештар дар шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Instagram, TikTok) ва платформаҳои видео (YouTube, Telegram) дида мешавад. Мақсади асосии ин шакли экстремизми рақамӣ ба таъсиргузорӣ ба эҳсосоти ҷавонон, «қаҳрамон» нишон додани шахсони радикалӣ, сохтани шинохти гурӯҳӣ равона гардидааст. Масалан, дар платформаи видео YouTube мубаллиғоне бо номҳои Муҷибураҳмони Ансорӣ, Абӯ Зоири Дойӣ, Муҳаммад Маданӣ, Абу Убайдуллоҳи Мутаваккил, Абу Муҳаммад Хоблос, Зокир Найк, Мавлавӣ Фирӯз ва ҳазорҳои дигар саҳифаи худро таъсис дода, шабу рӯз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳоро ба ифротгароӣ ҷалб менамоянд.

**2. Ифротишавии маҷозӣ** – равандест, ки дар он шахс дар муҳити интернетӣ зина ба зина ба ақидаҳои ифротӣ рӯ меорад, то он даме ки омодаи амалиёти ифротгароёна шавад. Ин раванд метавонад моҳҳо ё солҳо тӯл кашад ва зери таъсири таблиғот, видеоҳо ва гуфтугӯҳои пинҳонӣ сурат гирад.

**3. Одамчидагирӣ.** Гурӯҳҳои ифротӣ бо истифода аз чатҳо, форумҳо ва платформаҳои бозӣ (мисли Discord, Steam) ба ҷавонон наздик мешаванд, бо онҳо мукотиба мекунанд ва онҳоро тадриҷан ба гурӯҳҳои худ ҷалб мекунанд. «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Гурӯҳи 24», «Давлати исломӣ», «Ҷабҳат ан Нусра», «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон», «Паймони миллии Тоҷикистон» фаъолони чунин гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ мебошанд. Танҳо бо одамчидагирии ТЭТ «Давлати исломӣ» зиёда аз 2500 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷангҳои Сурияву Ироқ ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ширкат кардаанд.

**4. Ташкили шабакаҳои пинҳонӣ.** Гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ аслан аз барномаҳои рамзгузоришуда (зашифрованный) (мисли Telegram, Signal) барои фаъолияти махфӣ, яъне, муоширати дохилӣ, мубодилаи нақшаҳо ва ҳамоҳангсозии амалиёт истифода мебаранд. Ин гуна шабакаҳо аслан пӯшидаанд ва дастрасӣ ба онҳо танҳо пас аз «санҷиш» ё «эътимод» имконпазир аст.

**5. Ҳамлаҳои киберӣ бо ангезаи идеологӣ.** Баъзе гурӯҳҳои ифротӣ (масалан, ТЭТ «Давлати исломӣ) ба ҳамлаҳои рақамӣ (DDoS, хакерӣ, вайрон кардани вебсайтҳо) даст мезананд, ки ин ҳамлаҳо метавонад ангезаҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ё идеологӣ дошта бошанд. Ин амалҳо асосан алайҳи мақомоти давлатӣ, шабакаҳои низомӣ, ВАО ё шахсони дорои мавқеи иҷтимоии зиддиэкстремистӣ равона шаванд. Ҳамлаҳои киберӣ ба шабакаҳои низомӣ ва таҷҳизот метавонанд қобилияти мудофиавии кишвар, аз ҷумла, коҳиш додани имкониятҳои алоқа, дахолат ба системаҳои идоракунӣ ва назоратро халалдор ва ҳатто қобилияти кории техникаи низомиро вайрон кунанд. Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид таъкид намуданд, ки «...барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон бояд тадбирҳои

иловагӣ андешем. Бо беҳтарин шароити зиндагиву хизмат таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, такмил додани дониши тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон аз қабили ин тадбирҳо мебошанд». Тибқи маълумоти Хадамоти алоқа, ҳоло дар Тоҷикистон 8,3 миллион муштарии алоқаи мобилӣ фаъолият доранд, ки тақрибан 5,6 миллион нафари онҳо фаъол ҳисобида мешаванд. Шумораи умумии истифодабарандагони интернет (ва мобилӣ ва кабелӣ) 4,5 миллион нафарро ташкил медиҳад. Омори мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки имконияти содиршавии киберҷиноятҳо тавассути шабакаи Интернет рӯ ба афзоиш дорад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон (Паём, 28.12.2023) муроҷиат ва таъкид намуданд, ки «...ҳамаи шуморо даъват менамоям, ки биёед, минбаъд низ якҷоя кору фаъолият намуда, кишвари худро ободу зебо созем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро баланд бардорем ва обрӯи Ватани азизи худ – Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем». Таъкиди Пешвои миллат маънои онро дорад, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сари вақт бо дарназардошти рушди босуръати муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ қонунҳои дахлдорро қабул намоянд, ки бо манфиатҳои миллии Тоҷикистон тавъам бошанд.

**6. Таҳқир ва тарсондани рақамӣ.** Фишор, таҳқир, таҳдид ва бадномсозии фаъолони ҷомеа, рӯзноманигорон, омӯзгорон ё ҳатто донишҷӯёне, ки бар зидди гурӯҳҳои ифротӣ мубориза мебаранд, яке аз амалҳои анъанавии гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ гаштааст. Ин амал аксаран тавассути паёмҳо, комментҳо ва номҳо фейкӣ сурат мегирад. Кибертаҳдид (ё таҳдиди маҷозӣ) як шакли фаъолияти ҷиноятӣ мебошад, ки дар он ҳамлагарон технологияи рақамӣ ва интернетро барои таҳдид, тамаъҷӯӣ ё фишор ба ҷабрдидагон истифода мебаранд. Кибертаҳдид аксар вақт таҳдиди ифшои маълумоти ҳассос (вобаста ба ҳаёти шахсӣ), нашри маълумоти беобрӯкунанда ё ворид кардани тағйироти зараровар ба маълумотҳои рақамиро дар бар мегирад. Ин гуна ҳамлаҳо метавонанд ҳам ба шахсони алоҳида, ҳам ба ширкатҳо, ташкилотҳо ва ҳатто муассисаҳои давлатӣ равона карда шаванд. Хусусиятҳои асосии кибертаҳдидҳо инҳо буда метавонанд: а) таҳдиди ифшои иттилоот – кибертаҳдидкорон аксар вақт таҳдид мекунанд, ки агар талаботи онҳо иҷро нашавад, маълумоти махфӣ, шахсӣ ё беобрӯкунандаро ошкор мекунанд; б) тамаъҷӯии молиявӣ. Аксар вақт ба сифати иддао ҷуброни молиявӣ талаб карда мешавад. Кибертаҳдидчиён дар ивази ифшо накардан ё нест кардани маълумоти беобрӯкунанда пардохтро талаб мекунанд; в) ҳамлаҳо ба маълумоти шахсӣ. Кибертаҳдид метавонад таҳдидҳои ифшои шахсиро ба монанди аксҳо, видеоҳо, мукотиба ва дигар маълумоти ҳассосро дар бар гирад. Кибертаҳдид ба амнияти шахсӣ, обрӯ ва амнияти иттилоотӣ таҳдиди ҷиддӣ дорад. Мубориза бо ин намуди ҷинояткорӣ омӯзиши корбарон, истифодаи технологияҳои муосири киберамният ва ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар бар мегирад.

Экстремизми рақамӣ амнияти миллиро зери хатар мегузорад, зеро дар сатҳи фардӣ ва иҷтимоӣ метавонад боиси амалҳои террористӣ гардад. Тавре Ҷ. Вайман (Weimann, G. Terrorism in Cyberspace: The Next Generation. Columbia University Press, 2015) зикр мекунад: «Интернет ба экстремистон на танҳо минбар, балки платформаи муташаккилсозии амалиётро фароҳам месозад».

Дар муҳити рақамӣ маҳдудияти ҷуғрофӣ ва ҳуқуқӣ амалан аз байн меравад, ки ин, ба ақидаи Ҷ. Броун (Brown, J. Digital Radicalization: The Global Threat of Online Extremism. Global Security Review, 2020, 12(2), 45-58.), «экстремизмро ба як шабакаи бидуни сарҳад табдил додааст».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 амали «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ба анҷом мерасад ва боварӣ дорем, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи навро бо дарназардошти омилҳо ва сабабу шароитҳои нави содиршавии ин ҷиноятҳо, бахусус, экстремизми рақамӣ, омода ва дар амал татбиқ менамояд. Бо дарназардошти динамикаи нигаронкунандаи содиршавии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ дар солҳои охир, таҳияи стратегияи нав бо такя ба таҳлили амиқи вазъи мавҷуда сурат гирифта, бояд на танҳо ба пешгирии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ,

балки ба ҳалли амиқи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ, ки сабаби густариши ифротгароӣ мегарданд, равона шавад. Барои Стратегияи нав ҷиҳати муқовимат бо экстремизми рақамӣ чунин тавсияҳо муҳим арзёбӣ хоҳанд гардид:

1. Нишони ташаббус ҷиҳати танзими ҳуқуқӣ ва ҳамкории нави сатҳи байналмилалӣ дар самти муқовимат бо экстремизми рақамӣ. Зарур аст, ки қонунгузории миллиро бо технологияи нав мутобиқ созем ва созишномаҳои нави байналмилалиро тақвият диҳем.

2. Дар заминаи эълон намудани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ба баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ диққати махсус дода шуда, барномаҳои давлатӣ қабул карда шаванд. Дар раванди таълиму тарбия ва фаъолият дар ВАО, омӯхтани роҳҳои шинохт ва муқовимат бо таблиғоти ифротӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

3. Истифодаи абзорҳои рақамӣ зидди экстремизм, яъне, тавассути зеҳни сунъӣ ва таҳлилҳои криминологӣ дар назди мақомоти КДАМ, ВКД ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон алгоритмҳои ошкоркунандаи муҳтавои хатарнок, ки бо экстремизм, терроризм ва дигар ҷиноятҳо алоқаманданд, таҳия ва дар амал татбиқ карда шаванд.

4. Таҳқиқоти илмӣ ва омӯзиши криминологӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муқовимат ба экстремизму терроризм (Klausen, J. Tweeting the Jihad: Social Media Networks of Western Foreign Fighters in Syria and Iraq. Studies in Conflict & Terrorism, 2015, 38(1), 1-22). Рушди самти криминологияи рақамӣ ва таҳлили равоншинохтии экстремистон дар муҳити онлайн барои пешгирии ин зуҳурот аҳаммияти хосса дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муқовимат ба экстремизму терроризм 2 рисолаи докторӣ ва зиёда аз 10 рисолаи номзадӣ ҳимоя гардидааст, вале аксарияти ин пешниҳодҳои илмӣ дар амалия татбиқи худро наёфтаанд. Бовар дорем, ки таҳлили ин рисолаҳои илмӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо метавонад дар пешгирии экстремизму терроризм самара диҳанд.

5. Самаранок ба роҳ мондани таъмини ҳамкорӣ бо платформаҳои ҷаҳонӣ. Таъмини ҳамкорӣ бо платформаҳои ҷаҳонӣ, ба монанди Google, Meta (Facebook, Instagram, WhatsApp), TikTok, X (собиқ Twitter) ва монанди инҳо, аз роҳҳои калидии муқовимат ба экстремизми рақамӣ ба шумор меравад. Чунин ҳамкорӣ на танҳо мубориза ву муқовимат бо таблиғоти ифротиро самараноктар мегардонад, балки барои ҳифзи амнияти миллӣ ва амнияти байналмилалӣ низ шароити мусоид фароҳам меорад.

Бисёр кишварҳо, ба монанди Олмон (бо қонуни NetzDG - Немецкий закон против ненависти и травли в Интернете) ва Ҳиндустон, қонунан уҳдадор мекунанд, ки ширкатҳои технологӣ дар муҳлатҳои муайян маводи хатарнокро аз шабакаҳояшон ҳазф кунанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули чунин як қонун амали саривақтӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин ширкатҳо меморандумҳои ҳамкорӣ бояд ба имзо расонад, ки дар асоси онҳо платформаҳо муҳтавои хатарнокро бо тавсияи мақомоти давлатӣ баррасӣ кунанд ва онҳо барои кормандони сохторҳои амниятӣ курсҳои омӯзишӣ гузаронанд (масалан, чӣ гуна дархост барои ҳазф ё дарёфти маълумот фиристодан).

Албатта, дар дохили ҳар як платформа барномаҳои махсус бо истифода аз зеҳни сунъӣ фаъолият мекунанд, то маводи эктремистиву террористӣ дар он ҷо роҳ наёбад. Масалан, платформаи Meta (Facebook, Instagram) дорои сиёсатҳои «Community Standards» ва гурӯҳҳои хоси зидди hate speech ва ифротгароӣ мебошанд, YouTube (таҳти Google) истифодаи зеҳни сунъиро барои шиносоӣ ва ҳазфи автоматии видеои ифротгароёна ба роҳ мондааст. Ҳарчанд платформаҳо кӯшиши зиёдеро дар мубориза ба экстремизму терроризм ба харҷ медиҳанд, вале ба сабаби ҳаҷми бузурги маълумот ва душвории забонҳо (масалан, тоҷикӣ ё дарӣ) имконияти назорати пурра маҳдуд боқӣ мемонад.

**Хулоса,** муқовимат бо экстремизми рақамӣ як амали мураккаб, дарозмуддат ва бисёрсоҳа аст. Барои шинохт ва муқовимати муассир бояд ҳар як шакли он таҳлил, мушаххас ва таҳти назорати касбӣ қарор гирад. Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки экстремизми рақамӣ дар замони муосир ба як падидаи хатарноки фаромиллӣ табдил ёфта, амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври ҷиддӣ зери хатар мегузорад. Пешрафти босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши истифодабарандагони интернет дар кишвар шароити мусоидро барои паҳншавии идеологияҳои ифротӣ, ифротишавии маҷозӣ ва ҷалби рақамии шаҳрвандон фароҳам овардааст.

Муқовимати муассир бо экстремизми рақамӣ бояд аз роҳи танзими ҳуқуқии фаъол, таълими саводнокии рақамӣ, таҳқиқоти илмии байнисоҳавӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ ва таҳлилҳои криминологӣ, ҳамчунин, тавассути ҳамкорӣ бо платформаҳои ҷаҳонии рақамӣ ба роҳ монда шавад. Илова бар ин, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди самти криминологияи рақамӣ метавонанд ба коҳиши хатари экстремизми рақамӣ ва таҳкими суботи миллӣ мусоидат намоянд.

**Адабиёт:**


1. Awan, I. (2016). Cyber-Extremism: ISIS and the Power of Social Media. Society, 53(3), 278–286
2. Brown, J. Digital Radicalization: The Global Threat of Online Extremism. Global Security Review, 2020, 12(2), 45–58.
3. Klausen, J. Tweeting the Jihad: Social Media Networks of Western Foreign Fighters in Syria and Iraq. Studies in Conflict & Terrorism, 2015, 38(1), 1–22
4. Weimann, G. Terrorism in Cyberspace: The Next Generation. Columbia University Press, 2015
5. Кудратов, Н. А. Некоторые вопросы влияние образования в предупреждении экстремизма // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 3(42). – С. 313-325.
6. Кудратов, Н. А. Уголовно–правовая охрана основ конституционного строя и безопасности государства: проблемы доктрины, правоприменения и совершенствования законодательства: специальность 12.00.08 «Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право»: диссертация на соискание ученой степени доктора юридических наук. – Душанбе, 2021. – 539 с. – EDN RXSNWC.


## Ватан дар синаам бо ин бузургӣ

Ватан дар синаам бо ин бузургӣ
Ба монанди диле маъво гирифтаст,
Ки гӯё чун раги хун аз дили ман
Ба сахро роҳи нав дарё гирифтаст.
Сафи амвоҷ ҳамчун сатри шеърам
Шавад иншо ба рӯйи дафтари дил.
Ситода рост гӯё кӯҳсораш
Ба мисли посбоне бар дари дил.
Даруни синаи ман хуфта гӯё,
Ҳама сарбозҳои ҷонсупурда.

Агарчи хуфта онҳо дар дили хок,
Валекин ёдашон дар дил намурда.
Даруни синаи ман бешазорест,
Даруни синаи ман кӯҳу сахрост.
Даруни синаи ман кӯҳсорест,
Даруни синаи ман ними дунёст.
Ватан дар синаам бо ин бузургӣ
Ба монанди диле маъво гирифтаст,
Ки гӯё чун раги хун аз дили ман
Ба сахро роҳи нав дарё гирифтаст.

***Ҳабибулло Файзулло***

# МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА УНСУРҲОИ ПЕДАГОГИКАИ РАҚАМӢ



**Санҷар АМРИЕВ– муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе»**

**Имрӯз воситаҳои рақамӣ, ба монанди компютер, планшет ва телефони мобилӣ қисми таркибии ҷомеаи мо шудаанд. Рушди рӯзафзуни технологияи иттилоотӣ одатҳо ва тарзи зиндагии моро пайваста тағйир медиҳанд. Усулҳои омӯзиш ва имкониятҳои вобаста ба таҳсилот низ тағйир ёфтанд, ки пайдоиши педагогикаи рақамӣ яке аз натиҷаҳои чунин тағйирот мебошад.**

Шояд аз ин сабаб дар марҳилаҳои аввали инкишофи ин соҳа ибораи «педагогикаи рақамӣ» бо як қатор афсонаҳо ва пешдоварии нодуруст тавъам гардидааст, ки фаҳмиши вазифаҳои воқеии пеши рӯи мутахассисонро мушкил мекунанд. Ба ҳар ҳол, мафҳуми «педагогикаи рақамӣ» яке аз унсурҳои калидии рушди соҳаи таҳсилот ба ҳисоб меравад. Ҷаҳони рақамӣ имкониятҳои наверо барои муаллимон ва хонандагон фароҳам овардааст, ки равандҳои омӯзиш ва таълимро пурмазмун, дастрас ва мутобиқшаванда мегардонанд. Мақсади асосии педагогикаи рақамӣ ба таълим мусоидат кардан ва таъсиси муҳити фарогири омӯзиш аст, ки дар он технология на танҳо воситаи ёрирасон, балки асоси ташкили тамоми равандҳои таълимӣ мебошад.

### Мафҳуми педагогикаи рақамӣ

Аз худи номи педагогикаи рақамӣ метавон фаҳмид, ки сухан дар бораи робита байни технологияҳои рақамӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ меравад. Вале муҳим аст, ки бифаҳмем: агар омӯзгор технологияҳои рақамиро дар фаъолияти касбии худ истифода барад, ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки ӯ педагогикаи рақамиро амалӣ мекунад. Тасаввур кунед, ки як муаллими биология солҳо ба хонандагон расмҳоеро нишон медиҳад, ки дар онҳо сохтори ҳуҷайраҳо тасвир шудаанд. Пештар ӯ барои ин плакат истифода мекард, ҳоло бошад – проектор. Пештар ӯ вақти дар синф бударо барои намоиши слайдҳо ҷудо мекард, ҳоло бошад, онҳоро дар сомона ё системаи таҳсили электронии худ ҷой медиҳад. Оё натиҷаи таълим дигар шуд? Албатта, не.



Бисёре аз омӯзгорон технологияҳои рақамиро барои беҳтарсозӣ ё дастгирии усулҳое истифода мебаранд, ки дар давоми фаъолияти омӯзгории худ ба кор мебурданд. Чунин технологияҳо воситаҳое мебошанд, ки нисбат ба ҳадафҳо бетарафанд. Вале, оё ҳамеша бояд чунин бошад?

Технологияҳои иттилоотии рақамӣ ба соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин, ба ҳадафҳои фаъолияти инсон таъсири зиёд расонданд. Масалан, бозор тағйир ёфт, на аз он сабаб ки моделҳои пешинаи бозор ба муҳити интернет кӯчонида шуданд, балки аз он сабаб ки дар ин

муҳит ҳадафҳои нав, роҳҳои нави ҳамкорӣ бо муштариён ва таъсиррасонӣ ба интихоби онҳо пайдо шуданд.

Ба ҳамин тартиб, **қонуни аввали педагогикаи рақамиро** метавон чунин баён кард: вазифаи муҳаққиқ дарк кардани он аст, ки таҷрибаи омӯзиш дар ҷомеаи рақамӣ чӣ гуна тағйир меёбад ва ин таҷриба кадом ҳадафҳо, арзишҳо ва имкониятҳои навро ба бор меорад. Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгор истифодаи самараноки роҳҳоест, ки ин таҷрибаро барои хонандагон тағйир медиҳанд.

Дар мавриди татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар педагогика муҳаққиқони рус А. В. Голубинская ва В. А. Демарева бо таъбири ҷолибе мегӯянд, ки «Технологисозии раванди таълимӣ танҳо бо вогузории вазифаҳои анъанавии омӯзгор ба «мошини беҷон» ҳамон қадар самаранок хоҳад буд, ки бастани аспҳо ба автомошинаҳои имрӯзӣ натиҷа диҳанд».

Бинобар ин, воситаҳои рақамӣ нисбат ба ҳадафҳои педагогика бетарафанд. Аз ин рӯ, **қонуни дуюми педагогикаи рақамиро чунин** сабт мекунем: **худи технологияҳо ба таври худкор сифати таълимро беҳтар намекунанд ва табиати раванди таълимро дигар намесозанд**. Он чизе ки табиати таълимро тағйир медиҳад, **тарзи истифода ва мақсаде** аст, ки мо бо он технологияҳоро истифода мебарем.

Ҷесси Строммел, яке аз бунёдгузорони **Digital Pedagogy Lab** дар маҷаллаи **Hybrid Pedagogy** махсус таъкид мекунад, ки педагогикаи рақамӣ равишест, ки ба худи педагогика равона шудааст, на ба бутсозии (фетишизатсияи) воситаҳои рақамӣ.

Агар қонуни аввал мегӯяд, ки ҳадафи истифодаи технологияҳои рақамӣ на иваз кардани шаклҳои мавҷудаи таълим, балки ҷустуҷӯи шаклҳои нав аст, яъне, он шаклҳое, ки метавонанд самаранокии кори омӯзгор ва донишомӯзро боло баранд, пас, қонуни дуюм ба мо хотиррасон мекунад, ки **нақши омӯзгор дар педагогикаи рақамӣ ҳамон қадар муҳим аст, ки дар равишҳои анъанавӣ муҳим аст**.

Дар масири тӯлонии таърих қабули навгониҳо барои ҷомеа тасаввуротеро ба бор меоварад, ки ҳатто рӯшанфикрони он замон бонги изтироб баланд ва аз хатароти манфии он изҳори нигаронӣ мекарданд. Соли 1685 файласуф А. Байле эълон кард, ки суръати чопи китобҳои замони ӯ боис мегардад, ки асрҳои баъдӣ ба ҳамон ҳолати ваҳшоние табдил ёбанд, ки пас аз суқути Империяи Рим рух дода буд. Қариб як аср пеш аз ӯ зарари фаровонии нусхабардории китобҳоро К. Гесснер тасвир карда буд. Бовар накардан ба китобҳо тақрибан як аср идома ёфт ва ҳатто баъзе файласуфон, ба монанди Д. Дидро ва Г. Лейбнитс аз фаровонии китобҳои чопӣ барои тамаддун изҳори нигаронӣ мекарданд. Ҳамчунин, метавон Сукротро дар осори Афлотун ба ёд овард, ки хатро ҳамчун падидаи таназзули фарҳангии ҷомеаи бехат тавсиф мекард: «одамон донишманд ба назар мерасанд, вале дар асл аксаран нодон мемонанд ва одамоне мешаванд, ки бо онҳо гуфтугӯ душвор аст». Ҳамаи ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои нав — хоҳ чопи китобҳо бошад, хоҳ интернетӣ, ҳамеша бо изтиробу ташвишҳо тавъам будааст, аммо ҳеҷ яке аз онҳо таълимро «вайрон» накардааст.

Раванди эволютсионии иҷтимоиро наметавон боздошт, аз ин рӯ, **қоидаи сеюми педагогикаи рақамӣ** чунин аст: технологияҳои рақамӣ бояд ба таври интиқодӣ таҳлил карда шаванд ва дар ниҳоят, бояд барои дастгирии педагогика равона шаванд, на ба муҳофизати педагогика аз онҳо. Дар асоси ин нуктаҳо метавон хулоса кард: педагогикаи рақамӣ соҳаест, ки ҳадафаш омӯзиш ва таҳияи моделҳо, усулҳо ва натиҷаҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар таълим буда, таҷрибаи таълимгирандагонро такмил дода, самаранокии кори омӯзгоронро беҳтар мегардонад.

Педагогикаи рақамӣ илмест, ки принсип, усул ва технологияҳои истифодаи захираҳои иттилоотӣ ва рақамиро дар таълим мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медиҳад. Ин як илми мутобиқшаванда аст, ки дар ҳамкорӣ бо дигар соҳаҳо, аз ҷумла, технология, психологияи омӯзишӣ ва информатика фаъолият мекунад. Маълумот ва таҳлилҳои зиёде собит мекунанд, ки татбиқи педагогикаи рақамӣ на танҳо дараҷаи таҳсилотро беҳтар менамояд, балки диққат ва шавқу рағбати хонандагонро ба омӯзиш зиёд мекунад.

**Таърихи пайдоиши педагогикаи рақамӣ.** Насли аввалини воситаҳои педагогикаи рақамӣ ҳанӯз дар аввали асри XX пайдо шуд, вақте ки компютерҳо аввалин бор ба муассисаҳои таълимӣ

ворид шуданд. Бо вуҷуди ин, густариши воқеии он бо пайдоиши интернет ва технологияи мобилӣ дар авохири асри XX ва аввали асри XXI рух дод. Марҳилаи муҳим дар ин соҳа татбиқи платформаҳои онлайн барои таҳсил (Moodle, Blackboard, Google Classroom ва ғ.) ба ҳисоб меравад, ки имконият доданд таълими анъанавӣ бо модели гибридӣ ё пурра рақамӣ иваз шавад.

## Аҳаммияти педагогикаи рақамӣ

**Дастрасӣ ба таҳсилот барои ҳама:** Технологияҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки одамон аз тамоми дунё дар барномаҳои таҳсилоти олӣ ва касбӣ иштирок кунанд, новобаста аз маҳалли зист.

**Фардикунонӣ дар таълим:** Бо ёрии воситаҳои рақамӣ муаллимон метавонанд тарзи таҳсилро ба ниёзҳои ҳар як хонанда мутобиқ кунанд.

**Баланд бардоштани самаранокии омӯзиш:** Платформаҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки раванди омӯзиш интерактивӣ ва шавқовар бошад.

**Омодагӣ ба ҷаҳонбинии рақамӣ:** Омӯзиши рақамӣ малакаҳои муҳимро дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва муносибат бо миқдори зиёди маълумот меомӯзонад.

**Унсурҳои асосии педагогикаи рақамӣ.** Унсурҳои педагогикаи рақамӣ ба андешаи мо, аз захираҳои рақамӣ, платформаҳои бархат, симулятсия ва воситаҳои интерактивӣ иборатанд.

Захираҳои рақамӣ, аз ҷумла, маводи таълимӣ, китобҳои электронӣ, лексияҳои видеоӣ ва нармафзорҳо ба раванди таълим саҳми калон мегузоранд. Ин воситаҳо имконият медиҳанд, ки хонандагон маълумоти заруриро дар вақти дилхоҳ ва аз маҳалли дилхоҳ дарёфт кунанд.

Платформаҳои бархат (онлайн), мисли Google Classroom, Moodle ва Blackboard, барои гузаронидани дарсҳо ва муколамаи интерактивӣ истифода мешаванд. Онҳо на танҳо ҷртиботро осон мекунанд, балки раванди таълимро зина ба зина назорат менамоянд. Симулятсияҳо имконият медиҳанд, ки хонандагон таҷрибаҳои амалиро тавассути муҳити виртуалӣ анҷом диҳанд. Масалан, дар омӯзиши фанҳои тиббӣ, муҳандисӣ ё физика, симулятсияҳо барои омӯзиши равандҳои амалии мураккаб истифода мешаванд.

## Усулҳои педагогикаи рақамӣ

Педагогикаи рақамӣ таваҷҷуҳро ба омӯзиши фаъол равона мекунад, яъне, ба ҷойи танҳо қабул кардани дониш аз омӯзгор, донишомӯзон бояд маҷмуи амалҳои фаъолро анҷом диҳанд, ки дар натиҷа онҳо дониш ва малакаҳои заруриро ба даст меоранд.

1. **Омӯзиши ба масъала равонашуда.** Ин усул бар он асос ёфтааст, ки омӯзиш метавонад дар заминаи ҳолатҳо ва мушкилоте сурат гирад, ки дар ҷараёни фаъолияти касбӣ ба миён меояд. Омӯзгор вазифадор аст, ки чунин масъалаҳои намунавиро таҳия намояд. Ин масъалаҳо бояд аз як тараф, ба сатҳи дониши донишомӯзон мутобиқ бошанд ва аз тарафи дигар, имкони ҳалли вазифаҳои нави фикриро фароҳам оваранд.

**2. Омӯзиши ба лоиҳа равонашуда.** Принсипи асосии ин усул дар он аст, ки донишомӯзон бояд на танҳо иттилоотро ёд гиранд, балки бештар аз он амал намоянд. Дар ин раванд, онҳо дар муддати тӯлонӣ бо як лоиҳа кор мекунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад мавзуъро тавассути васлаҳои эҷодӣ, тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои муоширатӣ омӯзанд.

**3. Омӯзиши ба вазифа равонашуда.** Ин навъи омӯзиш, ки аз ҷониби ширкати Apple роҳандозӣ шудааст, аз се марҳила иборат аст:

1. Шиносоии донишомӯзон бо мафҳумҳои умумии мавзуъ.
2. Муайян кардани масъалаҳо ва вазифаҳои таркибии мавзуъ.
3. Ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо.

Мавзуъ бояд васеъ бошад (масалан, бекорӣ, истеъмоли энергия ё муҳоҷират). Омӯзгор онро муаррифӣ ва ба муҳокима роҳнамоӣ менамояд. Донишомӯзон мустақилона масъалаҳои асосии мавзуъро муайян карда, барои ҳалли онҳо бо истифода аз технологияҳои рақамӣ (видео, блогҳо, вики) тадқиқот мегузаронанд. Пас аз анҷоми таҳқиқ, гурӯҳ роҳи ҳал ва нақшаи амал таҳия мекунад.

**4. Омӯзиши ба падида равонашуда.** Ин усули омӯзиш бори аввал дар Финляндия ҷорӣ ва санҷида шудааст. Дар маркази ин равиш падидаҳои воқеии зиндагии муосир қарор доранд.

Масалан, метавон равандҳои муҳоҷирати аҳолиро дар заминаи воқеаҳои имрӯза омӯзиш дод ё назарияҳои иқтисодиро бо таҳлили рӯйдодҳои воқеӣ, бидуни хондани китобҳои дарсӣ, фаҳмонд.

**5. Омӯзиши ба бозӣ равонашуда.** Ин усул аз принсипҳое истифода мебарад, ки дар сохтани бозиҳои видеоӣ ба кор мераванд: такрори амал, то он даме ки донишомӯз тавонад «сатҳҳои душвор»-ро бомуваффақият пушти сар кунад. Машқҳои рақобатӣ истифода мешаванд, то донишомӯзон ҳавасманд шаванд. Онҳо ба сӯи ҳадаф кор мекунанд, амалҳоро интихоб намуда, натиҷаҳои онҳоро (дар муҳити виртуалӣ, ки хато кардан бидуни хатар мумкин аст) таҷриба мекунанд.

## Хусусиятҳои педагогикаи рақамӣ

**Мутобиқшаванда:** Педагогикаи рақамӣ ба ниёзҳои инфиродии ҳар як хонанда мутобиқ мешавад.

**Интерактивӣ:** Муколамаи байни устод ва шогирд, инчунин ҳамкории байни хонандагон дар муҳити рақамӣ осон мегардад.

**Ташкилоти маълумот:** Захираҳо ба таври систематикӣ ва ботартиб пешниҳод шуда, ба раванди омӯзиш мусоидат мекунанд.

**Татбиқи амалӣ ва мушкилоти педагогикаи рақамӣ:**

Дар ин бахш мо масъалаҳои татбиқи педагогикаи рақамӣ дар муассисаҳои таълимӣ, инчунин мушкилот ва имкониятҳои асосии онро дар шароити муосир дида мебароем.

## Татбиқи амалӣ

**а) Омӯзиш тавассути платформаҳои рақамӣ:** Муассисаҳои таълимӣ, мактабҳо ва донишгоҳҳо метавонанд платформаҳои рақамиро барои гузаронидани дарсҳо ва курсҳои онлайн истифода кунанд. Ин платформаҳо ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки маводи таълимиро бо тарзи муташаккилона пешниҳод кунанд ва шогирдон раванди таълимро бо осонӣ пайгирӣ намоянд.

**б) Омӯзиши омехта:** Омӯзиши гибридӣ модели омехтаи таълими анъанавӣ ва рақамист, ки имрӯз ба таври васеъ истифода мешавад. Хонандагон метавонанд дар дарсҳои рӯ ба рӯ иштирок кунанд ва дар айни замон, захираҳои рақамиро барои омӯзиш истифода баранд.

**в) Озмоишгоҳҳои виртуалӣ:** Дар соҳаҳое, ки таҷрибаҳои амалӣ муҳиманд (масалан, биология, физика, кимиё), озмоишгоҳҳои виртуалӣ имконият медиҳанд, ки шогирдон таҷрибаҳои худро тавассути симулятсияҳо анҷом диҳанд.

## Мушкилот

**а) Норасоии захираҳои техникӣ:** Дар баъзе минтақаҳо, хусусан, дар минтақаҳои дурдаст, норасоии компютерҳо, интернет ва воситаҳои дигари техникӣ татбиқи педагогикаи рақамиро мушкил мекунад.

**б) Камбуди дониш ва малака:** На ҳама муаллимон ва шогирдон малакаҳои заруриро барои истифодаи технологияҳои рақамӣ доранд. Ин талаб мекунад, ки барномаҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани дониш ва малакаҳо ташкил карда шаванд.

**в) Масоили амниятӣ:** Бо истифода аз технологияҳои рақамӣ масъалаҳои амният, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва пешгирии хатарҳои киберӣ пайдо мешаванд, ки бояд ба таври ҷиддӣ ҳал шаванд.

## Имконот

**а) Дастрасии глобалӣ:** Педагогикаи рақамӣ имконият медиҳад, ки таҳсилот ба ҳар гӯшаи дунё расад, хусусан, ба онҳое, ки ба таҳсилоти анъанавӣ дастрасӣ надоранд.

**б) Шавқу ҳаваси шогирдон:** Шогирдон, хусусан, ҷавонон, бештар ба технология шавқу ҳавас доранд, ки ин метавонад раванди таълимро ҷолиб ва муассир гардонад.

**в) Инноватсия дар раванди таҳсил:** Педагогикаи рақамӣ барои эҷод ва ҷорӣ кардани усулҳои нав, аз ҷумла, таҳлилҳои интеллектуалӣ ва омӯзиши фардӣ имконият фароҳам меорад.

**Таъсири педагогикаи рақамӣ ва дурнамои рушди он**

Дар ин бахш таъсири педагогикаи рақамиро ба раванди таҳсил ва таълим, инчунин, дурнамои рушди он дарояндаи наздик баррасӣ мекунем.

## Таъсири педагогикаи рақамӣ

**а) Беҳтаршавии сифати таълим:** Бо истифода аз воситаҳои рақамӣ, омӯзгорон метавонанд равишҳои муассиртареро барои расонидани маводи омӯзишӣ истифода кунанд. Масалан, симулятсияҳо ва видеоҳои интерактивӣ метавонанд дарсҳоро ба таври назаррас ҷолиб гардонанд.

**б) Фардикунонӣ дар омӯзиш:** Платформаҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки равиши таҳсил ба талаботи инфиродии хонанда мутобиқ карда шавад. Ин усул ба баланд бардоштани самаранокии омӯзиш ва рушди шахсӣ мусоидат мекунад.

**в) Афзоиши дастрасӣ ба таҳсил:** Омӯзиши онлайнӣ барои шахсоне, ки ба таҳсилоти анъанавӣ дастрасӣ надоранд, имконият фароҳам меорад, ки маълумот ва малакаҳои нав ба даст оранд.

**г) Омӯзиши фаъол:** Мақсади педагогикаи рақамӣ ташвиқ намудани хонандагон ба иштироки фаъол дар раванди таҳсил мебошад. Хонандагон метавонанд дар муҳити рақамӣ имкониятҳои омӯзиши инфиродӣ, гурӯҳӣ ва интерфаъолро дарёфт кунанд.

## Дурнамои рушди педагогикаи рақамӣ

**а) Густариши системаи омӯзиши интеллектуалӣ:** Технологияҳои интеллектуалӣ ва алгоритмҳои таҳлилӣ метавонанд таҳсилро на танҳо фардӣ, балки пешгӯишаванда гардонанд. Дар оянда ин системаҳо метавонанд раванди омӯзишро ба таври комил идора ва оптимизатсия кунанд.

**б) Технологияҳои воқеияти афзуда ва виртуалӣ:** Воқеияти афзуда (AR) ва воқеияти виртуалӣ (VR) метавонанд равишҳои навро дар омӯзиши амалӣ пешниҳод кунанд, ки имкон медиҳанд, хонандагон бештар таҷрибаи амалӣ дошта бошанд.

**в) Платформаҳои глобалӣ:** Густариши платформаҳои байналмилалӣ барои омӯзиши онлайнӣ ба ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ байни хонандагон аз тамоми ҷаҳон мусоидат мекунад.

**г) Технологияҳои киберфазоӣ:** Ҳифзи маълумоти шахсӣ ва амнияти киберӣ яке аз самтҳои муҳимми рушди педагогикаи рақамӣ дар оянда ба ҳисоб меравад.

Педагогикаи рақамӣ равишҳои навро барои беҳтар кардани сифати таълим пешниҳод мекунад ва дар оянда бо истифода аз технологияҳои пешрафта минбаъд густариш хоҳад ёфт. Он барои таъмин намудани дониш бо тамоми мардум, новобаста аз маҳалли ҷойгиршавӣ, имконияти фарогириро таъмин мекунад.

Дар замони муосир, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сӯйи рақамисозӣ ҳаракат мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҷорӣ кардани усулҳои рақамӣ дар низоми таҳсил рӯ овардааст ва ин раванд яке аз афзалиятҳои ислоҳоти соҳаи маориф эълон гардидааст. Ин аст, ки бо Қарори Ҳукумати мамлакат аз 30 августи соли 2022, №439 «Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042» ба тасвиб расида, мавриди амал қарор дода шуд. Бо гузаштан ба таҳсилоти рақамӣ мо ба «Педагогикаи рақамӣ» бештар эҳтиёҷ хоҳем дошт, зеро он на танҳо истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим аст, балки як низоми пурраест, ки муносибат ба омӯзишу таълимро дигар мекунад.

## Адабиёт:


1. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2022, №439.
2. Цифровая педагогика: от дидактики к педагогическому дизайну: сборник статей Международной научно-практической конференции. Конвент – УГИ. 2023. – 153 с.
3. Цифровая педагогика: технологии и методы: учебное пособие / Н. В. Соловова [и др.]. – Самара: Издательство Самарского университета, 2020. – 12 с.
4. Голубинская, А. В., Демарева, В. А. Цифровая педагогика: учебное пособие. – Нижний Новгород: Нижегородский госуниверситет, 2021. – 64 с.

# ТЕХНОЛОГИЯИ КЕЙС ВА АФЗАЛИЯТИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ



Сурайё ШЕРДИЛОВА – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими ДЧТИБКСМ

**Методи кейс (аз англисии case method) равиши таълимест, ки дар он донишомӯзон бо таҳлил ва муҳокимаи вазъиятҳои воқеии ҳаёт ё ҳолатҳое, ки ба масъалаҳои муаммоҳои амалӣ ва мушкилоти муассисаи таълимӣ марбутанд, машғул мешаванд. Ин метод дар асоси ҳалли масъалаҳои «кейсӣ» (ҳолат) ба донишомӯзон кумак мекунад, то малакаҳои қабули қарор ва таҳлил карданро дар худ рушд диҳанд.**

Дар чаҳони муосир, ки илм ва техника бо суръати баланд рушд мекунанд, технологияи кейс ҳамчун як воситаи муассир барои ҳалли мушкилоти амалӣ ва таълимӣ мавқеи муҳим касб намудааст. Ин метод асосан барои омӯзиш, таҳлил ва қабули қарорҳо дар асоси мисолҳои воқеӣ истифода мешавад. Кейс имконият медиҳад, ки хонандагон, мутахассисон, таҳлилгарон малакаҳои таҳлилӣ ва мантиқии худро рушд диҳанд, вазъиятҳои гуногунро аз дидгоҳи мухталиф баррасӣ намоянд ва қарорҳои самарабахш қабул намоянд. Дар ин мақола мо моҳияти технологияи кейс (ҳолат, вазъият), самтҳои истифода ва таъсири он ба раванди омӯзиш ва қабули қарорҳоро таҳлил хоҳем кард.

Кейс (вазъиятҳои таълимӣ, ҳолат) усули омӯзиш ва таҳлили ҳолатҳои воқеиест, ки метавонанд дар самти омӯхташуда сурат гиранд. Дар ин раванд, хонандагон истифодаи донишҳои назариявии бадастомадаро дар амал, дуруст арзёбӣ кардани далелҳо ва бо донишҳои худ алоқаманд кардани онҳо, изҳор ва далели мавқеи худро меомӯзанд. Барои ҳалли вазъиятҳои таълимӣ (кейс) шумо бояд таҳлили вазъияти пешниҳодшуда ва ҳалли некбинонаро анҷом диҳед. Ин метод бо истифодаи мисолҳои амалии аз ҳаёт гирифташуда ё моделҳои сохташуда ба омӯзандагон кумак мерасонад, то дониши назариявии худро бо амалия табдил диҳанд. Кейс («case» – ҳолат) технологияи интерактивии таълим буда, ба ташаккули дониш, малака, сифатҳои шахсии хонандагон дар асоси таҳлил ва ҳалли вазъияти мушкилоти воқеӣ ё моделишуда дар заминаи фаъолияти касбӣ, ки дар шакли кейс (ҳолат, вазъият) пешниҳод шудааст, равона гардидааст. Истифодаи методи кейс (ҳолат) дар раванди таълим чунин хусусиятҳо дорад:



**Ҳалли масъалаҳои воқеӣ.** Таҳлили вазъиятҳои воқеӣ ба донишомӯзон имкон медиҳад, ки бо мушкилоти ҳаррӯза ва стратегияи амалии ҳаёти корӣ ошно шаванд.

**Гурӯҳҳои таҳлилӣ.** Тавассути ин метод гурӯҳҳои донишомӯзон якҷоя бо омӯзгорон ё роҳбарон барои таҳлил кардани ҳолатҳо фаъолият мекунанд, ҳамкории байни донишомӯзон рушд меёбад.

**Таълим дар асоси амал**. Бо истифода аз ҳолатҳои воқеӣ, донишомӯзон таҷриба ҳосил карда, барои ҳаллу фасл кардани муаммоҳо роҳҳои эҷодӣ пайдо мекунанд. Кейс (ҳолат, вазъият)

як усули муассир барои ба таври амиқ ва амалӣ фаҳмидани таҳлил ва роҳҳои ҳалли масъалаҳо мебошад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи фаъоли технологияи кейс (ҳолат) дар соҳаи маориф оғоз ёфта, ҳоло ин усул ба яке аз технологияҳои самараноки таълим мубаддал гаштааст. Афзалиятҳои усули кейс (ҳолат) дар муқоиса бо усулҳои анъанавии таълим кадомҳоянд? Метавонем се хусусияти муҳимтаринро номбар кунем:

• **Самти амалӣ**. Усули кейс имкон медиҳад, ки дониши назариявӣ дар ҳалли масъалаҳои амалӣ татбиқ карда шавад. Ин усул танҳо таҳсилоти академикиро ҷуброн мекунад.

• **Шакли интерактивӣ**. Усули кейс (ҳолат, вазъият) азхудкунии самараноки маводро тавассути ҷалби баланди эмотсионалӣ ва иштироки фаъолонаи хонандагон таъмин мекунад. Иштирокчиён ба вазъияти таълимӣ фаро гирифта мешаванд: кейс (ҳолат, вазъият) қаҳрамони асосӣ дорад, ки дастаи худро ба ҷойи ӯ мегузорад ва мушкилотро аз номи ӯ ҳал мекунад. Дар таълим на ба азхудкунии дониши тайёр, балки ба таҳияи он таъкид карда мешавад.

• **Малакаҳои мушаххас**. Усули кейс (ҳолат, вазъият) имкон медиҳад, «маҳорати тавонистан» (soft skills), ки дар донишгоҳ таълим дода намешавад, аммо дар ҷараёни кории воқеӣ хеле зарур аст, такмил дода шавад.

Ҳалли вазъият аз якчанд қадам иборат аст:

1) омӯзиши вазъи пешниҳодшуда (кейс);

2) ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти гумшуда;

3) муҳокимаи имконоти имконпазири ҳалли масъала;

4) таҳияи ҳалли беҳтарин.

**Соҳаҳои истифодаи кейс (ҳолат, вазъият):**

Маориф (муассисаҳои таълимӣ (миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ); Бизнес ва менеҷмент; Тиб; Ҳуқуқ; Илмҳои иҷтимоӣ.

**Намунаи кейс (ҳолат, вазъият):**

Кейс (ҳолат) – хонандаи N пайваста ҷавобҳоро аз ҳамсинфонаш дар корҳои санҷишӣ ва мустақилона нусхабардорӣ мекунад. Пеш аз имтиҳонҳо ӯ ба изтироб меояд: саволҳои зиёд медиҳад, кӯшиш мекунад, ки супоришҳоро пешакӣ фаҳмад ва хеле мушавваш менамояд. Дар ҷараёни кори санҷишӣ хонанда зуд-зуд ба атроф нигоҳ мекунад, кӯшиш менамояд, ки назди хонандагони ҳушманд бишинад ва фаъолона роҳҳои нусхабардориро меҷӯяд, ки ин боиси норозигии ҳамсинфон мешавад. Пас аз имтиҳонҳо ӯ аз муҳокимаҳо канорагирӣ мекунад ва баъзан аз мушкил будани супоришҳо ё набудани вақти кофӣ барои омодагӣ шикоят мекунад.

1. Чӣ сабабгори чунин рафтори хонанда шудааст?
2. Рафтори хонанда аз чӣ шаҳодат медиҳад?
3. Нақши омӯзгор дар ин вазъият чӣ гуна аст?
4. Оё чунин мисолҳо дар таҷрибаи шумо вуҷуд доранд?
5. Шумо дар ин ҳолат чӣ кор мекунед?

Барои анҷом додани таъмири синф бояд нақшаи хароҷот тартиб дода шавад. Шартҳо инҳоянд: маҷмуи мавод ва арзиши онро ҳисоб кардан лозим аст. Синфро то соли нави таҳсил таъмир кардан лозим аст: сақфро сафед кардан, 3 деворро ранг кардан (як деворро тирезаҳо ишғол мекунанд), плинтусро насб кардан.

**Андозаи синф:** дарозӣ 8м, паҳно – 6м, баландӣ – 3м.

**Хароҷоти мавод:** 1л сафедкунӣ барои 3 м, 2 сақф; 1 л ранг барои 4 м, 2 девор.

**Арзиши мавод:** 1 банкаи ранги сафед бо иқтидори 4л 450 сомонӣ арзиш дорад; 1 банкаи ранг бо иқтидори 3л 1050 сомонӣ арзиш дорад; 1 м, 2 линолеум 500 сомонӣ арзиш дорад; 1м плинтус барои сақф 180 сомонӣ арзиш дорад; 1м плинтус барои фарш 210 сомонӣ арзиш дорад.

Арзиши тамоми маводи таъмири синф чӣ қадар аст?

Кор оид ба ҷустуҷӯи мушкилоти гузошташуда дар 4 гурӯҳ ташкил карда шудааст. Хонандагон бояд ҳисобҳои зарурирo иҷро кунанд. Кор аз рӯйи гурӯҳҳо бо истифода аз усули кейс (ҳолат).

Натиҷаҳо ба ҷадвал дохил ва холҳо дар ҳар гурӯҳ ҳисоб карда мешаванд.

Иҷрои супоришро муҳокима кунед.

**Кейси №1.** Гурӯҳи I арзиши маводро барои таъмири шифт пайдо мекунад.

**Кейси №2.** Гурӯҳи II арзиши маводро барои таъмири деворҳо пайдо мекунад.

**Кейси №3.** Гурӯҳи III арзиши маводро барои таъмири фарш пайдо мекунад.

**Кейси №4.** Гурӯҳи IV арзиши маводро барои насб кардани тахта пайдо мекунад.

1800 + 4200 + 24000 + 10920= 40920 сомонӣ арзиши умумии тамоми мавод.

Усули кейс (ҳолат, вазъият) имконият медиҳад, ки назария ва амалияро ба таври мусоид омезиш диҳад, малакаҳои кор бо манбаъҳои гуногуни иттилоотро инкишоф диҳад. Хонандагон донишҳои тайёрро ба даст намеоранд, балки мустақилона роҳҳои ҳалли онҳоро меомӯзанд, қарорҳои дар мушкилӣ қабулшуда нисбат ба омӯхтани қоидаҳо зудтар дар хотир нигоҳ дошта мешаванд. Илова бар ин, раванди ҳалли мушкилоти дар кейс (ҳолат, вазъият) пешниҳодшуда муносибати эҷодӣ ба донишро дар бар мегирад ва иштироки дастаҷамъонаро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, дар доираи ин усули таълим, хонандагон инчунин тарзи риояи қоидаҳои муоширатро меомӯзанд: кор дар гурӯҳҳо, гӯш кардани ҳамсуҳбатон, баҳсу мунозира ва сохтани схемаҳои мантиқии ҳалли мушкилот бо посуххои омехта. Дар дарсҳо хонандагон дилгир намешаванд, балки фаъолона фикр мекунанд, таҳлил мекунанд ва малакаҳои мубоҳисаро инкишоф медиҳанд. Ниҳоят, истифодаи усули вазъиятҳо ҳатто ба хонандагони камтаҷриба имкон медиҳад, ки дар муҳокимаи саволҳо фаъолона иштирок кунанд, зеро ҷавобҳои ягона барои омӯхтан вуҷуд надоранд. Ба ҷойи ин, онҳо метавонанд ҷавобҳои худро пешниҳод кунанд.

**Принсипҳои умумии кейс**

► Ба даст овардани малакаҳои зарурии таҳқиқот, таҳлил ва қабули қарорҳо дар фаъолияти оянда, расидан ба сатҳи зарурии умумигардонӣ.

► Ташаккули малака ва малакаҳои фаъолияти фикрӣ. Ба рушди қобилияти омӯзиш, қобилияти коркарди миқдори зиёди иттилоот диққати махсус дода мешавад.

► Кейси омӯзишӣ барои муҳокима, таҳлили мустақилона ва ҷустуҷӯ таҳия карда мешавад, на барои нишон додани он ки чӣ гуна кор кардан лозим аст ё не, ё чӣ гуна мавқеи назариявӣ дар амал кор мекунад. Ин навъи ҳолат мавҷудияти ҳалли дурусти ягонаро пешбинӣ намекунад. Арзиши бузургтарин барои ин намуди супоришҳо маводе мебошанд, ки ба ташкили кор оид ба муайян кардани мушкилот ва мустақилона ёфтани ҳалли онҳо имкон медиҳанд.

1. Тағйир додани рафтор:

► таҷрибаи шахсии ҳалли мушкилот;

► таҳаммулпазирӣ ба хатоиҳо;

► тағйирёбии тафаккур, омодагӣ ба омӯхтани таҷрибаи дигарон;

► суръат ва сифати қабули қарорҳо;

► омодагӣ барои дифоъ аз мавқеи худ.

**Манфиатҳои усули омӯзиши кейс (ҳолат)**

Дар муқоиса бо усулҳои анъанавии таълим, усули кейс (ҳолат) як қатор бартариҳои раднопазир дорад. Чунончи:

►Усулҳои анъанавӣ ба омӯзиши чизе ва технологияи кейс ба татбиқи донишҳои мавҷуда дар вазъияти мушаххас барои ҳалли мушкилоти муайян равона карда шудаанд. Метавон гуфт, ки усули кейс имкон медиҳад, назария бо ҳаёти воқеӣ алоқаманд бошад ва малакаҳои истифодаи назария, усулҳо ва принсипҳоро ташаккул диҳад. Он дар бораи мавзуъ назар ба таҳсилоти академикӣ тасаввуроти васеътар медиҳад.

►Дар усули кейс (ҳолат, вазъият) диққати таълим на ба азхудкунии дониши тайёр, балки ба таҳияи он дода мешавад. Хонандагон худро аз ҷиҳати эмотсионалӣ ҷалб мекунанд ва ба ин раванд машғул мешаванд, ки боиси азхудкунии дониш ва малакаҳо мегардад.

Усули кейс имкон медиҳад, малакаҳое, ки дар ҳаёти воқеӣ (ҳам дар ҳаёти касбӣ ва ҳам дар ҳаёти ҳаррӯза) хеле заруранд, такмил дода шаванд:

**Малакаҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ**

Қобилияти ҷустуҷӯи маълумоти гумшуда, ҷудо кардани иттилооти муҳим ва ғайримуҳим, таҳлил ва коркарди массивҳои калони иттилоот дар муддати кӯтоҳ, тафаккури сохторӣ ва мантиқӣ, фарзияҳо, фарзияҳои мантиқӣ ва сохтории натиҷаҳо.

Ташаккули шахсияти шахси муосир танҳо дар сурате имконпазир аст, ки таҷрибаи ташаббускорӣ дар ҳалли мушкилоти барои синну соли мушаххас имконпазир аз солҳои кӯдакӣ инкишоф ёбад. Омӯзиш, яъне азхудкунӣ ва коркарди дурусти иттилоот тезиси асосии равиши

фаъолият ба омӯзиш мебошад. Ҳамаи технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар ибтидо ба муносибати босалоҳият асос ёфта, дар натиҷаи омӯзиш ба фаъолияти касбии оянда равона карда шудаанд.

Кейс (вазъият, ҳолат) яке аз усулҳои муосири раванди таълим буда, хусусияти ғайриодии он дар ғайрианъанавӣ гирифтани дониш аз ҷониби хонандагон аст. Моҳияти усули кейс (вазъият) дар он аст, ки ба хонандагон вазъияте пешниҳод карда мешавад, ки ба мушкилоти воқеии ҳаёт алоқаманд аст ва тавсифи он ягон вазифаи амалиро инъикос мекунад, то роҳи ҳалли онро пайдо кунанд. Аҳаммияти ин усул зарурати дониши омӯзгорро дар бораи хусусиятҳои ташкили он муайян мекунад. Ин усулро ба технологияҳои муосири педагогӣ нисбат медиҳанд, аз ин рӯ, азхудкунии он аз ҷониби омӯзгорон барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим ва тарбия муҳим аст. Раванди омодасозии хонанадагон барои ҳалли вазъият ба малака ва малакаи кор бо воситаҳои иттилоотӣ асос ёфта, имкон медиҳад, донишҳои мавҷударо навсозӣ ва фаъолияти илмӣ-тадқиқотиро фаъол созад. Истифодаи технологияи кейс (ҳолат) фаъолияти педагогиро дар бар гирифта, метавонад дар доираи се стратегияи рафтори омӯзгор ҳангоми кор бо вазъияти таълимӣ бошад: омӯзгор метавонад барои ҳалли вазъият дар шакли саволҳои иловагӣ маслиҳатҳо ё маълумоти иловагӣ пешниҳод кунад; дар шароити муайян омӯзгор худаш ҷавоб диҳад; омӯзгор метавонад ҳеҷ коре накунад ва ба хонандагон имконият диҳад, ки мустақилона дар ҳалли мушкилот кор кунанд.

**Афзалияти технологияи кейс:** рушди тафаккури интиқодӣ ва таҳлилӣ; омӯзиши таҷрибаи воқеӣ; беҳтар шудани малакаҳои қабули қарор; такмил додани малакаҳои кор дар гурӯҳ.

Хулоса, методи кейс (вазъият, ҳолат) барои таҳлили вазъиятҳои мушаххас ва ёфтани роҳҳои ҳалли амалии онҳо буда, дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, таълим васеъ истифода бурда мешавад. Технологияи кейс як усули самарабахши таълимӣ ва таҳлилӣ буда, хонандагонро ба таҳлили мушкилоти воқеӣ ва қабули қарорҳои дуруст омода мекунад ва малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва ҳамкориро рушд медиҳад.

**Адабиёт:**


1. Деркач, А. М. Кейс-метод в обучении // Специалист. – 2010. – N 4. – С. 22-23.
2. Канардов, И. В. Кейс-тестинг: практика использования и перспективы // Кадры предприятия: журнал. – Издательство «Финпресс», 2006. – № 12. – С. 19-26. – ISBN ББК У9(2)240.1. – ISSN 1814-8468.
3. Киселёв, В. Д. Как написать авторский проектный социально-экономический кейс в формате кейкис. Методика и сборник деловых игр. – М.: КТК «Галактика», 2018. – С. 320. – ISBN 978-5-9500662-5-2, УДК 378.046.4, ББК 65.291.2.


Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ
Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.
Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон
Бигардонад ӯро, чу хоҳад чунон.
Чу гардад калон, боз натвонадаш,
Ки аз каҷҷию хам бигардонадаш.

**Абӯшакури Балхӣ**

# МЕТОДИ ТАҲЛИЛ ВА ТАРКИБИ ОВОЗӢ

Мадина АШӮРОВА – омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №7, шаҳри Хуҷанд

**Муаллим аз таҳлил ва таркиб дар ҳамаи зинаҳои фаъолияти омӯзиш истифода мебарад: лаҳзаи гирифтани донишҳои нав; мустаҳкам ва ҳосил намудани маҳорат ва малакаҳои нутқи хаттӣ ва даҳонӣ; назорати шуурона ва мустаҳкамии дониши гирифта ва дар амал татбиқ намудани он.**

**Дар байни ин зинаҳо девор гузоштан мумкин нест. Гоҳо ин зинаҳо бо ҳам тавъам омӯхта шуда, маҷмуи умумии кори муаллимро ташкил медиҳанд.**

Асоси ин зинаҳои донишҳосилкунӣ ва ҷараёни фикри бачаҳоро таҳлил ва таркиб ташкил медиҳанд. Таҳлил ба ҳиссаҳои алоҳида ҷудо кардани чизи бутун буда, таркиб баръакс, яъне, якҷоякунии ҳиссаи чизи бутун ва аломати он ашёст. Дар мактабҳо таълими савод дар асоси методи таҳлилу таркиб ва таркиби овозӣ ташкил карда мешавад. Асосгузор ва ташаббускорони ин методи классикӣ, ки беш аз дусад сол боз дар мактабҳо ҷорист, дар Аврупои Ғарбӣ Шерр Рюг Грезер, Дистерверг, Фогел ва дар мактабҳои Россия олим ва методисти барҷастаи рус К. Д. Ушинский мебошанд. Хидмати бузурги К. Д. Ушинский дар он зоҳир мегардад, ки ӯ методҳои нисбатан нуфуздоштаи замонаш-методи таҳлили овозӣ ва методи таркиби овозиро ҳамаҷониба омӯхта, зарурати якҷоя истифода бурдани онҳоро пешниҳод карда, методи худро методи таърихӣ номид. Аммо методисти бузург доираи фаъолияти худро бо ҳамин маҳдуд насохт ва асосҳои назариявию амалии ин методро ҳамаҷониба таҳқиқ намуда, бартарии онро нисбат ба дигар методҳои саводомӯзӣ исбот кард. Асос ва моҳияти методи таҳлил ва таркиби овозиро омӯхтани овозҳо дар алоқамандӣ бо ҳарфҳо ва дар ин замина инкишофи нутқи гуфтории шогирдон ташкил медихад. Калимаи овоз, ки дар шакли «овозӣ» навишта ва хонда мешавад, ҳам ба таҳлил ва ҳам ба таркиб тааллуқ дорад ва ин бесабаб нест: методи таҳлил ва таркиби овозӣ ба гурӯҳи методҳои овозӣ дохил мешавад. Ҳамаи методҳои саводомӯзиро, чи дар гузашта ва чи дар замони мо, ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд. Гурӯҳи якум методҳои ҳарфӣ, гурӯҳи дуюм методҳои овозӣ. Гурӯҳи якум методҳои ҳарфӣ, методҳои ҳарфомӯзӣ, ҳарфзамкунӣ, методи ҳиҷо, методҳои калима ва ҷумлаҳои бутун ва ба гурӯҳи дуюм методи таҳлили овозӣ, методи таркиби овозӣ, методи таҳлил ва таркиби овозӣ дохил мешаванд.



Марҳалаи таҳлил аз чунин лаҳзаҳо иборат аст:

1. Суҳбат ё нақли муаллим.
2. Ҷудо кардани ҷумла.
3. Ҷудо кардани калимаҳои ҷумла.
4. Интихоби калимаи зарурӣ ва ҷудо кардани он ба ҳиҷоҳо.
5. Ҷудо кардани овози нав аз ҳиҷо.
6. Таллафуз ва мустаҳкам намудани овози нав.
7. Нишон додани аломати овоз, яъне, ҳарф ва мустаҳкам намудани он.

Марҳалаи таркиб аз чунин қисмҳо иборат аст:

1. Навиштани ҳарф.
2. Хондани ҳарфи нав дар ҳиҷо ва дар калима.
3. Хондани ҳарф дар ҷумла.

Истифодаи методи таҳлил ва таркиб дар дарс.

**Овоз ва ҳарфи «Ғ»**

Лаҳзаҳои дарс

**1. Машқи овозӣ.**

а) Афсонаи зерро хонед:

Дар замонҳои пеш Ғоз ва Магас дӯст буданд. Боре онҳо хостанд, ки дар пеши дигарон суруд хонанд. Ғоз ба онҳо гуфт:

– Биё, суруди дӯстдоштаи ман «ҒҒҒо-ҒҒҒо»-ро мехонем.

Магас гуфт:

– Биё, суруди дӯстдоштаи ман «ҒҒҒин-ҒҒҒинг»-ро хонем.

Онҳо ба як фикр наомаданд. Дар назди ҷонваракон ҳар яке суруди худро хонд.

-ҒҒҒо-ҒҒҒо-ҒҒҒо

-ҒҒҒтинг-ҒҒҒинг-ҒҒҒинг

-ҒҒҒо-ҒҒҒо-ҒҒҒо

-ҒҒҒинг-ҒҒҒинг-ҒҒҒинг

Ҷонварон ин овози гӯшхароши онҳоро тоқат накарданд. Аз ҳамон рӯз дӯстии Ғоз ва Магас ба охир расид.

б) Аз хонандагон пурсед, ки дар суруди онҳо кадом овоз шунавоъю фаҳмо буд.

2. **Омӯзонидани тарзи талаффузи овози Ғ.**

а) Диққати хонандагонро ҳангоми талаффузи овози Ғ ба ҳолати ақиби забону ком равона созед;

б) Хонандагон овози Ғ-ро аввал якҷоя, баъд инфиродӣ талаффуз мекунанд;

в) Ҷудо кардани овози Ғ дар аввал, мобайн, охири калима.

*дар аввал: ғоз, ғук, ғӯза…

*дар мобайн: ағба, нағма, тағо…

*дар охир: боғ, дӯғ, мурғ…

**3. Шиносоӣ бо ҳарфи «Ғ».**

Ҳарфҳои хурду калон, чопӣ ва дастнависро аз ҳарфҳои алоҳида ба тахтаи синф овезон карда, мувофиқати онҳоро нишон диҳед.

**4. Машқи навиштани ҳарфи «ғ»-и хурд дар дафтар.**

Тавсия:

а) Аввал дар тахтаи синф мувофиқи тартиби навишти унсурҳои навиштани ҳарфи «ғ»-ро нишон диҳед;

б) Дар фазо машқи ҳарфи «ғ»-ро нишон диҳед.

**Лаҳзаи дамгирӣ**

**5. Машқи хонишии калимаҳо.**

а) Тарзи хониши ҳиҷоиро нишон диҳед;

б) Хонандагон якҷоя мехонанд;

в) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро нишон дода мехонад;

**6. Машқи васл кардани ҳарфи «Ғ»дар калима.**

а) Тартиби васлшавии ҳарфи «ғ»-ро бо ҳарфи «а» фаҳмонида, дар лавҳаи синф нишон диҳед;

б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи тартиби нишондод дар дафтари машқи хат нависанд.Ташкил кардани муколама дар бораи мурғ.

Ҷамъбаст.

Таҳлили овозию ҳарфии калима ҷавҳари асосии дарсҳои саводомӯзӣ ба шумор меравад. Таҳлили овозию ҳарфӣ чист? Он чӣ тавр гузаронда мешавад?

а) Таҳлили овозҳои калима;

б) Таҳлили овозию ҳарфии калима.

Ин ду навъи таҳлил аз якдигар фарқ дорад. Таҳлили овозӣ гуфта, мад кашида, талаффуз кардани овозҳои алоҳидаи калимаро меномем: ооолллууу. Ҳамаи овозҳо мад кашида талаффуз карда мешаванд, аммо овозҳои ҳамсадои д, т, к, п кӯтоҳ талаффуз мешаванд.

Агар мақсад ҷудо намудани ҷои овози нав дар калима бошад, он гоҳ танҳо ҳамон овозро мад кашида, талаффуз мекунем: ооолу, оооху. Ба ин восита, худи навомӯзон бевосита чи тавр талаффузшавии овозро муайян мекунанд, ки садонок аст ё ҳамсадо.

**Машқҳо оид ба овозҳо.** Алоқаманд кардани овозҳо:

Хонандагон овозҳоро барои сохтани калима, аз ҷумла, овозҳои Л, О, Л, А-ро алоқаманд карда, калимаи «лола»-ро месозанд. Инро омӯзгор метавонад тавассути бозӣ гузаронад. Масалан, омӯзгор ба хонандагон муроҷиат карда мегӯяд: «Ман ҳоло номи меваеро дар хотир мегирам. Ин мева гирд ва ширин аст. Номи он С-Е-Б аст. Омӯзгор ҳар овозро дар алоҳидагӣ талаффуз мекунад. Ин кадом мева аст? С-Е-Б». Хонандагон овозҳоро алоқаманд карда, калимаи себро талаффуз мекунанд. Омӯзгор «Бале, ин себ аст», - мегӯяд. Ҳамин тавр, омӯзгор бо калимаи дигар кор мекунад.

**Машқҳо оид ба партофтани овозҳо.** Омӯзгор калимаеро талаффуз мекунад ва аз хонандагон мепурсад. Масалан, «Калимаи мош бе овози «м» чӣ мешавад? «Хонандагон мегӯянд: «Ош» (шона-она, мана-ана, анор-нор, замон-амон, хона-она)». Инчунин, барои шавқовар шудани фаъолияти мазкур калимаҳоеро низ истифода бурдан мумкин аст, ки пас аз партофтани овози аввал қисми боқимондаи калима маъно надорад. Масалан, коса-оса, дарс-арс, асал-сал ва ғайра.

**Машқҳо оид ба илова кардани овоз.** Омӯзгор калимаеро талаффуз мекунад ва аз хонандагон мепурсад, ки ба ин калима як овози иловагӣ мекунем. Масалан, омӯзгор мегӯяд: «Агар дар ивази калимаи из мо овози М гузорем, чӣ мешавад?». Хонандагон мегӯянд: «миз» (оро-соро, ана-мана, ош-мош, ор-хор, арра-барра, он-нон).

Аз рӯйи расм муайян кардани калимаҳое, ки бо як овоз сар мешаванд.

Супориш: Доир ба овозҳо расмҳо омода кунед. Масалан, доир ба овози «С». Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба расмҳо бодиққат назар карда, муайян кунанд, ки номи расмҳо бо кадом овоз сар мешавад. Санҷоб, соат, себ, сатил.

**Ба сайругашт рафтан**

**Тарзи иҷро:** Ба хонандагон гӯед, ки онҳо ба саёҳат мераванд (ё ба ҷои дигар). Калимаи «саёҳат» бо кадом ҳарф сар мешавад? Бале, бо овози «с» сар мешавад. Ҳамин тавр, ҳар касе, ки ба саёҳат меравад, бояд бо худ чизе биёрад, ки бо овози «С» сар шавад. Ҷавобҳо бояд шифоҳӣ бошанд ва калимаҳо набояд такрор шаванд.

**Халтачаи сеҳрнок**

**Мавод:** Пластилин, коғази ғафс (картон).

**Тарзи иҷро:** Аз пластилин ва қоғази ғафсшакл ҳарфҳои хурду калонро созед. Онҳоро ба дохили халтача андозед. Хонандаеро даъват карда, аз ӯ хоҳиш намоед, ки ба даруни халтача нигоҳ накарда, як ҳарфро бо даст ламс кунад ва аз рӯйи шакл муайян созад, ки он кадом ҳарф аст. Сипас ӯ метавонад шакли ҳарфро аз халтача берун сохта, нишон диҳад ва дигарон ба дуруст ё нодуруст будани суханони ӯ бовар кунанд. Ин амалро бо якчанд хонанда такрор кунед.

**Сайди калимаҳо**

**Мавод:** Рӯзномаҳои кӯҳна, дафтарҳои машқи хат ё дигар маводи матндор ё чопӣ, ки дар рӯи он навиштан мумкин аст.

**Тарзи иҷро:** Ин фаъолият барои ҷустуҷӯи калимаҳо аз рӯйи овоз ва ҳарфҳо пешбинӣ шудааст. Ба хонандагон порчае матн ва калимаҳоро диҳед. Ба онҳо ҳарферо пешниҳод кунед, ки мехоҳед, онро аз матн пайдо кунанд. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва калимаҳои бо овоз ё ҳарфи фармудаатонро бештар пайдо намоянд. Хонандагон метавонанд, калимаҳои ёфтаашонро бо навиштани ҳарф ба ҳарф дар дафтарҳояшон ҷудо намоянд.

Хулоса, дарси забони модарӣ ҳамон вақт пурмаҳсул мегардад, ба мақсади ниҳоии худ мерасад, ки донишҳои нав андӯхта ва татбиқи онҳо дар амалияи нутқ ва тарбияи мактабиён ҷараёни ягонаро ташкил намоянд. Беҳуда мо таълими ҳамгироро пеш нагирифтаем. Таълими ҳамгиро танҳо ҳамгироии мазмуни таҳсилот (матну қоидаю имло) набуда, инчунин, ҳамгироии таълиму тарбия низ мебошад.

**АДАБИЁТ:**

1. Лутфуллоев, М. Осор. Ҷ. 4. – Душанбе, 2013.
2. Маводи методӣ оид ба тақвияти салоҳияти хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2019.
3. Раҳнамои фанни забони модарӣ. Синфи 1. – Душанбе, 2016.

# МУШКИЛОТИ ЗАБОНИ ИШОРАИ ТОҶИКӢ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

**С. ҚУВВАТОВ – устоди ДДОТ ба номи С. Айнӣ, роҳбари Маркази рушди забони ишора ва таълими ношунавоёни Тоҷикистон,**
**Н. БОБОЕВ – омӯзгори калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии ДҶТИБКСМ**

**Агар ба таърих назар намоем, таълими кӯдакони ношунаво ба асри 10 рост меояд. Гарчанде дар дигар сарчашмаҳо ин масъала пеш аз асри 10 нишон дода шудааст, роҷеъ ба таълим ва омӯзиши кӯдакони мазкур чӣ тавр ба роҳ монда шуда буд, бо кадом метод таълим медоданд, маълумоте вуҷуд надорад.**

Профессор Г. Л. Зайтсева (1934-2005) аввалин асосгузори забони ишора дар Федератсияи Россия буда, дар китоби «Нутқи дактелӣ» (1991) маълумоти заруриро оид ба пайдоиши забони ишора ва алифбои дактелӣ пешниҳод намуда, қайд кардааст, ки назари олимон оид ба забони ишора ва алифбои дактелӣ гуногун буда, таърихи аниқи пайдоиши алифбои дактелӣ нишон дода нашудааст. Аммо омӯзиши алифбои дактелӣ ва забони ишора баъди солҳои 1750 дар таълими ношунавоён истифода карда шуд. Бори аввал аз тарафи сурдопедагоги Фаронса Ш. М. Делепе (1712-1789), ки мактаби аввалинро барои ношунавоён кушод, забони ишора дар таълим истифода шуд. Ш. М. Делепе бовар дошт, ки забони ишора барои кӯдакони ношунаво забони модарӣ буда, фикру андешаҳо, майлу хоҳиш ва дарду дили худро озодона баён карда метавонанд. Баъди вафоти олимони сурдопедагогӣ методи забони ишора зери танқиду таҳдидҳо қарор гирифта, соли 1880 дар конфренсияи байналмилалии ношунавоён, ки дар Италия баргузор гашт, забони ишораро пурра аз таълими ношунавоён бардошта, методи ягонаи нутқи даҳониро қабул намуданд. Баъди солҳои тӯлонӣ таваҷҷуҳ ба забони ишора зиёд гашта, дар бисёри мактабҳои ношунавоён ҳамчун фанни таълимӣ ҷорӣ карда шуд. В. И. Флери (1800-1856) сурдопедагоги машҳури рус, ки солҳои дароз директори мактаби ношунавоён буд, соли 1835 алифбои дактелии русиро кашф намуд, ки дар китобаш «Ношунавоён» (1835) дарҷ шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони ишора то даврони соҳибистиқлолӣ маълумоти зарурӣ вуҷуд надошт, ҳатто ишораҳои тоҷикӣ низ мавҷуд набуданд. Касе ба ин забон аҳаммият




намедод ва омӯзгоронро маҷбур мекарданд, ки нутқи даҳониро истифода намуда, аз забони ишора даст кашанд. Дар мактаб-интернатҳо, ки то ҷанги шаҳрвандӣ мутахассисон аз ҳисоби дигар миллатҳо, аз ҷумла, русҳо зиёдтар кор мекарданд, аз ҷумҳурӣ баромада рафтанд. Мушкилоти забони ишора пеш омад. Омӯзгорони таҷрибадор хело кам буданд. Забони ишораро дар сатҳи зарурӣ намедонистанд. Соли 2000 бо дастгирии ташкилоти ҷамъиятии «Шафқат» ва дар ҳамкорӣ бо Барномаи озуқаи СММ барои омӯзгорон, мураббиён ва волидайни дорои кӯдакони ношунавои мактаб-интернатҳои махсуси ношунавоёни ҷумҳурӣ омӯзиши курси забони ишора ва мондани овоз ба роҳ монда шуда, омӯзгорон Ҷ. Аловатшоев ҳамчун сурдопедагог ва С. Валиҷонова ҳамчун сурдотарҷумон ҷалб карда шуданд.

Дар муддати 9 моҳ шунавандагон забони ишора ва мондани овозро аз худ намуда, соҳиби сертификат гаштанд. Ин омӯзиш имконият дод, ки савияи дониши шунавандагон боло рафта, муошират бо кӯдакони ношунаво барқарор карда шавад. Оҳиста-оҳиста сатҳи дониши ношунавоён беҳтар шуда, мушкилоти муошират пурра аз байн рафт. Соли 2004 бо дастгирии мақомоти шаҳри Душанбе барои 12 нафар омӯзгори мактаб-интернати кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ курси забони ишора оид ба ишораҳои миллӣ баргузор шуда, баъди ду моҳ соҳиби шаҳодатнома гаштанд. Соли 2005 мутахассисони забони ишора аз Россия даъват шуда, барои омӯзгорон ва мураббиён саминари омӯзишӣ оид ба методи таълим ва тарзи дуруст истифода намудани забони ишора дар рафти дарс омӯзонида шуда, масъалаи ҷалби ношунавоёне, ки мактаби махсусро хатм карданд, ҳамчун мураббӣ ва омӯзгори фанни забони ишора, ки боиси беҳтар гаштани таълим мегардад, ба миён гузошта шуд. Таҷрибаи давлатҳои дигар нишон дод, ки бисёре аз ношунавоёни калонсол дар таълими кӯдакони ношунаво дар муассисаҳои махсус нақши калидӣ бозида, таълиму тарбия рӯ ба пешравӣ ниҳод.

Соли 2005 дар назди Маркази рушди забони ишора ва таълими ношунавоён “Маркази дастгирии волидайни дорои кӯдакони ношунаво” таъсис дода шуд, ки мақсади асосии он ҳалли мушкилоти волидайн дар таълими ношунавоён, роҳҳои ҷалби кӯдакон ба таълим ва омӯзиши забони ишора дар оила буд. Қариб 96% кӯдакони ношунаво бе тайёрии томактабӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд. Дар ин солҳо марказҳои томактабӣ ва боғчаҳои махсус мавҷуд набуд. Ҳамаи ин боиси паст шудани дониши ношунавоён мегашт. Дигар ин ки аз таҷрибаи давлати Австралия мо истифода намуда, омӯзиши забони ишораро дар оила ба роҳ мондем. Албатта, дар аввал барои мо хеле мушкил буд, зеро падару модарон дар бораи забони ишора маълумоти зарурӣ надоштанд. Ин омӯзишро чандон қабул надоштанд. вале дар ин кор мо ба ҷалби ношунавоёне, ки курси махсусро гузашта буданд, рӯ овардем. Омӯзиш нишон дод, ки мушкилоти зиёди муошироти ношунавоён ҳалли худро ёфта, асабоният, инҷиқӣ ва мушкилоти руҳиву равонии кӯдакони ношунаво бартараф карда шуд. Омӯзиш асосан, дар ноҳияҳои Рӯдакӣ, Варзоб, Файзобод, Ваҳдат, Шаҳринав, Вахш ва шаҳрҳои Ҳисор, Бохтар ва Душанбе роҳандозӣ карда шуд. Дар даҳ соли охир 225 нафар кӯдак ба таълим фаро гирифта шуда, аз ин 130 нафарашонро ба мактаб-интернатҳои махсуси ношунавоён, мактабҳои махсус, ки синну солашон аз 7-сола гузашта буд, сафарбар кардем. Ҳамкориҳо бо муассисаҳои махсус нишон дод, ки кӯдаконе аз омӯзиши забони ишора дар оила гузаштаанд, ҷиҳати аз худ кардани барнома хело фаъол буда, дар онҳо ҳушёрӣ, зиракӣ ва дигаргуниҳои куллӣ ба назар мерасанд. Инчунин, ин кӯдакон дар рафти дарс хело фаъол буда, ҳамаи супоришҳои омӯзгоронро сари вақт иҷро намуда, мушкилоти таълимро ҳис намекунанд. Олимони Австралия исбот карданд, ки ҳар қадар барвақт ба омӯзиши забони ишора машғул шавем, дар кӯдаки ношунаво пешравиҳои назаррас дида мешавад. Синну соли кӯдакон боло рафтан гирад, забономӯзии онҳо торафт паст шудан мегирад. Барои ҳамин мо бояд аз давраи хурдӣ ба омӯзиши забони ишора машғул шавем. Ду соли охир ин омӯзишҳо дар вилояти Суғд низ ба роҳ монда шудаанд.

Соли 2008 бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ як лоиҳаи дигар оид ба омӯзиши забони ишора барои омӯзгорони мактаб-интернатҳои махсуси ношунавоёни ҷумҳурӣ, ҷамъияти ношунавоёни ҷумҳурӣ, вилоятҳо низ ба роҳ монда, зиёда аз 60 нафар ба ин омӯзиш ҷалб карда шуданд. Соли 2008 бори аввал дар ҷумҳурӣ аз тарафи мутахассисони ҷумҳурӣ З. Бидиева, С. Қувватов, шодравон Г. Бидиева дар якҷояги бо ҷамъияти ношунавоёни ҷумҳурӣ бо дастгирии Маркази рушди забони ишора ва таълими ношунавоёни шаҳри Москваи Федератсияи Россия луғати видеоии забони ишоравии тоҷикӣ дар ҳаҷми 650 калима бо фарогирии 20 мавзуъ таҳия шуда, барои омӯзиш пешниҳод карда шуд. Соли 2018 дар ҳамкорӣ бо ташкилоти байналмилалии Ҳамкорони ҷаҳон барои мактаб-интернати кӯдакони ношунавои ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва ташкилоти «Манбаи Меҳр» курси омӯзиши забони ишора ташкил намудем, ки се даврро дар бар гирифта, 15 нафар омӯзгорон ширкат варзиданд ва соҳиби сертификат шуданд. Дар шаҳри Панҷакент бошад, барои 15 нафар падару модари курсҳои омӯзишӣ оид ба ҳалли мушкилоти волидайн низ ба роҳ монда шуд. Барои 8 нафар ношунаво низ курси омӯзиши забони ишора дар

оила ба роҳ монда шуда, 5 рӯз давом кард. Дар оянда ин ношунавоён метавонанд ҳамчун репититор дар оилаҳо корро ба роҳ монанд.

Бо мақсади рушд додани забони ишора дар кӯдакони ношунаво бедор кардани муҳаббати ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, тарбияи хуби ахлоқӣ маҳфилҳои гуногун таҳти унвони «Дастони гӯё», «Субҳи бачагони ношунаво» ва «Гӯши дунё бишнавад овози ангушти маро» роҳандозӣ шуда, кӯдакон дар ин маҳфилҳо фаъолона ширкат варзиданд ва маҳорати баланди касбӣ нишон доданд.

Мехоҳем таваҷҷуҳи шуморо ба масъалаи забони ишора дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равона кунем. Забони ишора дар Тоҷикистон расман қабул нашудааст ва ҳамчун воситаи муошират амалӣ мешавад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», ки соли 2010 иловаҳо ворид шуд, забони ишора дар моддаи 24 дарҷ шудааст, ки давлат забони имову ишораро ҳамчун воситаи муошират дар байни шахсон эътироф менамояд. Агар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ назар намоем, қариб 31 давлати дунё имову ишораро ҳамчун забон эътироф намудааст. Бори охир соли 2012 Федератсияи Россия имову ишораро ҳамчун забон ба расмият даровард. Талош дорем, ки дар ҷумҳурии мо низ ҳамчун забон ба расмият шинохта шавад. Дар моддаи 24 муайян нашудааст, ки ҳамон шахсон киҳо мебошанд. Барои ҳамин ин нуктаро дар таҳияи нав омода ва пешниҳод намудем. Давлат забони ишоравии тоҷикиро ҳамчун забони муошират дар байни шахсони мушкилоти шунавоидошта эътироф менамояд. Дар ин мафҳум муайян шудааст, ки ҳамон шахсон ношунавоён мебошанд. Ба ин дохил мешавад: (ношунавоён, сустшунавоён, гум кардани шунавоӣ, деркаршуда) ва ғ. Мо боварӣ дорем, ки ин масъала дар ҷумҳурӣ ҳалли худро ёфта, забони ишора ҳамчун забон эътироф хоҳад шуд. Дигар ин, ки Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир пешниҳоди Маркази рушди забони ишора ва таълими ношунавоёни ҷумҳуриро ба назар гирифта, дар қонуни нав дар бораи забони давлатӣ як моддаи нав оид ба забони ишора ворид намуда, тамоми паҳлуҳои қонунии онро ба танзим даровард ва ҳоло мавриди баррасӣ қарор дорад. Бо мақсади беҳтар кардани таълими ношунавоён ва ҳамчун фанни таълимӣ шинохтани омӯзиши забони ишора соли 2009 дар нақшаи таълим барои кӯдакони ношунаво забони ишора ҳамчун фанни таълимӣ ворид карда шуда, барои синфҳои тайёрӣ ду соат ва барои синфҳои 1-8 як соат дар як ҳафта ҷудо карда шуд.

Моҳи ноябри соли 2012 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ ташриф оварда, диққати асосиро ба таҳияи китоби махсус вобаста ба ишораҳои тоҷикӣ равона карданд ва супориш доданд, ки китобҳои махсус бо дарназардошти хусусиятҳои ин кӯдакон таҳия ва фарҳанг ва расму оинҳо, таъриху тамаддуни миллӣ омӯзонда шавад. Дуруст қайд намуданд, ки бе имову ишора таълим додани кӯдакони ношунаво ғайриимкон мебошад. Дар асоси дастуру супоришҳои Роҳбари давлат дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров китоби имову ишора дар ду ҷилд, (соли 2015 ва 2019) таҳия шуд. Ба ин китобҳо қариб 2000 ишора ворид карда шуд. Ин китобҳо ба мактаб-интернатҳо ва волидайни дорои кӯдакони ношунаво бо тариқи ройгон тақдим шуданд, мушкилоти садҳо ношунавоён, волидайнро оид ба муошират ҳал намуд. Бояд дарк кард, ки бо воситаи забони имову ишора метавонем ба ношунавоён роҳи нав кушода, дунёи онҳоро рангин намоем.

Хушбахтона, соли 2021 боз як видеолуғати ишоравии тоҷикӣ дар таҳияи нав аз тарафи мутахассисон соҳаи сурдопедагогика С. Қувватов, З. Бидиева, Наимов ва Н. Мавлоназарова таҳия шуда, диққати асосӣ ба ишораҳои тоҷикӣ дода шуд. Ба ин мавод асосан ҷойҳои таърихӣ, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, марказҳои фароғативу фарҳангӣ, манзараҳои зебои диёрамон ва инчунин, калимаҳои муҳим, ки дар таълими ношунавоён дар муассисаҳои махсус омӯзгорон ба мушкилот дучор мешаванд, ворид карда шуданд. Бовар дорем, ин мавод дар баланд бардоштани дониши ношунавоён нақш гузоштаву сифати таълим ва тарбияро беҳтар менамояд.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо бо ташаббуси роҳбарияти телевизони «Сафина» барномаи «Навид» ба забони ишора пахш мешавад. Дар телевизиони кӯдакону наврасони «Баҳористон»

низ барномаҳои алоҳида бо забони ишора барои ношунавоён тарҷума ва пешниҳод мешавад. Умедворем, ки дар дигар шабакаҳо низ ин иқдом роҳандозӣ мегардад.

Дар қатори дастовардҳо, мушкилоте низ вуҷуд дорад, ки ҳалли онҳо хеле зарур мебошад. Ин пеш аз ҳама, вақте ки волидайни кӯдакони ношунаво ба табибон муроҷиат мекунанд, онҳо волидайнро аз истифодаи забони ишора дур месозанд. Аз таълим дар муассисаҳои махсус даст мекашанд. Ин боиси нигаронии волидайн мегардад. Табибон дар ақидае мебошанд, ки истифодаи забони ишора кӯдакро аз инкишофи нутқи даҳонӣ боздошта, нутқи боқимондаро аз даст медиҳад. Аммо аз тадқиқоти чанд соли охир бармеояд, ки таълими забони ишора барои рушди нутқи даҳонӣ ягон монеа эҷод накарда, баръакс, дар рушди нутқи даҳонӣ аҳаммият дорад. Мактаб-интернатҳо ҷое мебошанд, ки кӯдаки ношунаво коллективи худ, дунё худ ва ҳаёти рангини худро меёбад. Мушоҳида мешавад, ки кӯдакон чӣ хел бо ҳам меҳрубонанд ва хушбахтиро дарк мекунанд. Муоширати ишора онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят мекунад. Барои ҳамин, духтурони муҳтарамро мебояд онҳоро табобат ва дар нутқашон кор кунанд, аммо забони онҳоро манъ накунанд. Барои кӯдакони сустшунаво метавонанд таълими нутқи даҳониро тавсия диҳанд.

Яке аз мушкилии дигар, дар мактаб-интернатҳо истифодаи ишораҳои гуногун мебошад, ки дар байни ношунавоён як нофаҳмиро ба вуҷуд овардааст. Барои мисол, дар як интернат як ишора, дар дигар интернат дигар ишора, ки мафҳуму хусусиятaшон ба ҳам номувофиқ истифода мешаванд. Барои ҳамин бояд ишораҳои ягона ба роҳ монда шуда, таълими ишоравии муассисаҳои махсусро ба танзим дарорем. Хуб мешавад, ки курси такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои мазкур аз тарафи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ба роҳ монда шуда, қариб 700 ишора аз сари нав омӯзонида шавад. Ин иқдом имконият медиҳад, ки ишораҳои ягонаро дар таълим ба роҳ монда, нофаҳмӣ ва ишораҳои нодурустро аз байн бардорем.

Мушкили дигар оид ба муоширати забони ишора нарасидани сурдотарҷумонҳо мебошад. Дар ҳолати муроҷиат кардан ба духтур, ташкилотҳои ҳуқуқӣ, суд, ба танзим даровардани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, замин, хона ва ғ. бе сурдотарҷумон ғайриимкон мебошад. Ба ин мақсад Маркази рушди забони ишора ва таълими ношунавоён дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти байналмилалии Ҷамъияти кушодаи бунёди мадад дар Тоҷикистон барои кормандони ҳифзи ҳуқуқ, тиб, маориф ва иҷтимоӣ дар шаҳрҳои Панҷакент, Кӯлоб ва Хоруғ курсҳои омӯзиширо ба роҳ монда, 36 нафар кормандон омӯзонида шуданд. Дар ин омӯзишҳо диққати асосӣ ба ишораҳои аввалия, ки барои тиб ва ҳифзи ҳуқуқ заруранд, равона шудааст. Онҳо метавонанд ёрии аввалинро бе ҳузури тарҷумон расонанд. Барои ҳамин дар дигар минтақаҳо низ ин курсҳоро ба роҳ мондан хеле зарур мебошад.

Масъалаи дигар, ки хеле ташвишовар мебошад, надонистани забони ишора аз тарафи волидайн мебошад, гарчанде дар бисёри оилаҳо курси омӯзиш ба роҳ монда шуд, қисми зиёди волидайн забони ишораи фарзанди худро намедонанд. Ҳатто курсҳои ройгон низ ташкил шуданд, аммо волидайн иштирок кардан намехоҳанд. Надонистани ишора аз тарафи волидайн ба нофаҳмоиҳо дар оила оварда, асабонияти кӯдак зиёд мешавад, худро норохат ҳис мекунад, ки ин мушкилот метавонад асабонияти ӯро зиёд намуда, ба бемориҳои асаб ва руҳӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, волидайнро мебояд, ки сари ин масъала фикр намуда, забони фарзандашонро омӯзанд.

Дигар ин ки бо мақсади баланд бардоштани фарҳангу маърифати ахлоқи инсонӣ иштироки фаъолонаи ношунавоён дар чорабиниҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ, озмунҳои гуногун бо забони ишора ташкил шавад, фестивали забони ишора дар толорҳои барҳавои пойтахтамон роҳандозӣ шавад, зеро онҳо тавассути дидан дунёро дарк менамоянд.

Дар охир мехоҳам бо чор мисраи шеъри устоди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Довудшо Бердиёров ба ин мақола хотима бахшем:

**Байни забону гӯшам ангушт тарҷумон аст,**
**Ин тарҷумон бароям ҳам гӯшу ҳам забон аст.**
**Сад рози нокушода зери забони нохун,**
**Дар нутқи нохуни ман сад достон ниҳон аст.**

# ТАКОМУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ҚИТЪА ДАР АДАБИЁТИ АСРИ X ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XI



Шермуҳаммад ЁРМУҲАММАДЗОДА–
номзади илмҳои
филологӣ

**Имрӯз ҳеҷ ҷойи баҳс нест, ки дар саҳнаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар асри X ва нимаи аввали қарни XI шоирони зиёде ба миён омаданд, ки эҷодиёти онҳо дар ҳамаи жанрҳо, аз жанрҳои ҳамосӣ то рубоию байт ба ҳадди камол расида, дар Аҷаму Араб шуҳрат доштанд. Вале афсӯс, на ҳама осоре, ки адибони бузургамон дар ин давра офаридаанд, ба ҷурми офатҳои замону ҷаҳолати аҷнабиён ба таври мукаммал дастраси мо гардидааст. Вале аз рӯйи осори боқимонда анвои шеъри форсӣ-тоҷикиро дар ин давра метавон чунин табақабандӣ кард: 1. Достон 2. Қасида 3. Ғазал 4. Қитъа 5. Рубоӣ, 6. Дубайтӣ 7. Мусаммат 8. Тарҷеъбанд.**

Мавзуъҳои муҳимми адабиёт (назм)-и ин давра панду ахлоқ, танқиди замона, ишқу муҳаббат, хоҳишу васфи шароб, ҳаҷв, қаҳрамонӣ, мадҳи амирону бузургзодагон, зебоии табиат ва марсия будааст.

Аз ҷумла, қитъа ҳамчун жанри мустақил дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абутайиби Мусъабӣ, Абулмасали Бухороӣ, Робиаи Балхӣ, Абутоҳири Хусравонӣ, Маъруфии Балхӣ, Дақиқӣ, Абузари Бузҷонӣ, Аҳмади Мансур, Истиғноии Нишопурӣ, Ушнонии Ҷӯйборӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммади Ҷунайдӣ, Абушуайби Ҳиравӣ, Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ, Хусрави Сарахсӣ, Абузироа Муаммарии Гургонӣ, Дақиқии Тӯсӣ, Абулҳасани Оғоҷӣ, Мантиқии Розӣ, Қамарии Ҷурҷонӣ, Маънавии Бухороӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Кисоии Марвазӣ, Мунтасири Сомонӣ ба таври фаровон дида мешавад, ки минбаъд, дар нимаи аввали асри XI тавассути эҷодиёти Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асҷадӣ, Маншурӣ, Лабибӣ, Уторидӣ, Масрур, Аюбӣ, Баҳромӣ, Кавкабӣ ва дигарон ташаккул ёфтааст.

**1. Мавзуи панду ахлоқ.** Дар асри X ва нимаи аввали асри XI мавзуъҳои пандуахлоқӣ дар қитъа мавқеи асосӣ доранд. Ин омил, ба назари мо, аз он ҷо сарчашма мегирад, ки қариб ду қарн омма аз панду ахлоқи гузаштагонаш дур монда буд. Ин панду ахлоқ асрҳо боз дар китобҳои мазҳабӣ, адабӣ, илмӣ ҷамъ омада барои худшиносӣ, ахлоқи ҳамидаи халқ дар ин замон роҳе



кушоданд. Чунон ки устод Рӯдакӣ гуфтааст:

**Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,**
**Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор (1.329).**

Ҳамин буд, ки дар асри X ва нимаи аввали асри XI бисёр шоирон, аз ҷумла, устод Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ рӯ ба пандномаҳо, амсоли «Калила ва Димна», «Синдбоднома», «Занд» ниҳодаанд. Жанри қитъа, ки дар ин давра ташаккул ёфта буд ва шоирон мавзуъҳои кучаки ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва панду ҳикматро тавассути он изҳор мекарданд, мақоми хосе пайдо кард. Вале, афсӯс, ки девони бисёр шоирони асри X ва нимаи аввали асри XI то замони мо нарасидааст. Муқаттаоти ин давра ба таври алоҳида таҳқиқ ва баррасӣ нашудаанд. Дар асарҳое, ки ба ҳамасрони Рӯдакӣ бахшида шудааст, ё дар тадқиқоти пурарзиши Саид Нафисӣ, ки сухан аз ашъори шоирони асри X

меравад, жанрҳои шеърӣ мушаххас карда нашудаанд. То имрӯз ашъори устод Рӯдакӣ чандин бор дар Тоҷикистон ва Эрон ба табъ расидааст, аммо шеърҳои устод аз рӯйи жанрҳо не, балки аз рӯйи риояи ҳарфи охири қофия, яъне, тарзи девон чоп шудаанд. Масалан, дар китоби Ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Душанбе, «Адиб» - 2007) қитъаҳо таҳти сарлавҳаи «Ғазалиёт, қасоид ва қитъаот» омадаанд (1). Аз руйи сарлавҳа хонанда гумон мекунад, ки дар аввал ғазалҳо, сипас қасидаҳо, баъд муқаттаот ҷой дода шудаанд. Аммо ин тавр нест. Ғазалҳо, қитъаҳо ва қасидаҳо ба таври пароканда ҷойгир шудаанд. Чунонки арз кардем, аз рӯйи ҳарфи охири қофия Саид Нафисӣ ҳам дар китоби савуми «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» муқаттаоти устод Рӯдакиро мушаххас накарда, таҳти сарлавҳаи «Қасоиду қитъаот ва абёти парокандаи ба ҳам пайваста» меорад ва тартиби ҳарфи охири қофияро риоя мекунад.

Ҳамин тариқ, то имрӯз муқаттаот дар эҷодиёти шоироне, ки дар асри X ва нимаи аввали асри XI дар ин жанр шеър гуфтаанд ва девонашон, ё осори комилашон ба мо нарасидааст, баррасӣ нашудааст. Мушкилии кор дар он аст, ки пораҳои алоҳидаи қасида, ғазал ва дигар навъҳои шеърӣ, ки ба таври қитъа қофия доранд, ё ин ки дорои маънии том мебошанд, дар байни ашъори шоирон омехта шуда, тадқиқи қитъаро душвор мегардонанд. Ин ҷо кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки дар ин китоб муқаттаоти парокандаи шоиронро ҳадди имкон, мутобиқи талаботи жанри қитъа, ҷудо карда баррасӣ намоем.

Ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки нашриёти «Адиб» соли 2007 ба муносибати 1150-солагии устод ба табъ расондааст, тахминан 60 қитъавораро дар бар мегирад, ки аз ин миён, агар 10-15 адади он порае аз ғазал ё қасидае бошад, боқӣ, бешубҳа, қитъа аст, ки маънои мустақил, аввалу охир доранд.

Вобаста ба муқаттаоти устод Рӯдакӣ мехоҳем, ки як масъалаи дигар, матлаъ доштан ё надоштани қитъаро ҳам матраҳ намоем.

**Вақте ки мо қитъаро ҳамчун жанри мустақили адабӣ мешиносем, ғалат аст, бигӯем, ки матлаъу мақтаъ надорад. Ҳар шеъри мустақил дорои матлаъ ва мақтаъ аст. Агар порае аз ғазал ё қасида дар ин шакл ба даст расида бошад, он гоҳ метавон гуфт, ки матлаъ ва мақтаъ надорад.**

Панду ҳикмат, ки мавзуи асосии адабиёти асри X ва нимаи аввали асри XI аст, дар қитъаҳои устод Рӯдакӣ мақоми асосӣ дорад:

**Замона панде озодвор дод маро,**
**Замонаро чу наку бингарӣ, ҳама панд аст.**
**Ба рӯзи неки касон, гуфт: Ғам махӯр зинҳор,**
**Басо касо, ки ба рӯзи ту орзуманд аст.**
**Замона гуфт маро: - Хашми хеш дор нигоҳ,**
**Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст (1.71).**

Шоир мегӯяд, ки ба замона нигар, замона саросар панд аст. Ҳарчи ман омӯхтаам, аз замона омӯхтаам. Ба рӯзи неки касон ҳасад мабар. Боз касоне ҳастанд, орзу мекунанд, ки ба рӯзи ту бирасанд. Шоир аз номи замона таъкид мекунад: хашми хеш нигаҳ дор, сухан дониста гӯй, касеро ки забонаш банд нест, пояш дар банд аст. Мазмуни қитъа аз таҷрибаи рӯзгор, аз ҳикмати халқ гирифта шудааст. Дар ин қитъа фикрҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ, омӯхтан аз зиндагӣ, тамаъкорӣ ва ҳасадхӯрӣ накардан ва сабр пеша намудан тасвир шудааст.

Устод Рудакӣ аз бедонишӣ ва беадабии фарзандони ашхоси муътабар, ки ба таълиму тарбияи фарзандони худ кам аҳаммият медиҳанд, афсӯс хурда, таваҷҷуҳи онҳоро ба тарбияи фарзандон ҷалб менамояд:

**Эй дареғо, ки ҳирадмандро,**
**Бошад фарзанду хирадманд не.**
**В-арчи адаб дораду дониш падар,**
**Ҳосили мерос ба фарзанд не! (1.168).**

Рӯдакӣ шахсони риёкору зоҳирпараст, ки дин ва намозу рӯзаро воситаи худнамоишӣ қарор дода, дар асл ба айшу ишрат ва дилхушӣ машғуланд, мазаммат ва таъкид менамояд, ки пеши Худованд чунин намоз ва тоату ибодати риёкорона ҳаргиз қабул нест, агар дил ба зеборухони Бухорову Тароз бошад, на ба ёди Худованд. «Худованди мо шояд васвасаҳои ишқи маҷозиро қабул кунад, аммо яқинан намози бе ҳузури қалб дар пешгоҳи ӯро қабул намекунад». (5. 33).

**Рӯй ба меҳроб ниҳодан чӣ суд,**
**Дил ба Бухорову бутони Тароз.**
**Эзиди мо васвасаи ошиқӣ**
**Аз ту пазирад, напазирад намоз (5. 33).**

Қобили зикр аст, ки муҳаққиқи эронӣ Шиблии Нуъмонӣ ба қитъаи мазкур баҳои баланд дода, «…муътақид аст девони шоири бузург Ҳофизи Шерозӣ бо ҳама азаматаш чизе нест, ҷуз шарҳи ин ду байт аз Рӯдакӣ». (8.201).

Мавзуи панду ҳикмат дар муқаттаоти ҳамасрони Рӯдакӣ ва шоирони нимаи аввали асри XI фаровон аст. Аз ҷумла, Шаҳиди Балхӣ дар ин мавзуъ гуфтааст:

**Донишо, чун дареғам ой аз он-к**
**Бебаҳой, валекин аз ту баҳост.**
**Бе ту аз хоста мабодам ганҷ,**
**Ҳамчунин зорвор бо ту равост.**
**Боадабро адаб сипоҳ бас аст,**
**Беадаб бо ҳазор кас танҳост (4.41).**

Дар ин қитъа аҳаммияти дониш ситоиш ёфтааст. Шаҳиди Балхӣ донишро бебаҳо меҳисобад ва таъкид мекунад, ки аз он ба ҳама баҳра ва баҳост. Шахси донишмандро сипоҳаш дониш аст. Шахси бедониш бо ҳазор кас танҳост. Ё ин ки зарбулмасали машҳури «То кӯдак нагиряд, модар ӯро шир намедиҳад» дар шеъри Шаҳиди Балхӣ чунин садо медиҳад:

**Гар фаромӯш кард хоҷа маро,**
**Хештанро ба руқъа додам ёд.**
**Кӯдаки ширхора то нагирист,**
**Модар ӯро ба меҳр шир надод (4.44).**

Дар асри X ба мавзуъҳои ахлоқӣ ва панду ҳикмат дар ашъори Абушакури Балхӣ фаровон дучор мешавем:

**Ман ин ҷо дер мондам, хор гаштам,**
**Азиз аз мондани доим шавад хор.**
**Чу об андар шамар бисёр монад,**
**Зуҳумат гирад аз оромӣ бисёр (4.332).**

Ё ин ки зарбулмасали «Намак чун бигандад, чӣ чора?» дар қитъаи Хусрави Сарахсӣ чунин омадааст:

**Чун намак худ табаҳ шавад, чӣ илоҷ,**
**Чора чӣ ғарқаро ба рӯди Барак? (4.379).**

Дар миёни ашъори боқимондаи Абулҳасани Оғоҷӣ чунин қитъаи пандомезро мутолиа менамоем:

**Нони нокас бадтар зи марги фаҷо,**
**Зилли туҳмат бадтар зи зилли ниёз.**
**Ҳар кӣ биштофт, боз пасттар монд,**
**Зуд бе тир монд тирандоз (4.391).**

Адабиётшинос Аҳмад Абдуллоев дар муқаддимаи китоби якуми «Сабақи Рӯдакӣ» менависад: «Дар нимаи аввали асри XI қитъа ва мазмуни танқидию пандии он нисбат ба асри X кам шудааст ва сабабаш носозии муҳити иҷтимоӣ ба мавзуи асили он ва пешниҳоди талаботи дигар будааст. Аз ин ҷо дар қитъаҳои он давра асосан тавсифи гулҳо, меваҳо ва ашё роҳ ёфтааст».

**Ба андешаи мо, сурудани ашъори пандуахлоқӣ ва танқидӣ маҳз аз нимаи аввали асри XI қувват гирифта, дар аҳди Салҷуқиён ба авҷи аълои худ мерасад. Хусусан, дар жанри қитъа ба риштаи тасвир кашидани мазмунҳои пандуахлоқӣ ва танқидӣ, ки хоси ин жанр мебошад, бештар ба чашм мерасад.**

**2. Танқиди замона.** Дигар аз мавзуъҳои муҳимми қитъа дар асри X ва нимаи аввали асри XI танқиди замона ва накуҳиши дунёи дун аст. Ин мавзуъ, пеш аз ҳама, дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ инъикос ёфтааст:

**Ҷаҳоно, чунинӣ ту бо бачагон,**
**Ки гаҳ модарӣ, гоҳ модандаро!**

**На позер бояд туро, на сутун,**
**На девори хишту на з-оҳан даро! (1.55).**

Дар ин қитъа накуҳиши дунёи дун, бевафоии ҷаҳон, ки гоҳе ба инсонҳо хушию гоҳо ҳамчун модарандар нохушиҳо меорад, таъкид шудааст.

Устод Рӯдакӣ дар қитъаи зер мегӯяд:

**Ҳало, Рӯдакӣ, аз кас андар матоб,**
**Бикун, ҳар чи карданист бо мудом.**
**Ки фарғул барнадорад он рӯз,**
**Ки бар тахта туро сиях шуд фом! (1.134).**

Аз ин ҷо чунин маъно бармеояд, ки Рӯдакӣ ҷонибдори он аст, ки инсон ба умеди замона ё каси дигаре бояд нашавад, ҳарчи аз дасташ меояд, имрӯз кунад. Замона туро интизор намешавад, бар тахтаи умрат ҳар чи навиштаанд, бепарвоӣ пеши онро гирифта наметавонад. Умр қарзест, ки ба ту додаанд, вақте бар ин тахта хати сиёҳ кашиданд, яъне, умрат дар ин ҷаҳон ба охир расид, дигар коре карда наметавонӣ.

Ба назари Рӯдакӣ, ҷаҳон гузарон ва бевафо аст. Дил ба он набояд бандем. Ӯ ба ҳар тариқу восита мехоҳад фаҳмонад, ки инсон побанди сарват, молу ҷаҳондорию қасрҳои боҳашамат нашавад. Дар ҳамин маънӣ:

**Меҳтарони ҷаҳон ҳама мурданд,**
**Маргро сар ҳама фурӯ карданд.**
**Зери хок-андарун шуданд онон,**
**Ки ҳама кӯшкҳо баровstreet.**
**Аз ҳазорон ҳазор неъмату ноз,**
**На, ба охир ба ҷуз кафан бурданд.**
**Буд аз неъмат, он чи пӯшиданд,**
**В-он чи доданду он чиро хӯрданд (1.87).**

Адабиётшинос Холиқ Мирзозода дар китоби «Афкори рангин» дар бораи ин қитъа менависад: «Рӯдакӣ бо ин роҳ золимон ва соҳибони сарватро ба худшиносӣ ва худдорӣ кардан аз корҳои бад даъват намудааст. Оммаи мазлум бо чунин ақида худро тасалло медоданд ва душманонашонро метарсониданд» (7.84).

Шаҳиди Балхӣ аз замона чунин шикоят мекунад:

**Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,**
**Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.**
**Дар ин дунё саросар гар бигардӣ,**
**Хирадманде наёбӣ шодмона (4.60).**

Ин қитъа, ки дар ҳадди камол ва санъати баланди шоирӣ гуфта шудааст, аз балоғати жанри қитъа дар ин давра гувоҳӣ медиҳад. Шаҳиди Балхӣ мегӯяд, ки агар ғам ҳам мисли оташ дуд медошт, дунё аз дуди ғами хирадмандон то абад торик мемонд. Чаро ки дар ин дунё ҳатто як хирадманде намеёбӣ, ки шод бошад. Қитъаи номбурда вазъи сиёсию иҷтимоии охири асри X-ро, ки дар натиҷаи кашмакашиҳои дохилӣ давлати Сомониён рӯ ба таназзул оварда буд, хело равшан инъикос мекунад.

Дар нимаи аввали асри XI дар муқаттаот ҳамон мавзуъҳое буданд, ки дар асри X шоирон сурудаанд. Вале аз таҳлили ашъори шоирони давр метавон хулоса намуд, ки мавзуъҳои шикоятӣ, яъсу ноумедӣ, танқиди замона ва пандуахлоқӣ бештар эҳсос мегарданд. Ин мавзуъро дар муқаттаоти Унсурӣ (965-1040) мебинем:

**Эй дареғо, к-аз ин мунаввар ҷой**
**Зери хоки мағок бояд шуд.**
**Пок нокарда тан зи гарди гунох,**
**Пеши Яздони пок бояд шуд.**
**Бо чунин хотире чу оташу об,**
**Бод паймуду хок бояд шуд (9. 330).**

Асҷадии Марвазӣ, ки дар эҷодиёташ қитъа хеле кам аст, дар шеъре, ки аз нигоҳи мазмун ва матлаю мақтаъ ба қитъа наздик, аз дасти замона, ҷафои фалак, рӯзгори нобасомони аҳли ҳунар ва озодандешон нолон буда, мегӯяд:

**Фиғон зи дасти ситамҳои гунбади даввор,**
**Фиғон зи сифливу улвиву собиту сайёр.**

**Чи эътибор бар ин ахтарони номаълум,**
**Чи эътимод бар ин рӯзгори ноҳамвор.**
**Ҷафои чарх басе дидаанд аҳли ҳунар,**
**Аз он ба ҳарза шикоят намекунанд аҳрор…(4.189).**

Дар байни мероси боқимондаи Беҳрӯзи Табарӣ ба чунин қитъа вомехӯрем, ки аз бекадрии аҳли сухан ва беэътиноӣ нисбат ба онҳо шикоят мекунад:

**Як сухан гӯямат зи рӯи яқин,**
**Бишнав, ар бишнавӣ, сазад, ки сазост.**
**З-он ба гетӣ суханшинос намонд,**
**Ки ато додан аз миён бархост (4.279).**

**Бояд зикр намуд, ки мавзуъҳои танқиди замона, шикоят аз бевафоии дунё, дар муқаттаоти шоирони асри X ва нимаи аввали асри XI тадриҷан қувват гирифта, дар асрҳои минбаъда равнақи бештареро касб менамояд.**

**3. Мавзуи ишқу ошиқӣ.** Бо вуҷуди он ки шоирони асри X ва нимаи аввали асри XI тамоми камоли ҳунар ва сухандонияшонро дар васфи зебоии маъшуқа дар қолиби ғазал, маснавӣ, дубайтӣ ва рубоӣ гуфтаанд, боз қитъаҳое ҳам сурудаанд, ки ба ин ё он ҷиҳати ишқу ошиқӣ, зебоии маъшуқа, ғаму шодии висоли ёр бахшида шудаанд.

Тавре қаблан зикр кардем, қитъа дар адабиёти тоҷик аз асрҳои VIII-IX аз эҷодиёти халқ сарчашма мегирад. Қитъаҳои ошиқона ё порчаҳои шеърие, ки ба васфи ёр гуфта шудаанд, дар эҷодиёти шоирони қабл аз устод Рӯдакӣ дида мешаванд. Вале ин мавзуъ дар асри X, пеш аз ҳама, тавассути устод Рӯдакӣ вусъат ёфтааст:

**Бо ошиқон нишину ҳаме ошиқӣ гузин,**
**Бо ҳар ки нест ошиқ, кам кун қариниё.**
**Бошад гаҳи висол бибинанд рӯйи дӯст,**
**Ту низ дар миёнаи эшон бубиниё.**
**То андар он миёна, ки бинанд рӯйи ӯ,**
**Ту низ дар миёни эшон нишиниё (2.59).**

Ё ин ки:

**Зулфи туро «ҷим» кӣ кард, он ки ӯ**
**Холи туро нуқтаи он «ҷим» кард?**
**В-он даҳани танги ту, гӯйи, касе**
**Донагаке нор ба ду ним кард (1.89).**

Дар қитъаи аввал мебинем, ки Рӯдакӣ ҷонибдори он аст, ки шахс бояд бо ошиқон бишинад, касе ки ошиқ нест, аз ӯ бояд дурӣ кард. Бошад, ки ошиқон гаҳи висол рӯйи дӯстро бубинанд, ту ҳам ки дар миёни онҳо ҳастӣ, рӯйи дӯстатро мебинӣ. То даме ки онҳо рӯи дӯстро мебинанд, ту ҳамроҳашон ҳастӣ. Албатта, ин қитъа оҳанги тасаввуфӣ ҳам дорад, вале ҷанбаи воқеиятнигории он дастурест барои ошиқон. Барои шоир аҳли ишқ муқаддас аст. Покӣ, роҳи ба висол расиданро аз миёни онҳо меҷӯяд.

Қитъаи дувум тасвири зебою латифи зулфу даҳони ёр аст, ки шоир бо ташбеҳу ибороти дилчасп манзараро пеши рӯи хонанда ҷилвагар месозад.

Шаҳиди Балхӣ дар қитъае нигоҳи маъшуқаро чунин тасвир мекунад:

**Як тозиёна хурдӣ бар ҷон аз он ду чашм,**
**К-аз дарди ӯ бимондӣ монанди зардсеб.**
**Кай дил ба ҷой дорад дар пеши чашми ӯ,**
**К-ӯ чашмро ба ғамза бигардонад вуреб (4.40).**

Абулмуайяди Балхӣ манзараи ранг кардани ангушт ва зебоии маъшуқаро чунин ба тасвир гирифтааст:

**Ангуштро зи хуни дили ман занад хизоб,**
**Кафе, к-аз ӯ балои тану ҷони ҳар кас аст.**
**Уннобу сим агар набувадмон, раво бувад,**
**Унноб бар сабикаи симини ӯ бас аст (4.94).**

Қитъаҳои ошиқона дар эҷодиёти Робиа бинти Каъб, Маъруфии Балхӣ, Хусрави Сарахсӣ, Мантиқи Розӣ, Қамарии Ҷурҷонӣ, Мунҷики Тирмизӣ ҳам дида мешаванд.

Робиа бинти Каъб дар сифати маъшуқа менависад:

**Лабакони ту шаҳду оразат моҳ,**
**Рӯй чун лолабаргу зулф сиёҳ.**
**Дини Аллоҳ ме табоҳ кунад,**
**Мар маро ҳавли он рухони чу моҳ.**
**Сиву ду дона луълӯи макнун,**
**Зери ду лолабарг дорӣ, оҳ.**
**Ранги он лолаи рухони ту кард,**
**Ранги ёқути ман ба гунаи коҳ…(4.121).**

Шоирон кӯшидаанд, ки бештар зебоии зоҳирии маъшуқаро бо ташбеҳу истиораҳои дилкаш ба риштаи тасвир кашанд. Маъруфии Балхӣ ин мавзуъро чунин тасвир намудааст:

**В-он ду зулфайн бари орази ӯ гӯӣ рост,**
**Бар гули хайрист аз ғолия сар то сару сим.**
**Гашт баргашта сияҳ ҷаъди ту айн андар айн,**
**Гашт пуртоб сияҳ зулфи ту ҷим андар ҷим… (4.212).**

Хусравии Сарахсӣ шоири охири асри X рухи ёрро аз ҳама чиз боло мегузорад:

**Се чиз аз рухи зебои ӯ хиҷил гардад,**
**Яке парию дувум Зуҳраву севум байзо,**
**Се чиз бандаи лаълу ҷамоли ӯ шудаанд,**
**Яке биҳишту дувум кавсару сеюм ҳуро (4.370).**

Ё ин ки аз ҳамин шоир:

**Ба шигифтам аз он ду каждуми тез,**
**Ки чаро лоларо ба ҷуфт гирифт.**
**Бо ду каждум накард зифтӣ ҳеҷ,**
**Бо дили ман чаро-ш бинам зифт (4.374).**

**4. Ҳаҷву танқид.** Адабиёти асри X ва нимаи аввали асри XI аз рӯйи мазмуну мундариҷа асосан, адабиёти пандуахлоқӣ шинохта шудааст. Ин таъсир, чуноне ки қаблан арз кардем, дар муқаттаот ҳам дида мешавад. Вале ҷомеа бе ҳаҷву танқид намешавад. Хоҳу нохоҳ шоирон дар жанри қитъа ҳам хислатҳои ношоиста, рафтори ноҳақ, беадолатӣ ва беинсофиҳои ашхоси алоҳида ва ҷомеаи замони худро ба риштаи тасвир кашидаанд ва норасоиҳои ҷомеаро дар либоси ҳаҷву танқид изҳор намудаанд.

Муқаттаоти ҳаҷвӣ аз аввалин шеърҳо дар лаҳҷаҳои форсӣ ибтидо мегирад:

**Об асту набид аст,**
**Асороти забиб аст,**
**Сумийа рӯсабиз аст (4.14).**

***

**Аз Хуталон омазия,**
**Ба рӯ табоҳ омазия.**
**Овор боз омазия,**
**Бедил фароз омазия (4.15).**

Дар миёни қитъаоте, ки аз устод Рӯдакӣ то ба мо расидаанд, қитъаҳои танқидӣ бештар ба назар мерасанд, вале қитъаҳои ҳаҷвӣ хеле каманд. Саид Нафисӣ дар ин маврид менависад: «Аҳоҷии Рӯдакӣ дар миёни соири ашъори ӯ бисёр кам аст, чунон ки дар миёни 1047 байт, ки аз ӯ монда, танҳо нуҳ байт дар ҳиҷост» (8.697).

Саид Нафисӣ ҳаҷвиёти Рӯдакиро аз назар гузаронида, ба хулосае меояд, ки ҳаҷви Рӯдакӣ аз дигарон фарқ дорад. «Ӯ ҳаргиз дар аҳоҷии хеш даридагӣ накарда ва туҳмати номусе ба касон назадааст» (8.696).

Дар ҳақиқат, дар ҳаҷв ҳам устод Рӯдакӣ таносуби сухан ва меъёри истифодаи алфозро риоя кардааст. Суханро пардапӯш гуфтааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки ҳаҷви Рӯдакӣ камозор аст, дар ҳаҷви ӯ маънии амиқ ҷой дорад. Мақсади Рӯдакӣ дар ҳаҷв ба шахс хандидан нест, балки ошкор сохтани нуқсу рафтори ношоистаи инсонҳо дар ҷомеа аст. Аз ҷумла:

**Чархи фалак ҳаргиз пайдо накард,**
**Чун ту яке сифлаи дуни жакур.**
**Хоҷа Абулқосим аз нанги ту**
**Барнакунад сар ба қиёмат зи гӯр (1.118).**

Саид Нафисӣ дар тавзеҳи ин қитъа менависад: «Возеҳ аст ин ду байтро дар ҳаққи писаре ё бозмондае аз хоҷа Абулқосим номе сурудааст, ки маълум нашуд, кист ва ба тариқи авло аз авлоди вай ҳам чизе ба даст наомад. Ҳамин қадар аз лаҳни сухан пайдост, ки ин Абулқосим марде муҳташам буда, чунонки Рӯдакӣ вайро ба лақаби «хоҷа» мехонад. Ва «хоҷа» лақабе будааст мар вузаро ва коркушоёни дараҷаи аввалро. Ва дар зимни ин хоҷа марде накукор буда, чунон ки ба бозмондае аз вай гӯяд, ки аз шарми бадкирдории ту то растахез сар аз гӯр натавонад баровард ва низ пайдост, ки дар сурудани ин ашъор Хоҷа Абулқосим даргузашта ва дар гӯр оромида буд» (8.503).

**Ба андешаи Саид Нафисӣ ҳаминро илова мекунем, ки шахсе зери тозиёнаи ҳаҷви Рӯдакӣ шудааст, сифла, мумсик будааст, албатта, аз бозмондаи Абулқосим. Байти охир дар тавзеҳи Саид Нафисӣ чунин маъно медиҳад, ки Хоҷа Абулқосим то растохез аз нанги ӯ сар аз гӯр намебарорад. Вале возеҳ аст, ки то қиёмат касе сар аз гӯр намебарорад. Рӯдакӣ ба маънии дар қиёмат, яъне, вақти растохез хоҷа Абулқосим аз кирдори ин аҷдодаш шарм дошта, сар аз гӯр намебарорад, мегӯяд. Ба фикри мо ба ин мазмун фаҳмидани мисраи «Барнакунад сар ба қиёмат зи гӯр» ба мақсад наздиктар аст.**

Қитъаи ҳаҷвии дигари устод Рӯдакиро аз назар мегузаронем:

**Халлухиён хоҳию чаммошчашм,**
**Гирдсурин хоҳию борикмиён.**
**Кашкин нонат накунад орзӯй,**
**Нони шамад хоҳӣ гирду калон! (1.157).**

Дар назари аввал дар ин қитъа ҳаҷв зоҳир намешавад, вақте ба маънии он фурӯ меравем, маълум мешавад, ки устод Рӯдакӣ шахсеро зери тозиёнаи ҳаҷв гирифтааст, ки бисёр баднафсӣ мекунад. Талабаш аз ҳадду андозаи худаш зиёд аст. Устод Рӯдакӣ ба ӯ заҳрханде мезанад, ки дӯшизаҳои зебо ва шӯхчашми халлухиёнро акнун мехоҳӣ, ки гирдсурун бошанду борикмиён. Дигар нони кашкин орзу надорӣ. Дар талаби нони сафеди гирди калон гаштаӣ. Аз мисраи сеюми ин қитъа равшан мешавад, ки он шахс қаблан нодор, орзуманди нони кашкин будааст. Чун зиндагияш беҳтар шудааст, беодобиро аз ҳад гузаронидааст.

Ҳаҷв дар ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ то оғози фаъолияти адабии Мунҷики Тирмизӣ ба ҳамин сабк идома ёфтааст. Аз байни ашъори боқимондаи Шаҳиди Балхӣ се қитъаи ҳаҷвӣ дарёфтан мумкин аст, ки онҳо оҳанги ҳаҷвӣ-танқидӣ доранд:

**Аз чӣ тавба накунад хоҷа, ки ҳар ҷо, ки бувад**
**Қадаҳе май бихӯрад, рост кунад зуд харош.**
**Бар дили ҳар шикаста зад ғами ту,**
**Чун табақбанд аз зайъат фаш (4.50).**

Дигаре:

**Чанд бардорад ин ҳарева хурӯш,**
**Нашавад бода бар сурудаш нӯш.**
**Рост гӯйӣ, ки дар гулуш касе**
**Пушакеро ҳаме бимолад гӯш (4.50).**

Қитъаи аввал дар мазаммати шахсе гуфта шудааст, ки ҳар вақте май бинӯшад, ба дигарон харошу озор меорад, вале тавба намекунад. Шоир ин амали хоҷаи майхораро нозукона ба нӯги фаши табақбанд ташбеҳ медиҳад, ки дар натиҷаи соиши бисёр қалбҳоро мешиканад, ба дилҳо мезанад.

## АДАБИЁТ:


1. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2007, – 416 с.
2. Анварӣ. Девон. – Теҳрон, 1376. – 509 с.
3. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
4. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод: Нашрдавлтоҷ, 1958. – 407 с.
5. Исрофилниё, Ш. Шарҳи мунтахаби ашъори устод Рӯдакӣ. – Душанбе: Пайванд, 2016. – 45 с.
6. Майманат Мирсодиқӣ. Вожаномаи ҳунари шоирӣ. – Теҳрон, 31385, – 398 с.
7. Мирзозода, Х. Афкори рангин. – Душанбе: Ирфон, 1982, – 352 с.
8. Сайид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. – Душанбе, 2008, – 934 с.
9. Унсурии Балхӣ. Девон. – Теҳрон, 1343.

# ЗЕҲНИ СУНЪӢ: МАФҲУМ, НАМУДҲО ВА ЗАМИНАҲОИ ТАТБИҚШАВИИ ОН

**Муқим ШАМСИЕВ – омӯзгори технологияи иттилоотии литсейи №1-и шаҳри Бохтар, Ҳофиз ШИРИНОВ – омӯзгори технологияи иттилоотии мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқати ноҳияи Кӯшониён**

**Зеҳни сунъӣ як бахши илми информатика ва барномаҳои компютерӣ буда, мақсади асосии он сохтани системаҳои ҳисоббарории қодир ба иҷрои вазифаҳоест, ки барои инсонҳо зеҳни маъруфро талаб мекунанд. Бо истифода аз усулҳои алгоритмӣ ва таҳлили маълумот зеҳни сунъӣ кӯшиш мекунад, ки тасмиму омӯзиш, ташхису таҳрири шабоҳат ва таърифҳои воқеиро, ки дар мубодила ва фаҳмишу дарки олам кумак мекунанд, беҳтар таъмин созад.**

Зеҳни сунъӣ ба истифодаи алгоритму амсила ва усулҳои статистикӣ барои таҳияи системаҳо ва барномаҳое ишора мекунад, ки метавонанд, амалҳои зеҳнии инсонро такрор кунанд. Он барои амал кардани вазифаҳои гуногун, ки талабот ба фаҳмидан, таҳлил ва муносибат бо маълумотро доранд, истифода мешавад. Мақсади зеҳни сунъӣ таҳияи алгоритмҳо ва амсилаҳое мебошад, ки метавонанд зеҳни инсонро тақлид ва вазифаҳои гуногунро ҳал кунанд. Ба вуҷуд овардани системаҳои зеҳни сунъӣ дар иҷрои вазифаҳо (ҳарчанд барои инсонҳо осон ва табиӣ мебошанд) барои мошинҳо ва алгоритмҳо бо истифода аз усулҳои дарёфт ва таҳлил маълумот, омӯзиш ва истилоҳот, тасмим ва дигар вазифаҳои иншоотӣ имконпазир аст. Ба ҳамин тартиб, вазифаҳои асосие, ки зеҳни сунъӣ барои иҷрои онҳо таҳия мешавад, аз ҷумла:

• **Омӯзиш**: Омӯзиши мошинӣ ва таҳлили маълумот барои дастрас кардани маълумоти ҷиддӣ ва омӯзиши нағз.

• **Фаҳмиши забони табиӣ**: Таҳрири забон ва фаҳмидани муҳтавои матн ё овоз барои мусоидат ба муҳокима ва муносибат бо инсон.

• **Қабули қарорҳо:** Амсилаҳои таҳлили маълумот барои қабули қарорҳои мустақил ва мувофиқ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, тиҷорат, тиб ва амният.

• **Ҷарроҳии фосилавӣ:** Технологияҳои ҷарроҳӣ дар соҳаҳои тиббӣ бо истифода аз роботҳо ва техникаи дақиқ барои амали ҷарроҳӣ.




• **Идоракунии роботҳо:** Роботҳо барои иҷрои вазифаҳои гуногун, аз ҷумла, автоматизатсияи корхонаҳо ва муҳити хона хидмат мекунанд.

• **Идоракунии нақлиёт бе ронанда:** Мошинҳои худидорашаванда ва системаҳои нақлиёти интеллектуалӣ барои идоракунии ҳаракати нақлиёт.

• **Идоракунии ҳавопаймоҳо бе сарнишин:** Ҳавопаймоҳои бесарнишин ва системаҳои идоракунии худкор барои амалиёти ҳавоӣ.

Зеҳни сунъӣ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мешавад, ки ҳар кадоме дорои хосиятҳои худ ва имконоти муайян мебошад:

**1. Зеҳни сунъии заиф (ё маҳдуд):** Зеҳни сунъии заиф (ё маҳдуд) системаҳои махсусгардонидашудаеро дар бар мегирад, ки барои иҷрои вазифаҳои мушаххас ва муайян пешбинӣ шудаанд. Ба ин категория системаҳои маъруфи имрӯза, мисли ёварони овозӣ (Siri,

Alexa), чат-ботҳо (ChatGPT, Gemini), системаҳои тавсиявӣ (Netflix, YouTube) ва мошинҳои худидорашаванда (Tesla) шомил мешаванд. Ин системаҳо танҳо вазифаҳои муайянеро иҷро мекунанд, ки онҳоро барои онҳо барномарезӣ ва бо истифода аз алгоритмҳо ва моделҳои омӯзиши мошинӣ маълумотро коркард мекунанд.

**2. Зеҳни сунъии қавӣ:** Зеҳни сунъии қавӣ, ки ҳамчунин, як консепсияи назариявӣ буда, қодир аст, мисли инсон фикр кунад, омӯхтани таҷриба ва истифодаи дониш дар соҳаҳои гуногунро таъмин кунад. Зеҳни сунъии қавӣ бояд қодир бошад, ки қарорҳои гуногун дар соҳаҳои маҷмуӣ, аз қабили тиб, тиҷорат ва иқтисодро барномарезӣ кунад.

**3. Зеҳни сунъии аз фаҳмишу дарки инсон болотар:** Зеҳни сунъии аз фаҳмишу дарки инсон болотар идеяи назариест, ки мегӯянд, он метавонад аз ақли инсонӣ ҳам баландтар бошад. Ҳамин тавр, зеҳни сунъӣ метавонад дар ҳар як соҳа қарорҳо қабул ва ҳама гуна вазифаҳоро иҷро кунад, ки ҳар як система ё шахс метавонад онро амалӣ намояд ва имконоти ин зеҳн бештар аз иқтидори инсон хоҳад буд. Бо вуҷуди ин, чунин зеҳни сунъӣ ҳанӯз дар амал татбиқ нашудааст.

**Зеҳни сунъӣ дар амалиёт:** Имрӯзҳо зеҳни сунъӣ дар ҳама ҷо вуҷуд дошта, дар соҳаҳои гуногун истифода мешавад. Системаҳои муосири зеҳни сунъӣ, ба монанди (ChatGPT), ёварони овозӣ (Siri, Alexa), системаҳои тавсиявӣ (Netflix, YouTube), худидорашавандаҳо дар мошинҳо (Tesla) ва дигарон танҳо вазифаҳои мушаххасро иҷро карда метавонанд. Ин системаҳо ҳадафу моҳияти зеҳни инсонро пурра намефаҳманд, балки онҳо барои иҷрои вазифаҳои муайян аз алгоритмҳо ва моделҳои омӯзиши мошинӣ истифода мешавад.

Чӣ гуна амсилаҳои математикӣ дар системаҳои зеҳни сунъӣ истифода мешаванд?

**1. ChatGPT (амсилаи забонӣ):**

- истифодаи амсилаҳои нейронӣ (Transformer-based models, ба монанди GPT);
- ҳисобҳои эҳтимолӣ ва алгебра барои таҳлили матн.

**2. Siri, Alexa (Ёварони овозӣ):**

- истифодаи амсилаҳои шинохти овоз (Speech-to-Text, NLP);
- алгоритмҳои омӯзиши амиқ (Deep Learning) барои фаҳмидани фармонҳои овозӣ.

**3. Netflix, YouTube (Системаҳои тавсия):**

- алгоритмҳои таҳлили маълумот ва тахмингӯйӣ (Collaborative Filtering, Neural Networks);
- омӯзиши мошинӣ барои тавсияи филмҳо ва видеоҳо.

**4. Tesla (нақлиётҳои худидорашаванда):**

- истифодаи шабакаҳои нейронӣ барои шинохти объектҳо;
- ҳисоби математикии масирҳо ва амсилаҳои оптимизатсионӣ барои идоракунии нақлиёт.

Мафҳуми омӯзиши мошинӣ: Омӯзиши мошинӣ як соҳаи зеҳни сунъӣ буда, ба таҳияи алгоритмҳо ва амсилаҳое машғул аст, қодиранд аз таҷриба омӯзанд ва бе барномаи мушаххас қарор қабул кунанд. Ба ҷойи барномарезии дақиқ, системаҳои омӯзиши мошинӣ маълумоти зиёдеро коркард ва қоидаю намунаҳоро худкор муайян мекунанд.

**Навъҳои омӯзиши мошинӣ:**

**1. Омӯзиши назоратшаванда:** Вақте ки система аз маълумоти омӯзишӣ ҷавобҳои дурустро меомӯзад.

**2. Омӯзиши беназорат:** Вақте ки система худ қоидаҳоро аз маълумот меомӯзад.

**3. Омӯзиши тақвиятӣ:** Вақте ки система тавассути санҷиш ва ба миён омадани хатоҳо беҳтар мешавад (масалан, роботҳои бозӣ).

Мисолҳои омӯзиши мошинӣ:

- Шинохти чеҳраҳо дар телефонҳо.
- Пешгӯии обу ҳаво.
- Таҳлил ва ҷудокунии спам дар почта.
- Нақлиёти худидорашаванда.

**Зеҳни сунъӣ ва оянда**

Ҳоло якчанд мутахассис дар соҳаи илми компютерӣ кӯшиш доранд, ки зеҳни сунъии қавӣ (AGI – Artificial General Intelligence) созанд ва он қодир бошад, ки мисли инсон фикр кунад ва ҳамаи вазифаҳоро иҷро намояд. Аммо то имрӯз чунин зеҳни сунъӣ вуҷуд надорад ва вақти зарурӣ барои эҷод кардани он низ маълум нест.

**Истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногун:**

1. Тиб: Ташхиси беморихо, тахияи доруворӣ, чаррохии роботӣ, тахлили тасвирхои тиббӣ.

2. Тиҷорат ва молия: Пешгӯии бозор, худхидматрасонӣ ба мизоҷон, ошкор кардани қаллобӣ.

3. Нақлиёт: Мошинҳои худидорашаванда, бехтарсозии ҳамлу нақли борҳо, системаҳои нақлиёти интеллектуалӣ.

4. Маориф: Омӯзиши фардӣ, таҳқиқи худкори вазифаҳо, омӯзгорони маҷозӣ.

5. Маркетинг: Таҳлили рафтори истеъмолкунандагон, чат-ботҳо, маъракаҳои таблиғотии зеҳни сунъии худкор.

6. Саноат: Зеҳни сунъӣ дар равандҳои кории роботҳои техникӣ, пешгӯии хизматрасонии техникӣ, назорати сифат.

7. Амният: Шинохти чеҳраҳо, киберамният, таҳлили рафтори корбарон.

Хулоса, зеҳни сунъӣ ва технологияҳои марбут ба он дар ҷаҳони муосир як қисми ҷудонашавандаи рушди илмӣ ва технологӣ мебошанд. Ин технологиҳо дар ҳолати кунунӣ бо суръат рушд мекунанд ва таъсири амиқе ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсонӣ доранд. Аз соҳаи тиб ва саноат то маърифати инсон ва равандҳои кории ҳаррӯза, зеҳни сунъӣ бо роҳҳои гуногун ба муваффақиятҳои бузург дар ташаккул ва рушди соҳаҳои иқтисодӣ кумак мекунад. Махсусан, агар системаҳои зеҳни сунъӣ, ки дар боло зикр шуд, ба таври васеъ дар иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои асосии кишвар татбиқ шаванд, пешрафти иқтисоди рақамии кишвар бо суръат афзоиш хоҳад ёфт. Системаҳое, ки на танҳо барои рушди фардӣ, балки барои рушд ва навовариҳои иҷтимоии соҳаҳо истифода мешаванд, метавонанд дар таҳкими иқтисоди миллӣ нақши муҳим дошта бошанд. Масалан, дар соҳаи тиб, системаҳое, ки аз зеҳни сунъӣ барои ташхиси бемориҳо ва таҳияи доруворӣ истифода мешаванд, метавонанд вазъи саломатии аҳолиро беҳтар кунанд, барои кам кардани хатари бемориҳо кумак расонанд ва дар навбати худ арзиши хидматрасонии тиббиро барои давлат ва шаҳрвандон поин баранд. Дар соҳаи тиҷорат ва молия истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳлили рафтори истеъмолкунандагон ва пешгӯии раванди бозор метавонад шароити беҳтаре барои фаъолиятҳои тиҷоратӣ ва стратегияи иқтисодӣ муҳайё кунад, ки дар натиҷа он ба суръат ва самаранокии рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Технологияҳои зеҳни сунъӣ дар нақлиёт ва инфрасохтор ҳам бо истифода аз нақлиёти худидорашаванда ва системаҳои интеллектуалӣ барои идоракунии роҳҳо ва ҳаракати одамон ва борҳо, қобилиятҳои зеҳни сунъӣ дар бораи таҳлили маълумотҳои нақлиётӣ барои беҳтар кардани системаи нақлиёт таъсири амиқ хоҳанд дошт. Дар маҷмуъ, истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногун на танҳо барои пешрафти технологӣ, балки рушди иқтисоди рақамӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Инони азм бар ҳар ҷонибе, ки бартобӣ,
Макун ба дасти тараддуд инони худро суст.
Ки кас ба манзили мақсуд раҳ намеёбад,
Магар ба саъйи тамому дигар ба азми дуруст.
Ҳар он, ки пои талаб дар тариқи азм ниҳод,
Ба тахтгоҳи бузургӣ расад ба гоми нахуст.

**Ҳусайн Воизи Кошифӣ**

# МАФҲУМИ ДАРОЗӢ ВА ВОБАСТАГИИ БАЙНИ ЧЕНАКҲОИ ОН

**Зебо НЕГМАТОВА – омӯзгори калони математикаи Коллеҷи омӯзгории ба номи Мирзо Турсунзодаи шаҳри Конибодом**

**Бузургиҳо мафҳумҳои асосии соҳаи математика мебошанд. Ҳар кадоми ин бузургиҳо хосияти асосии ашёеро ифода карда, аз муҳите, ки моро иҳота кардаанд, гирифта шудаанд. Дар синфҳои ибтидоӣ омӯзонидани бузургиҳои дарозӣ, вазн, вақт, масоҳат, ғунҷоиш ва ғайра якҷо бо ададҳои бутуни ғайриманфӣ ва иҷрои амалҳо бо онҳо ба роҳ монда мешаванд.**

Дар синфҳои 1-4 нумератсияи ададҳои бутуни ғайриманфӣ ва иҷрои амалҳо бо онҳо ба чор ҳудуд (ададҳои ҳудуди даҳӣ, садӣ, ҳазорӣ, ададҳои бисёррақама) ҷудо шуда, омӯзонида мешаванд. Дар ҳар кадоми ин ҳудудҳо хонандагон бо яке аз ченаки ин бузургиҳо шинос мешаванд. Ҳангоми омӯзиш хонандагон дар бораи ҳар яки ин бузургиҳо маълумот пайдо менамоянд, бо воҳидҳои ченкунии онҳо шинос мешаванд, бо ёрии воҳидҳои мазкур ченкуниҳоро иҷро намуда, натиҷаи ҳосилшударо бо ченакҳои дигари ҳамин бузургӣ ифода менамоянд, иҷрои амалҳои арифметикиро бо ин бузургиҳо азхуд мекунанд, масъалаҳоро бо истифодаи ин ченакҳо ҳал менамоянд. Омӯзонидани бузургиҳо воситаи муҳиме барои барқарор намудани вобастагии таълим бо ҳаёт мебошад. Машқҳоро аз рӯйи бузургиҳо иҷро намуда, қобилияти ҳисобкунӣ ва тасаввуроти математикии хонандагон ташаккул меёбад.

Таълими мафҳуми дарозӣ ва вобастагии байни ченакҳои онро дар синфҳои ибтидоӣ чунин ба роҳ мондан мумкин аст:

Дар синфи якум ҳангоми омӯзиши математика муаллим тасаввурот, фаҳмиш ва захираи донишҳои математикии хонандагонро муайян менамояд. Аз ҷумла, моҳияти мафҳумҳои дароз ва кӯтоҳ, дарозтар ва кӯтоҳтар, баробар, баланд, пастро мефаҳмонад, ҷиҳатҳои монанд ва фарқкунандаи онҳоро бо мисолҳо нишон медиҳад. Ашёро бо ҳам муқоиса намуда, (бо чашм муқоиса намудани қади ду хонанда, ғафсии ду китоб, дарозии якчанд қалам, баландии дарахтон ва ғайра) бо ин роҳ тасаввуроти хонандагон дар бораи ин мафҳумҳо ташаккул меёбад. Ҳангоми иҷрои чунин машқҳо хонандагон фосилаҳоеро муқоиса менамоянд, ки дарозӣ номида мешаванд. Хонандагон бо порча ва хати рост шинос шуда, супориш мегиранд, ки бо чашм онҳоро муқоиса ва моҳияти калимаҳои дароз ва кӯтоҳро дарк намоянд.



Кадом ченаки дарозӣ бояд бори аввал ба хонандагон омӯзонида шавад? Дар ин масъала нуқтаи назари гуногун мавҷуд аст. Аз мушоҳидаи ҳаррӯзаи ҳаётамон маълум аст, ки одамон дар фаъолияти худ бештар метрро (буридани матоъ, чӯб, ҳангоми хонасозӣ ва ғ.) истифода мебаранд. Метр воҳиди асосии дарозӣ мебошад. Бо ёрии метр ба осонӣ ченкуниҳои гуногун иҷро карда мешаванд. Бинобар ин, баъзе мушовирон пешниҳод менамуданд, ки дар аввал таълими метр ба роҳ монда шавад, вале хонандагон дар давоми дарс ҳангоми иҷрои машқҳо барои бо метр чен кардани дарозии порчаҳо ба душвориҳо дучор мешаванд, чунки дар дафтар паси мизи корӣ бо метр чен намудани дарозӣ ноқулай аст. Мушовирони дигар пешниҳод намуданд, ки шиносоӣ бо ченакҳои дарозӣ аз сантиметр сар карда шавад (дар барномаи таълимӣ чунин нишон дода шудааст), зеро барои ченкуниҳо истифодаи сантиметр осон буда, ҳар як хонанда метавонад паси мизи худ нишаста, миқдори зиёди машқҳои амалиро мустақилона иҷро намояд. Вобаста ин, дар синфи 1, ба

хонандагон омӯзонидани дарозӣ аз шиносоӣ бо ченаки аввалини дарозӣ сантиметр – ба роҳ монда шудааст.

**Сантиметр**. Дар синфи якум муаллим аввал хонандагонро бо хаткашак шинос менамояд. Хаткашак асбобест, ки бо ёрии он хатҳои рост ё порчаҳои гуногунро тасвир менамоянд ва дарозиро чен мекунанд. Дар бораи тақсимот ва ададҳои дар он қайдшуда, ибтидои ҳисоб, моҳияти калимаи сантиметр маълумот медиҳад. Ба шогирдон тавзеҳ дода мешавад, ки сантиметр ҳамчун ченаки дарозӣ барои чен кардани дарозии порчаҳое, ки аз 1метр кам аст, истифода бурда мешавад. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки аз варақи катакдор тасмачаи дарозиаш 1 см-ро буранд, ё ин ки дар ду катаки дафтар порчаеро тасвир намоянд. Бо воситаи хаткашак ченкунии дарозии порчаҳо нишон дода мешавад. Дар аввал супориш дода мешавад, ки аз қоғаз суроби сантиметр сохта, онро ба болои порчаи додашуда гузошта шуморанд, ки чанд маротиба порчаи 1см гузошта шудааст. Аксари мушовирон (Н. С. Попов, П. С. Исаков, А. М. Пишкало ва дигарон) тавсия медоданд, ки аввал хонандагон аз қоғази катак суроби хаткашакро созанд ва дар он яксантиметрӣ тақсимот намоянду рақам нагузоранд. Хонандагон хаткашакро дар рӯйи қоғази сафед гузошта, порча тасвир мекунанд ва миқдори сантиметрҳоро шуморида, дарозии порчаро ҳисоб мекунанд. Тарзи бо хаткашак чен намудани дарозии порчаро чунин мефаҳмонад: Дар катакҳои дафтар ду нуқта гузошта, бо хати рост онҳоро пайваст намуда, порча ҳосил кунед. Ибтидои ҳисоб – сифри хаткашакро ба ибтидои порча гузошта мешавад. Адади хаткашак, ки дар охири порча нишон дода мешавад, дарозии порчаро ифода мекунад. Агар адади хаткашак ба охири порча мувофиқ наояд, он гоҳ дарозии порчаро бо барзиёдӣ ё бо камшавиаш яклухт намуда, ҳисобкунӣ иҷро карда мешавад. Дар 2 катаки дафтар порчаро тасвир намуда, дарозии онро бо хаткашак чен мекунанд ва хулоса мебароранд, ки дар ҳақиқат, он ба 1сантиметр баробар аст ва мухтасар чунин навишта мешавад: 1см.






Расми 1.

Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки бо ёрии хаткашак ба дафтар порчаҳои дарозиашон 2 см, 5 см, 7 см-ро тасвир намоянд (расми 1). Бо мақсади ташаккул додани қобилияти истифодаи хаткашак ва ченкунии дарозии порчаҳо дар равиши дигар дарсҳо оид ба тасвир намудани порчаҳои гуногун, ченкунӣ ва муқоисакунии дарозии онҳо супориш дода мешавад. Хонандагон чунин супоришҳоро иҷро намуда, хулоса мебароранд, ки бо ёрии сантиметр дарозӣ чен карда мешавад.

**Детсиметр**. Ҳангоми омӯзонидани нумератсияи ададҳои доираи 20 хонандагон бо детсиметр шинос мешаванд. Моҳияти мафҳуми детсиметр бо мисолҳо чунин шинос карда мешавад: Муаллим дар тахтаи синф порчаи дарозиаш 10 см-ро тасвир намуда, ба хонандагон супориш медиҳад, ки онҳо низ дар дафтарашон порчаи дарозиаш 10 сантиметрро тасвир намоянд. Мефаҳмонад, ки ана ҳамин 10 сантиметр ба 1 детсиметр баробар аст ва он чунин навишта мешавад: 10 см=1дм


10 см

Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки порчаи дарозиаш 15 см-ро тасвир намоянд ва онро бо детсиметр ва сантиметр ифода намоянд.

Азбаски 10 см=1 дм, пас, 15 см=10 см+5 см=1 дм+5 см=1 дм 5 см.

**Метр**. Барои шиносоӣ бо метр намуди метрҳоро (аз ҷумла, метри чӯбин ва оҳанин барои чен кардани дарозии матоҳо, метри устогӣ, метри аз матоъ сохташуда, ки дӯзанда истифода мебарад ва ғайра) нишон дода, пурсида мешавад, ки ин асбобҳоро онҳо дар куҷо дидаанд. Аз ҳаёти хонандагон мисолҳо бо истифодаи метр таҳлил карда мешавад. Ҳамроҳи хонандагон аз рӯйи метр миқдори сантиметрҳо ҳисоб карда шуда, хулоса бароварда мешавад, ки 1м=100 см аст. Айнан чунин супоришро иҷро намуда, хонандагон ба хулоса меоянд, ки 1 метр 10-то 10 сантиметр дорад, 10 см=1 дм аст, пас 1 м=10 дм мебошад.

Хонандагон ҳангоми иҷрои машқҳо ченкуниҳоро иҷро намуда, бо ёрии ду ченаки дарозӣ ифода намудани дарозии порчаҳоро ёд мегиранд. Масалан, дарозии порчаро чен ва муайян менамоянд, ки дарозии он 4 дм 5 см аст, ё дарозии тахтаи синфро чен ва муайян менамоянд, ки дарозии он ба 2 м 8 дм баробар аст. Муқоисакуниро аз ченаки калон (хурд) ба ченаки хурд (калон) иваз намуда, иҷрои амалҳо бо ин ададҳо омӯзонида мешавад.

Вобастагии байни метр, детсиметр ва сантиметрро бо мисолҳо чунин фаҳмонидан мумкин аст: Дарозии синфхона 8 м аст. 8 метрро бо сантиметр ва детсиметр ифода кунед. Пеш аз оғози ҳалли чунин намуди супоришҳо ба хонандагон мурочиат намуда, пурсида мешавад, ки ченакҳои дарозиро ба хотирашон оранд (см, дм ва м инҳо ченакҳои дарозӣ мебошанд). Як метр чанд детсиметр мебошад, яъне, 1 м =10 дм, бинобар ин, 8 м=80 дм мебошад. Агар 1 м = 10 дм бошад, он гох 8 м = 8·10 дм = 80 дм.

Акнун 8 метрро бо сантиметр ифода мекунем: азбаски 1 м = 100 см, пас, 8 м = 8 · 100 см = 800 см аст.

Мисоли дигарро дида мебароем. 300 см-ро бо метр ифода кунед.

Пурсида мешавад, ки чанд сантиметр ба 1метр баробар аст?

100 см = 1 м, пас, 300 см = 3 м мебошад.

**Шиносоӣ бо миллиметр.** Ба хонандагон ашёи дарозиашон аз 1 сантиметр кӯтоҳтарро нишон дода, фаҳмонида мешавад, ки чунин фосилаҳо бо ёрии миллиметр чен карда мешаванд. Миллиметр ченаки аз ҳама хурдтарини дарозӣ мебошад.

Муаллим: – Ҳама хаткашаки худро гирифта, ба ибтидои ҳисоб сифр (0) нигоҳ кунед.

- Дар байни сифр ва адади 1 чиро мебинед? (тақсимот, хатчаҳо).

- Байни сифр ва адади 1 чанд тақсимот (хатчаҳо) ҳаст, ҳисоб кунед.




Хонандагон тақсимот (хатчаҳо)-и байни сифр ва адади 1-ро шуморида, ҷавоб медиҳанд, ки ин миқдор ба 10 баробар аст. (Ҳангоми нодуруст ҷавоб додани баъзеи нафарон хатоиҳои онҳо бояд ҳамроҳи аҳли синф таҳлил карда, камбудиҳоро фаҳмонидан лозим аст). Фаҳмонида мешавад. ки дарозии байни тақсимот (хатчаҳо) ба 1 миллиметр баробар аст. Миллиметр кӯтоҳ чунин навишта мешавад: 1мм.

Муаллим супориш медиҳад, ки ҳама ба болои як катаки дафтар ибтидои хаткашакро гузошта муайян намоянд, ки дарозии он чанд мм аст. Хонандагон ба болои катаки дафтар ибтидои хаткашакро гузошта, тақсимотҳоро шуморида, муайян мекунанд, дар 1 катак 5-то тақсимот (хатча) ҳаст. Пас, хулоса баровaрда мешавад, ки дарозии 1 катак ба 5мм баробар аст. Айнан супориш дода мешавад, ки дарозии 2 ва 3 катаки дафтарро бо миллиметр чен кунанд. Муайян карда мешавад, ки 1 сантиметр чанд миллиметрро дар бар мегирад.

Дар дарсҳои расм ва меҳнат чунин ченкуниҳоро бо миллиметр супориш дода мешавад. Бо мақсади мустаҳкамкунии дониши хонандагон мунтазам иҷрои машқҳоро бо ченкуниҳо, ивази ченакҳо ва муқоиса гузаронидан муфид аст.

**Километр**. Дар синфи сеюм барои бо километр шинос намудан омӯзгор ҳамроҳи хонандагон ба майдончаи варзишии назди мактаб мебароянд ва супориш медиҳад, қадами худро шуморида, масофаеро тай намоянд. Масофаи тайкардаро бо қадам (2 қадам тақрибан ба 1 метр баробар аст), метр ё арғамчини дарозиаш муайян чен кунанд. Муаллим мефаҳмонад, ки роҳи тайкарда ниҳоят дароз аст ва онро ба ғайр аз метр бо ченаки нав километр (мухтасар км навишта мешавад) низ чен карда мумкин аст. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки масофаи байни хона ва мактаб, масофаи бо мошин ё автобус тайкардаашонро бо чашм муайян намуда, дурии онро тасаввур кунанд. Хулоса бароранд, ки ин гуна масофаҳоро бо кадом ченаки дарозӣ чен кардан осонтар аст. Фаҳмонида мешавад, ки километр ченаки аз ҳама калонтарини дарозӣ аст ва он барои чен кардани масофаҳои дур истифода бурда мешавад, он мухтасар бо км ишорат карда шуда, ба 1000 метр баробар аст ва чунин навишта мешавад: 1 км= 1000 м.

Барои мустаҳкам кардани дониши хонандагон супоришҳои гуногун иҷро карда мешаванд.

Хулас, дар синфи 4 бо мақсади мустаҳкамкунии дониши хонандагон бо истифодаи ченакҳои воҳидии дарозӣ чен кардани периметри бисёркунчаҳо, муқоисакунӣ, ивази ченакҳои дарозӣ ва амалҳоро бо ададҳои номдор иҷро карда, масъалаҳо ҳал карда мешавад. Дар асоси иҷрои машқҳо ҳамроҳи хонандагон ҷадвали мувофиқати байни ченакҳои воҳидии дарозӣ тартиб дода шуда, ба хонандагон супориш дода мешавад, ки онро азёд кунанд.

# МУАЙЯН НАМУДАНИ ТАТБИҚШАВАНДАГИИ ТЕОРЕМАИ РОЛЛ



**Р. РАҲИМОВ – узви вобастаи Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоӣ, профессори ДДМИТ**

**Асоси тадбиқи бисёр доштани мафҳуми ҳосиларо якчанд теоремаи асосии ҳисоби дифференсиалӣ номидашаванда ташкил медиҳад. Ба онҳо теоремаҳои Ролл, Лагранж, Коши, Ферма мансуб мебошанд. Хонанда минбаъд худаш қазоват менамояд, ки ба воситаи ин теоремаҳо хосиятҳои функсияҳои гуногуни дифференсиронидошаванда ба таври амиқ омӯхта мешаванд.**

Теоремаҳои Ферма ва Ролл шартеро пешниҳод менамоянд, ки барои онҳо функсияҳо дорои нуқтаҳои статсионарӣ мегарданд. Яке аз татбиқҳои теоремаи Ферма ба осонӣ бо ёрии он исбот кардани теоремаи Ролл мебошад. Бояд зикр кард, ки табиати функсияи ихтиёрии ду маротиба дифференсиронидашаванда асосан бо аломатҳои ҳосилаҳои тартиби якум ва дуюми функсия муайян карда мешавад, ки дар он омӯзиши равиши тағйирёбии функсияи f(x) ба муайян намудани интервалҳое, ки дар он ҳосилаи функсия f(x) аломати доимиятии худро нигоҳ медорад, оварда мешавад. Илова бар ин, тадқиқи функсияҳои зиёде бо ёрии тадбиқи методҳои ҳисоби дифференсиалӣ амалан имконпазир мебошад. Теоремаи Ролл аз нуқтаи назари механика шарҳи содае дорад. Он аз нуқтаи назари физика далели ба мо равшан (маълум)-е медиҳад, ки маънои зеринро дорад. Агар ҷисм дар мавриди ҳаракати ростхатта ба ҳолати ибтидоии худ баргардад, он гоҳ дар ягон лаҳзаи вақт суръати он ба сифр баробар мегардад. Ин ҳолат дар мавриди ҳаракати ҷисми ба ҳаво ба таври уфуқӣ партофташуда рӯй медиҳад. Ба сифати мисол, ҳолати хусусии теоремаи Ролл ҳамчун тасдиқоти зерин ба ҳисоб меравад: дар байни ду решаи функсияи дифференсиронидашаванда ақаллан як решаи ҳосилаи он мехобад.

Теоремаҳои асосии ҳисоби дифференсиалӣ барои муайян намудани функсияҳои монотонӣ, ёфтани қиматҳои калонтарин ва хурдтарини функсияҳо дар порча, ёфтани миқдори решаҳои муодилаҳо, исботи нобаробариҳо, ёфтани экстремуми функсияҳо, ҳалли масъалаҳои амалӣ оид ба ёфтани қиматҳои калонтарин ва хурдтарини бузургиҳо ва ғайраҳо истифода мешаванд.




Истифодаи методҳои ҳисоби дифференсиалӣ дар муқоиса бо методҳои тадқиқотии элементарӣ бартарии хеле зиёд дорад. Бартарии асосии методҳои ҳисоби дифференсиалӣ-умумӣ будани онҳо: функсияи дифференсиронидашаванда чӣ гунае ки набошад, омӯхтани равиши тағйирёбии он ба муайян намудани интервале, ки ҳосилаи функсия f'(x) дар он аломати доимияти худро нигоҳ медорад, оварда мешавад. Одатан дар амалия ҳалли ин масъала ба душвории муҳим оварда намерасонад, барои ҳамин ҳам тадқиқи функсия фоидаовар мебошад. Муҳимии методи ҳисоби дифференсиалӣ аз тарафи дигар, аёнияти он вобаста ба мазмуни геометрии ҳосилаи он мебошад. Дар бораи пурқувват будани методҳои ҳисоби дифференсиалӣ (дар бораи камбудиҳои методҳои тадқиқоти элементарӣ) сухан ронда, мо бояд дар бораи истифодаи он ва зарурати иҷро намудани табдилдиҳиҳои элементарии гуногун андеша намоем. Ба сифати тадбиқи методҳои ҳисоби дифференсиалӣ мисолҳои зеринро оид ба

татбиқшавандагии теоремаи Ролл барои функсияҳо дар интервали додашуда дида мебароем. Барои амалӣ гаштани гуфтаҳои боло мавқеи асосиро теоремаҳои асосии ҳисоби дифференсиалӣ мебозанд. Мо дар ин ҷо татбиқи яке аз ин теоремаҳо – теоремаи Роллро дида мебароем.

**Теорема:** Агар функсияи $y = f(x)$

1) дар порчаи $[a, b]$ бефосила;

2) дар интервали $]a, b[$ дифференсиронидашаванда;

3) дар охирҳои порчаи дорои қиматҳои баробар: $f(a) == f(b)$ бошад, он гоҳ дар интервали $]a, b[$ ақаллан як нуқтаи $\xi$ ёфт мешавад, ки дар он ҳосилаи функсия ба сифр баробар: $f'(\xi) = 0$ мешавад.

**Мисоли 1**. Оё теоремаи Ролл дар порчаи [0,1] барои функсияи

$$f(x)=\begin{cases} x\,sin\frac{\pi}{x}, \text{дар мавриди x} \neq 0 \text{ будан,} \\ 0, \text{дар мавриди x} = 0 \text{ будан,} \end{cases}$$

тадбиқшаванда аст? Дар кадом нуқтаҳо $f'(x) = 0$ мешавад?

**Ҳал.** Азбаски $\lim_{x\to 0} x\ sin\frac{\pi}{x}$, ҳамчун лимити ҳосили зарби функсияи беохир хурд ба функсияи маҳдуд ба сифр баробар аст, функсияи додашудаи $f(x)$ дар нуқтаи $x = 0$ бефосила мебошад. Маълум аст, ки ин функсия дар ҳамаи нуқтаҳои боқимондаи порчаи [0,1] низ бефосила мебошад. Баъдан, дар мавриди x ≠ 0 будан, дорои

$$f'(x) = sin\frac{\pi}{x} - \frac{\pi}{x}cos\frac{\pi}{x}$$

мешавад. Бинобар ин, функсияи $f(x)$ дар ҳамаи нуқтаҳои дохили порчаи [0,1] дифференсиронидашаванда мебошад. (Қайд кардан бамаврид аст, ки ин функсия дар нуқтаи сарҳадии x = 0 дифференсиронидanaшаванда мебошад, чунки лимити он мавҷуд нест). Дар охир шарти сеюми теоремаи Ролл $f(0) = f(1) = 0$ иҷро мегардад, бинобар ин, теоремаи Ролл барои функсияи додашудаи $f(x)$ дар порчаи [0,1] тадбиқшаванда мебошад.

Акнун шарти дуюми масъала $f'(x) = 0$ – ро дида мебароем. Ҳосили функсияро баробари сифр намуда, муодилаи $\sin\frac{\pi}{x} = \frac{\pi}{x}\cos\frac{\pi}{x}$ -ро ҳосил менамоем. Аз ин ҷо ба муодилаи $tg\frac{\pi}{x} = \frac{\pi}{x}$ доро мешавем, ки он дар порчаи [0,1] дорои ҳалҳои бисёри беохир мебошад.

**Мисоли 2.** Тадбиқшаванда будани теоремаи Роллро барои функсияи $y = sin\,x$ дар порчаи $[0; 2\pi]$ санҷед. Агар муайян намоед, ки теорема тадбиқшаванда аст, он гоҳ нуқтаи $c$ -ро ки барои он ҳосилаи функсия ба сифр баробар аст, меёбед.

**Ҳал.** Функсияи $y = sinx$ дар порчаи $[0; 2\pi]$ бефосила, ҳосилаи он $y' = cosx$ дар тамоми нуқтаҳои интервали $]0; 2\pi[$ муайян, инчунин, $f(0) = sin0 = sin2\pi = f(2\pi)$ мебошад. Ба ибораи дигар, ҳар се шарти теоремаи Ролл иҷро мегардад, бинобар ин, ба сифати нуқтаи C қимати $x = \frac{\pi}{2}$ – ро қабул кардан мумкин аст, чунки $f'\left(\frac{\pi}{2}\right) = cos\frac{\pi}{2} = 0$ аст. Мо метавонистем ба сифати қимати C нуқтаи $x = \frac{3\pi}{2}\epsilon(0; 2\pi)$-ро қабул намоем.

**Мисоли 3.** Нишон диҳед, ки функсияи $f(x) = x - x^3$ дар порчаҳои $-1 \leq x \leq 0$ ва $0 \leq x \leq 1$ шартҳои теоремаи Роллро қаноат мекунонад. Қиматҳои мувофиқояндаи $\xi$- ро ёбед.

**Ҳал.** Функсияи $f(x)$ барои қиматҳои ихтиёрии x бефосила ва дифференсиронидашаванда буда, $f(-1) = f(0) = f(1) = 0$ аст. Бинобар ин, теоремаи Ролл барои порчаҳои $-1 \leq x \leq\leq 0$ ва $0 \leq x \leq 1$ тадбиқшаванда мебошад. Барои ёфтани адади $\xi$, муодилаи $f'(x) = 1 - 3x^2 = 0$ – ро тартиб медиҳем. Ин муодиларо ҳал намуда,

$$\xi_I = -\sqrt{\frac{1}{3}} = -\frac{\sqrt{3}}{3};\ \xi_2 = \sqrt{\frac{1}{3}} = \frac{\sqrt{3}}{3};$$ -ро

ки дар ин ҷо $-1 < \xi_1 < 0$ ва $0 < \xi_2 < 1$ мебошанд, ҳосил менамоем.

**Мисоли 4.** Ҳаққонияти теоремаи Роллро барои функсияи зерин санҷед:

$$y = f(x) = (x-1)(x-2)(x-3)$$

**Ҳал.** Функсияи додашуда дар порчаи [1;3] дифференсиронидашаванда буда, дар нуқтаҳои $x = 1, x = 2$ ва $x = 3$ – и ин порча ба сифр баробар мегардад. Пас, дар порчаҳои [1;2] ва [2;3] барои функсияи додашудаи $f(x)$ тамоми шартҳои теоремаи Ролл иҷрошаванда мебошад,

бинобар ин, ақаллан дар интервали [1;3] ду нуқтае ёфт мешавад, ки барои онҳо $f'(x) = 0$ мегардад. Функсияи $f(x)-$ ро дифференсиронида, ҳосили онро ба сифр баробар намуда, ба муодилаи квадратии $3x^2 - 12x + 11 = 0$ доро мегардем. Ин муодиларо ҳал намуда, нуқтаҳои дар боло ишорашударо меёбем:

$$x_{1,2} = \frac{6 \pm \sqrt{36-33}}{3} = \frac{6 \pm \sqrt{3}}{3} = 2 \pm \frac{\sqrt{3}}{3}$$

Ҳамин тариқ, нуқтаҳои дохилии порчаи [1;3]

$$C_1 = 2 - \frac{\sqrt{3}}{3}, C_1 = 2 + \frac{\sqrt{3}}{3}$$

-ро муайян намудем, ки барои онҳо

$$f'(c_I) = f'\left(2 - \frac{\sqrt{3}}{3}\right) = 0, f'(c_2) = f'\left(2 + \frac{\sqrt{3}}{3}\right) = 0$$

мегарданд. Дар айни ҳол $1 < C_1 < 2;\ 2 < C_2 < 3$ аст.

**Мисоли 5.** Функсияи $f(x) = 1 - \sqrt[3]{x^2}$ барои қиматҳои $x_1 = -1$ ва $x_2 = 1$ ба сифр баробар мегардад, вале ба ин нигоҳ накарда, дар мавриди $-1 \le x \le 1$ будан, $f'(x) \ne 0$ мебошад. Шарти ба теоремаи Ролл муқобилбударо фаҳмонида диҳед.

**Ҳал.** Муқобилсуханӣ ба теорема мавҷуд нест, чунки яке аз талаботи ин теорема иҷронашавандааст. Ҳосилаи функсияи $f(x)$ дар нуқтаи $x = 0$ мавҷуд нест.

Дар ҳақиқат,

$$\lim_{\Delta x \to -0} \frac{\Delta y}{\Delta x} = \lim_{\Delta x \to -0} \frac{-\sqrt[3]{\Delta x^2}}{\Delta x} = \lim_{\Delta x \to -0} \frac{-1}{\sqrt[3]{\Delta x}} = +\infty,$$

$$\lim_{\Delta x \to +0} \frac{-1}{\sqrt[3]{\Delta x}} = -\infty$$

аст.

**Мисоли 6.** Оё барои функсияи $f(x) = -x^2 + 5x - 1$ дар порчаи [1;4] теоремаи Ролл иҷрошаванда аст? Барои кадом қимати $c$ шарти $f'(\mathrm{c}) = 0$ иҷро мегардад?

**Ҳал.** Функсия дар ҳар як нуқтаи порчаи додашуда, муайян ва бефосила мебошад. Дар охирҳои порча [1;4] қиматҳои функсия байни ҳам баробаранд, яъне $f(1) = f(4) = 3$, пас теоремаи Ролл дар ин порча иҷрошаванда мебошад. Қимати С-ро аз шарти $f'(x) = -2x + 5 = 0$ меёбем. Аз ин ҷо $c = 2{,}5$ будааст.

**Адабиёт:**


1. Жак, И. Е. Дифференциальное исчисление. – М.: Просвищение, 1960. – 404 с.
2. Марон, И. А. Дифференциальное и интегральное исчисление в примерах и задачах. – М.: Наука, 1973. – 400 с.
3. Задачи и упранения по математическому анализу для втузов. Под. ред. Демиуовича Б. П. – М.: Наука, 1968. – 472 с.
4. Сборник задач по курсу высшей математики. Под. ред. Кручковича Г. И. М : Вышая школа, 1973. – 576 с.
5. Задачник по курсу математического анализа. Ч.1. Под. ред. Велинкина Н. Я. – М.: Провищение, 1971. – 343 с.
6. Справочное пособие по математическому анализу. Ч. 1. – Киев. Вища школа, 1978. – 696 с.
7. Виленкин, Н. Я., Куницкая, Е. С., Мордкович, А. Г. Математический анализ дифференциальное исчисление. – М.: Просвищение, 1978. – 160 с.
8. Клименко, Ю. И. Высшая математика для эканомистов в примерах и задачах. - М.: Экзамен, 2006. – 734 с.

# ИСТИФОДАИ БАРНОМАИ КАЙҲОННАМОИ STELLARIUM ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ



**Ризои БАҲРОМЗОД – номзади илмҳои физикаю математика, ходими пешбари илмии Институти физикаю техникаи ба номи С. У. Умарови АМИТ**

**Маорифи муосир тақозо менамояд, ки дар раванди таълим технологияҳои нави иттилоотӣ ва воситаҳои интерактивии омӯзишӣ васеъ истифода бурда шаванд. Ин талабот, махсусан, ба фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, аз ҷумла, астрономия бештар дахл дорад. Усулҳои анъанавии таълими астрономия, ки асосан дар заминаи харитаҳои коғазии ситораҳо, нақшаҳо ва тасвирҳои чопӣ ба вуҷуд омадаанд, на ҳамеша метавонанд дараҷаи зарурии аёнӣ ва шавқу ҳаваси хонандагонро ба дарс таъмин намоянд.**

Азбаски раванду ҳодисаҳои астрономӣ хеле мураккаб ва динамикӣ мебошанд, хонандагон (махсусан, мактаббачагон) онро тавассути тасвирҳои беҳаракат ва тавсифи шифоҳӣ ба таври комил дарк карда наметавонанд. Бинобар ин, дар раванди таълим ҷорӣ намудани нармафзорҳои махсус, ки имкони омӯзиши интерактивӣ ва диданиву аёнии ҷирмҳои осмонӣ ва ҳодисаҳои астрономиро фароҳам меоранд, аҳаммияти хос дорад.

Дар даҳсолаҳои охир барномаҳои виртуалии кайҳоннамоӣ дар муассисаҳои таълимӣ васеъ паҳн гардидаанд. Ин барномаҳои махсуси компютерӣ имконият медиҳанд, ки осмони пур аз ситораҳо ва падидаҳои гуногуни астрономӣ бо сатҳи баланди воқеият ва аёнӣ моделсозӣ шаванд. Истифодаи чунин барномаҳо ҷараёни таълимро шавқовару босамар, интерактивӣ, ҷолиб ва барои хонандагону донишҷӯёни сатҳи донишашон гуногун фаҳмо менамояд. Дар байни маъруфтарин барномаҳои сайёравӣ метавон аз Celestia, Starry Night, RedShift, Google Sky ва Stellarium ном бурд. Барномаҳои виртуалии кайҳоннамоӣ имкон медиҳанд, ки монеаҳои зиёди усулҳои таълими анъанавӣ бартараф карда шаванд ва таваҷҷуҳи хонандагон ба омӯзиши фанни астрономия ба таври назаррас зиёд гардад. Бо вуҷуди зиёд будани чунин барномаҳо, маҳз барномаи виртуалии



кайҳоннамоии Stellarium аз ҷониби омӯзгорон ва мутахассисони методикаи таълим эътирофи хосса пайдо кардааст. Сабаби чунин маҳбубият пайдо кардани барномаи мазкур афзалиятҳои он мебошад, ки аз ҷумлаи онҳо насбу истифодаи ройгон, мувофиқ будан бо шумораи зиёди гаҷетҳо (ҳам дар компютер ва ҳам дар телефон) ва интерфейси содаву қулай мебошад, ки ҳам барои корбарони навомӯз ва ҳам барои истифодабарандагони таҷрибадор мувофиқ аст.

Барномаи мазкурро аз сомонаи stellarium.org барои компютер боргирӣ ва насб кардан ё ба таври онлайн бо нишонии stellarium-web.org истифода бурдан мумкин аст.

**Тавсиф ва имкониятҳои барномаи Stellarium**

Stellarium барномаи кайҳоннамои виртуалии муосир буда, барои омӯзиши дақиқ ва воқеъбинонаи осмони ситоразор ва ҷирмҳои кайҳонӣ пешбинӣ шудааст. Барнома дорои

имкониятҳои васеъ буда, ба истифодабарандагон имконияти омӯзиш ва таҳқиқи ҷирмҳои осмонӣ ва ҳодисаҳои гуногунро дар реҷаи on-line, инчунин, дар шароити гуногуни замонӣ ва маконӣ фароҳам меорад. Stellarium бо сифати баланди тасвирҳои ҷирмҳои осмонӣ фарқ мекунад, ки дарки равандҳои астрономиро хеле осон карда, ба азхудкунии беҳтари онҳо мусоидат менамояд.

Яке аз хусусиятҳои асосии барнома дақиқияти баланди моделсозии ҳаракати ҷирмҳои кайҳонӣ мебошад. Ба шарофати ин хусусият, истифодабарандагон метавонанд ҳаракати сайёраҳо, моҳвораҳо, ситораҳои думдор (комета, зузанаб) ва дигар ҷирмҳоро мувофиқи мадор ва масири воқеии онҳо мушоҳида намоянд. Ин хусусият барномаро на танҳо барои дӯстдорони астрономия, балки барои таҳқиқоти ҷиддии илмӣ низ воситаи муфид мегардонад.

**Имкониятҳои асосии Stellarium:**

• **Тасвирсозии беш аз 600 000 ситора дар феҳрасти асосӣ.** Бо ҳамроҳ кардани феҳрастҳои иловагӣ адади ситорагонро метавон то 210 миллион расонид. Ин имкон медиҳад, ки навъҳои гуногуни ситораҳо ба таври муфассал омӯхта шуда, хусусиятҳои ситораҳои алоҳида таҳқиқ гарданд. Феҳристи ҷирмҳои кайҳонӣ зиёда аз 80,000 объекти кайҳони дурро дар бар мегирад. Бо илова кардани феҳристҳои иловагӣ, ин шумора метавонад то ба 1 миллион объекти кайҳони дур расад.

• **Мавҷудияти доираи васеи ҷирмҳои астрономӣ**, аз ҷумла, сайёраҳо ва моҳвораҳои онҳо, астероидҳо, кометаҳо, галактикаҳо ва абрҳои газию чангӣ. Рӯйхати бештар аз 10 ҳазор астроидҳо мавҷуд аст. Ин хусусият имкониятҳои таълимӣ ва таҳқиқотии барномаро хеле густариш дода, таҳқиқоти ҳам ҷирмҳои наздик ба низоми офтобӣ ва ҳам галактикаҳои дурро имконпазир месозад.

• **Тасвири воқеъбинона ва муфассали ҳодисаҳои атмосферӣ ва кайҳонӣ**, аз ҷумла, тулуъ ва ғуруби Офтоб, гирифти Моҳ ва Офтоб, ҳодисаҳои метеорӣ, ҳаракати кометаҳо ва ҳатто моҳвораҳои сунъии Замин. Барнома, инчунин, давраҳои тағйирёбии фазаҳои Моҳро вобаста ба замон ва макони мушоҳида нишон медиҳад.

• **Танзими мушоҳидаҳо** бо интихоб намудани макони ҷойгиршавии мушоҳид дар рӯи Замин ва интихоби замони мушоҳида. Истифодабаранда метавонад дилхоҳ нуқтаи кураи Заминро интихоб карда, тағйирёбии манзараи осмони ситоразорро вобаста ба арз, тӯл ва ҳатто баландӣ аз сатҳи баҳр мушоҳида намояд. Имкони интихоби замон низ мавҷуд ва барои омӯзиши рӯйдодҳои таърихӣ ё пешгӯии ҳодисаҳои оянда хеле муфид мебошад.

• **Имкониятҳои интерактивӣ ва эҷоди аниматсияҳо ва сенарияҳои корбарӣ**. Ин ба омӯзгорон ва донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо ҷирмҳои осмонӣ на танҳо мушоҳидаи ғайрифаъол дошта бошанд, балки ба онҳо фаъолона таъсир расонида, сенарияҳои мушоҳидавӣ ва таҷрибавии худро эҷод кунанд. Ин хусусият, махсусан, дар раванди таълим хеле зарур буда, ба азхудкунии беҳтари маводи таълимӣ тавассути таҳқиқоти мустақилона мусоидат мекунад.

• **Истифодаи барномаи мобилӣ барои муайян кардани объектҳои осмонӣ**. Дар версияи мобилии Stellarium истифодабаранда метавонад телефони худро ба осмон равона карда, дар муддати чанд сония ситораҳо, бурҷҳо, сайёраҳо, кометаҳо ва моҳвораҳоро муайян намояд. Ин хусусият бо истифода аз компас ё магнитометри дастгоҳ амалӣ мегардад.

Дар барномаи **Stellarium** корбарон метавонанд як қатор параметрҳои дақиқи ҷирмҳои осмониро мушоҳида ва таҳлил намоянд. Ин параметрҳо барои омӯзиш ва таҳқиқоти астрономӣ хеле муҳим мебошанд:

**Параметрҳои асосии ҷирмҳои осмонӣ дар Stellarium**

▪ **Ном ва рақами феҳрист.** Номи расмии ҷирм (масалан, Vega, M31) ва рақами феҳристии он (аз феҳристҳои Messier, NGC, Hipparcos ва ғайра).

▪ **Қадри ситоравӣ** (Magnitude). Қадри ситоравии зоҳирии ҷирм (V-magnitude), ки бузургии равшаниро нишон медиҳад. Ин параметр метавонад бо ё бе ҳисоб кардани фурӯбурди атмосфера нишон дода шавад.

▪ **Координатаҳои осмонӣ:**

• Фарози мустақим (Right Ascension, RA) ва майли ҷанубӣ (Declination, Dec) дар низоми экваториалии J2000;

• Баландӣ (Altitude) ва азимут (Azimuth) дар низоми координатаҳои уфуқӣ, вобаста ба макони мушоҳида;

- Кунҷи соатӣ (Hour Angle) ва масофа (Distance) аз Замин.
- **Андозаи кунҷӣ** (Angular Size). Андозаи зоҳирии ҷирм дар осмон, ки бо дараҷа ё дақиқаи кунҷӣ ифода мешавад.
- **Масофа аз Замин.** Масофаи ҷирм аз Замин, ки одатан дар воҳидҳои астрономӣ (AU), соли рӯшанӣ ё парсек ифода мешавад.
- **Маълумоти иловагӣ.** Барои баъзе ҷирмҳо, маълумоти иловагӣ ба монанди:
- суръати ҳаракат (масалан, барои комета ва астероидҳо);
- фазаи ҷирм (масалан, барои Моҳ ва сайёраҳо);
- ҳодисаҳои махсус (масалан, гирифт, транзитҳо ва ғайра).
- **Маълумоти визуалӣ.** Stellarium, инчунин, тасвирҳо ва диаграммаҳои ҷирмҳоро пешниҳод мекунад, ки барои фаҳмиши беҳтари хусусиятҳои визуалии онҳо кумак мерасонанд.

**Методикаи истифодаи Stellarium дар ҷараёни таълим**

Истифодаи барномаи Stellarium дар фаъолияти таълимӣ метавонад таваҷҷуҳи хонандагонро ба омӯзиши фанни астрономия ба таври назаррас зиёд намуда, фанро ҷолибтар ва фаҳмотар намояд. Имкониятҳои таъсири мутақобилаи интерактивӣ бо кайҳони виртуалӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳодисаҳои гуногуни астрономиро мушоҳида ва таҳқиқ карда, пажуҳишро рушд диҳанд.

Ба ёрии Stellarium омӯзгор метавонад падидаҳои гуногуни астрономӣ, аз ҷумла, ивазшавии фаслҳо, ҳаракати сайёраҳо, гирифтани Моҳ ва Офтоб, ҳаракати зоҳирии Офтоб аз рӯи бурҷҳо ва суратҳои фалакиро намоиш диҳад. Чунин намоишҳо барои дарки беҳтари сабаб ва хусусиятҳои ҳодисаҳои мазкур мусоидат менамоянд.

Ғайр аз ин, Stellarium барои ташкил намудани корҳои лабораторӣ ва вазифаҳои амалӣ, ки ба рушди малакаҳои кор бо координатаҳои астрономӣ ва муайян кардани мавқеи ҷирмҳои кайҳонӣ равона шудаанд, хеле мувофиқ аст. Ҳамин тариқ, барномаи мазкур воситаи муҳимми методӣ буда, ба амиқсозии донишҳои хонандагон ва афзоиши таваҷҷуҳи онҳо ба илм мусоидат мекунад.

Дар ҷадвали зер намунаҳои кори лабораторӣ ё вазифаҳои хонагӣ, ки хонандагон метавонанд барои шароити Тоҷикистон иҷро кунанд, оварда мешавад.

| № | Номгӯи кор | Ҳадафи асосӣ | Натиҷаи интизоршаванда | Тарзи пешниҳоди ҳисобот |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Мушоҳидаи ҳаракати зоҳирии ситораҳо дар осмони шабона | Фаҳмиши тарз ва шакли зоҳирии ҳаракати ситораҳо дар осмон | Дарк кардани ҳаракати даврии ситораҳо дар атрофи Қутби Шимолӣ | Тасвири тарзи ҳаракати ситораҳо |
| 2 | Муайян кардани фазаи Моҳ ва тағйирёбии он | Омӯзиши тағйирёбии фазаҳои Моҳ дар тӯли моҳ | Таҳияи ҷадвали фазаҳои Моҳ вобаста ба рӯз | Ҷадвал + расмҳои экранӣ (скриншотҳо) |
| 3 | Омӯзиши тулуъ ва ғуруби Офтоб дар фаслҳои гуногун | Фаҳмидани таъсири фаслҳо ба замон ва самти тулуъ ва ғуруб | Графики муқоисавии замони тулуъ ва ғуруби Офтоб дар фаслҳои гуногун | Ҷадвал + график дар Word ё Excel |
| 4 | Муқоисаи осмони шабона дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Хоруғ | Муқоисаи осмон дар арзҳои гуногуни ҷуғрофӣ | Муайян кардани фарқиятҳо дар осмон дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон | Гузориши муқоисавӣ бо тасвир ва диаграмма |
| 5 | Муайян кардани координатаи як ситораи | Омӯзиши координатаҳои | Ҷадвали координатаҳои | Ҷадвал бо координатаҳо + |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | муайян | астрономӣ | ситораҳои мушаххас бо шарҳ | тавсифи хаттӣ |
| 6 | Мушоҳидаи сайёраҳо ва таҳияи ҷадвали рӯзҳое, ки онҳо дида мешаванд | Мушоҳида ва таҳияи ҷадвали намоёнии сайёраҳо | Ҷадвали дидашавии сайёраҳо вобаста ба вақт | Ҷадвали 5-рӯза бо соатҳои мушоҳида |
| 7 | Мушоҳидаи бурҷҳо | Шиносоӣ бо бурҷҳои муҳимми осмон | Муайян кардани ҳудудҳои 5 бурҷ аз 12 бурҷи зодиакӣ | Расм ё скриншот бо тавсифи номҳо |
| 8 | Пайгирии ҳаракати сайёраи Зуҳра дар тӯли 5 рӯз | Дарки ҳаракати сайёраҳо дар осмон | Диаграммаи тағйирёбии мавқеи Зуҳра дар тӯли 5 рӯз | Ҷадвал бо сана/вақт + тасвир ё график |
| 9 | Мушоҳидаи гирифти Моҳ | Омӯзиши гирифтани Моҳ бо мисол | Скриншот ва шарҳи гирифтани Моҳ бо сана ва вақт | Гузориши хаттӣ бо расм ва санаҳо |
| 10 | Муайян кардани вақти намоёншавии галактикаҳо дар осмон | Омӯзиши вақти мушоҳидашаваии галактикаҳои муайян | Таҳияи ҷадвале, ки сана, вақт ва баландии галактикаҳоро нишон медиҳад | Ҷадвали муфассал бо сана, вақт ва маълумоти координатӣ |

**Хулоса,** истифодаи барномаи Stellarium дар ҷараёни таълими фанни астрономия на танҳо имкониятҳои аёнӣ ва визуалиро фароҳам меорад, балки муҳити таҳқиқотии муосирро барои хонандагону донишҷӯён муҳайё месозад. Ин барномаи ройгон ва дастрас воситаи пурқувватест барои омӯзиши ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ, фаҳмиши низоми координатҳо, шиносоӣ бо падидаҳои табиии астрономӣ ва татбиқи донишҳои назариявӣ дар амалия.

Тавассути корҳои лабораторӣ ва супоришҳои таҳқиқотии инфиродӣ хонандагон метавонанд малакаҳои мушоҳида, муқоиса, таҳлил ва хулосабарориро рушд диҳанд. Бо истифода аз имкониятҳои интерактивии барнома, омӯзгорон дарсҳои астрономияро ҷолиб, шавқовар ва муосир мегардонанд, ки ба баланд шудани сатҳи дарки мавзуъ мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, ҷорӣ намудани барномаҳои муосири таълимӣ, аз ҷумла, Stellarium, ба сифати як воситаи методии муассир дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон иқдоми саривақтӣ ва зарурӣ ба шумор меравад.

Якдилу якҷиҳату якрӯ бош
В-аз дурӯёни ҷаҳон яксӯ бош!
Аз каҷӣ хезад, ҳар ҷо халалест,
«Ростӣ-ростӣ!» ҷӣ неку масалест.
Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,
Рост гӯ, рост шунав, рост нишин!

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

*Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №119 тасдиқ шудааст*

# ТАРТИБИ ЭЪТИРОФ ВА МУАЙЯН НАМУДАНИ БАРОБАРАРЗИШӢ (НОСТРИФИКАТСИЯ)-И ҲУҶҶАТҲОИ ТАҲСИЛОТИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ (минбаъд – Тартиби мазкур) қоидаҳои эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

2. Эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм (минбаъд – мақоми ваколатдор) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи дуҷониба ва бисёрҷониба доранд ва ҳуҷҷатҳои таҳсилоти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» дар давлатҳои хориҷӣ таҳсил намудаанд, эътироф ва баробарарзиш (нострификатсия) дониста мешаванд.

## 2. ТАЛАБОТ БА ПЕШНИҲОДИ ҲУҶҶАТҲОИ ТАҲСИЛОТИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

4. Ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ ба мақоми ваколатдор дар асоси аризаи шахс (шахси ваколатдорнамудаи ӯ) ё дархости ташкилот дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ пешниҳод карда мешаванд. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳои шахсони ноболиғ аз ҷониби падару модар, васӣ, парастор ё шахсони дигари онҳоро ивазкунанда амалӣ карда мешавад.

5. Ба аризаи шахс ё дархости ташкилот оид ба эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

- нусхаи ба забони давлатӣ тарҷумашудаи ҳуҷҷати таҳсилоти давлати хориҷӣ (зинаҳои таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, бакалавр, мутахассис ва магистр), ки тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби идораи нотариалии давлатӣ тасдиқ карда шудааст (ба истисnои ҳуҷҷатҳо бо забони русӣ);
- нусхаи шиноснома ва шаҳодатномаи иваз намудани насаб, ном ва номи падар (агар чунин ҳолат вуҷуд дошта бошад) (барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- нусхаи ба забони давлатӣ тарҷумашудаи шиносномаи шахс ва нусхаи шаҳодатномаи иваз намудани насаб, ном ва номи падар (агар чунин ҳолат вуҷуд дошта бошад), ки бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби идораи нотариалии давлатӣ тасдиқ карда шудааст (барои шаҳрвандони хориҷӣ);
- мавҷудияти таъйиди консулӣ ё апостоли мақоми ваколатдори давлате, ки ҳуҷҷати таҳсилотро додааст, агар шартномаҳои байналмилалӣ тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд;
- муроҷиати хаттии аз тарафи идораи нотариалӣ тасдиқгардидаи шахс оид ба додани розигӣ барои пешниҳоди маълумот дар бораи давраи таҳсилоти ӯ бо мақсади муайян намудани аслияти ҳуҷҷати таҳсилот ба муассисаи таълимии давлати хориҷие, ки онро талаб менамояд; - нусхаи расид оид ба пардохти хизматрасонии давлатӣ.

6. Мӯҳлати баррасии ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯҳ монда мешавад.

## 3. ТАЛАБОТ БА ТАШХИСИ ҲУҶҶАТҲОИ ТАҲСИЛОТИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

7. Ҳуҷҷати таҳсилоти давлати хориҷӣ ба шарте эътироф ва баробарарзиш карда мешавад, ки агар муассисаи таълимии хориҷӣ ва ҳуҷҷати додаи он дар ҳудуди ҳамондавлате, ки муассиса фаъолият менамояд, эътироф шуда бошад.

8. Ташхиси ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ оид ба эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ бочунин тарз ба роҳ монда мешавад:

- муайян намудани самт (ихтисос, касб) ва дараҷаи таҳсилоти мувофиқаткунанда;

- муқоисаи ҳаҷми курс ва фанҳои таълимӣ (модулҳо) ва натиҷаи азхудкунии барномаи таълимӣ;

- муқоиса намудани ҳуқуқҳои академӣ ва касбии дорандаи ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ бо ҳуқуқҳои академӣ ва касбӣ аз рӯйи ҳамин самт (ихтисос, касб) дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба назар гирифтани меъёри муайян намудани фарқият аз рӯйи барномаҳо (нақшаҳо)-и таълимӣ, татбиқи технология ва шаклҳои таҳсилот, ки ба азхудкунии барномаи таҳсилот таъсир намерасонанд.

9. Мақоми ваколатдор бо мақсади муайян намудани аслияти ҳуҷҷати таҳсилот мустақиман ё тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳоитаълимии давлатҳои хориҷӣ мактуб ирсол менамояд.

10. Дар сурати бе дар назар доштани модули фанҳои интихобӣ мувофиқат кардани самт (ихтисос, касб), дараҷаи таҳсилот, ҳаҷми модули фанҳои ҳатмии бахшҳои 1 ва 2-ибарнома (нақша)-и таълимӣ ва натиҷаи азхудкунии онҳо, ҳуқуқҳои академӣ ва касбии дорандаи ҳуҷҷати таҳсилоти давлати хориҷӣ бо ҳуқуқҳои академӣ ва касбӣ аз рӯйи ҳамин самт (ихтисос, касб) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷати пешниҳодгардида ба ҳуҷҷатҳои таҳсилоти муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарарзиш ҳисобида мешавад.

11. Дар ҳолати бе дар назар доштани модули фанҳои интихобӣ мувофиқат накардани самт (ихтисос, касб), дараҷаи таҳсилот, ҳаҷми модули фанҳои ҳатмии бахшҳои 1 ва 2-и барнома (нақша)-и таълимӣ ва натиҷаи азхудкунии онҳо, ҳуқуқҳои академӣ ва касбии дорандаи ҳуҷҷати таҳсилоти давлати хориҷӣ бо ҳуқуқҳои академӣ ва касбӣ аз рӯйи ҳамин самт (ихтисос, касб) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳодатнома дар бораи эътироф ва баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷати таҳсилоти давлати хориҷӣ (минбаъд – шаҳодатнома) баъд аз супоридани фарқиятҳои нақшаи таълимӣ дода мешавад.

12. Бартараф кардани фарқияти нақшаи таълимӣ тибқи тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор дар муассисаи таълимӣ, ки чунин мутахассис тайёр мекунад,гузаронида мешавад.

13. Хароҷоти ташхиси ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ аз ҷониби муроҷиаткунанда пардохт карда мешавад.

## 4. ТАЛАБОТ ОИД БА ЭЪТИРОФ ВА МУАЙЯН НАМУДАНИ БАРОБАРАРЗИШИИ ҲУҶҶАТҲОИ ТАҲСИЛОТИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

14. Аз рӯйи натиҷаҳои баррасии аризаи шахсони инфиродӣ ё дархости ташкилот аз ҷониби мақоми ваколатдор ба дорандаи ҳуҷҷати таҳсилоти давлати хориҷӣшаҳодатнома дода мешавад.

15. Шакли шаҳодатномаҳои эътирофи ҳуҷҷати таҳсилот ва баробарарзишии ҳуҷҷати таҳсилот аз ҷониби мақоми ваколатдор муайян ва тасдиқ карда мешавад.

16. Шаҳодатнома аз тарафи роҳбари мақоми ваколатдор имзо гардида, ба он муҳр гузошта мешавад.

17. Қарор дар бораи рад намудани эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин қабул карда мешавад:

- агар муассисаи таълимии давлати хориҷӣ, ки ҳуҷҷати таҳсилотро додааст, дар ҳудуди ҳамон давлат эътироф нашуда бошад; - агар шахс ҳуҷҷати таҳсилоти қалбакӣ пешниҳод намояд.

18. Дар ҳолати ошкор намудани ҳуҷҷати таҳсилоти қалбакӣ, мақоми ваколатдор ба мақомоти дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон расман хабар медиҳад.

19. Дар ҳолати нагирифтани шаҳодатнома аз ҷониби муроҷиаткунанда, шаҳодатнома ба муҳлати 5 (панҷ) сол дар бойгонии мақоми ваколатдор ва баъдан 50 (панҷоҳ) сол дар бойгонии ҷумҳурӣ нигоҳ дошта мешавад.

20. Дар асоси дархости муроҷиаткунанда аз ҷониби мақоми ваколатдор маълумотнома оид ба воридшавии муроҷиат ва мавриди омӯзиш қарор доштани он дода мешавад.

## 5. ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ ХИЗМАТРАСОНИИ ДАВЛАТӢ

21. Эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи музднок амалӣ карда мешавад.

22. Маблағи хизматрасонии давлатӣ оид ба эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррагардида ба таври ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.

23. Нархномаи хизматрасонии давлатӣ оид ба эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда шуда, пас аз мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зиддиинҳисорӣ тасдиқ карда мешавад.

24. Дар ҳолати мувофиқат накардани ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ ба талаботи Тартиби мазкур аз маблағи умумии барои хизматрасонии давлатӣ пардохтгардида, ба аризадиҳанда танҳо маблағи барои чоп ва арзиши шаҳодатномае, ки бояд таҳия мегардид, баргардонида мешавад ва дар ҳолати муроҷиати такрорӣ, ин маблағи хизматрасонӣ аз сари нав пардохт карда мешавад.

25. Дар ҳолати гум шудани шаҳодатнома, тибқи тартиби муқарраргардида пас аз ба мақоми ваколатдор аз ҷониби шахс пешниҳод намудани рӯзномае, ки дар он эълони беэътибор донистани шаҳодатномаи қаблӣ интишор шудааст, ба ӯ дар асоси фармоиши мақоми ваколатдор нусхаи такрорӣ (дубликат)-и шаҳодатнома дода мешавад.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

26. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Тартиби мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,
Фузунтар зи мулки Фаредун бувад.
Бузургон накарданд парвои мол,
Ки амволро ҳаст рӯ дар завол.
Инон сӯи илму адаб тофтанд,
Ки номи наку аз адаб ёфтанд.

**Абулқосими Фирдавсӣ**

# МУАММОИ «ҒАЛАБА МУБОРАК!»



1. Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ, иштирокдори ҷанг. 2. Романи адиби тоҷик, ки аз диловариҳо дар ҷанг қисса мекунад. 3. Навъи мукофот, подоши қаҳрамониҳо. 4. Миллати саркардаи ҷанг. 5. Шаҳре, ки дар он муҳорибаҳои шадидтарин гузаштааст. 6. Дарё дар Россия. 7. Адиби ҷангноманавис, иштирокдори ҷанг. 8. Ҳаммаънои вожаи «камингоҳ». 9. Қаҳрамони достони «Писари Ватан». 10. Тоҷикписар, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ. 11. Шаҳри қаҳрамон. 12. Дарё дар Россия, «шоҳид»-и ҷонбозиҳои қаҳрамонони ҷанг. 13. Қалъае, ки парчами Зафар дар он афрохта шуд. 14. Давлат, саркардаи ҷанг. 15. Мафҳуми ҳамдигарфаҳмӣ. 16. Нашрияе, ки аз музаффариятҳо дар ҷанг хабар медод. 17. Исми кӯтоҳшудаи силоҳи ҷангӣ. 18. Шаҳри қаҳрамон. 19. Муаллифи очерки таърихии «Чингизи асри ХХ». 20. Мубориزи роҳи озодии Испания, ки се писараш дар ҷанг шаҳид шудааст. 21. Амали математикии номаълум. 22. Генералиссимус. 23. Нахустин Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ аз Осиёи Миёна. 24. Мошини ҳарбии ҷангӣ. 25. Шаҳри қаҳрамон, ки дар он яке аз муҳорибаҳои пуршиддат ба амал омадааст. 26. Зодгоҳ. 27. Фатҳу кушоиш. 28. Ҷумҳурии ҳафтуми ИҶШС. 29. Дарё дар Федератсияи Россия, «шоҳид»-и муҳорибаҳо дар ҷанг. 30. Як навъи ҳашарот. 31. Фасле, ки ҶБВ шурӯъ гардид. 32. Вожаи ҷуфтистеъмоли «нанг». 33. Исми адиби тоҷик, ки дар ҶБВ иштирок карда, аз пирӯзиҳои мардуми ИҶШС мақолаҳо менавишт. 34. Ифодакунандаи байни ду самт. 35. «Солдат» бо забони тоҷикӣ. 36. Сиёҳ, сафед, сурх. 37. Ҳамақида, пайрави Гитлер. 38. Ҷирми осмонӣ. 39. Исми саркардаи ҷанг. 40. Ҳуҷҷати расмӣ. 41. Муродифи мактуб. 42. «Андоза нигаҳ дор, ки *** накӯст». 43. Ҳайвони саворӣ, ки дар ҷанг истифода мешуд. 44. Техникаи ҳарбӣ. 45. Ҳаммаънои калимаи «раҳмат». 46. Аз байн бурдан, бекор кардани хатти мубориза. 47. Шакли ҷамъи «асил». 48. Ҷашн, сурур шодмонӣ. 49. Ба асорат гирифташуда. 50. Донаи шоҳмот. 51. Восита (ҳуҷҷат»)- и муайян кардани хати мубориза. 52. Истилоҳи илми физика. 53. Муродифи давлат, кишвар. 54. Маршали Иттиҳоди Шуравӣ, яке аз фармондеҳони Артиши ИҶШС. 55. Унсури кимиёвӣ. 56. Шаҳр дар Осиёи Миёна. 57. Пойтахти ҷумҳурӣ дар собиқ ИҶШС. 58. Муродифи вожаи «оташ».

***Мураттиб Ҳотами ҲОМИД***